АБДУРАҲМОНИ АБДУМАННОН

# ПИНДОРҲО
# ВА
# ИНГОРҲО

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2006

ББК 83.3 (2 тоҷик)
А-14

**Ин китоб бо дастгирии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
мӯҳтарам Э.Ш. Раҳмонов
чоп шудааст**

***Ба ёди бародари бузург ва
муаллими ғамхорам Абдуқодир***

Муҳаррир ***Низом Қосим***

***Абдураҳмони Абдуманнон.***
А-14 **Пиндорҳо ва ингорҳо**. Душанбе, «Адиб», 2006. 216 саҳ.

Маҷмӯаи «Пиндорҳо ва ингорҳо» аз мақолаҳои адабиётшиносӣ, очерки ҳуҷҷатӣ, намунаҳои шеър ва тарҷумаи бадеӣ фароҳам омадааст, ки адиб дар солҳои охир таълиф намудааст.

**© Абдураҳмони Абдуманнон, 2006**

# I

# *Пиндорхо*

# ШЕЪР ҶАҲОНИ ШОИР АСТ

***(Дар заминаи гузориш дар маҷлиси Садорати Иттифоқи нависандагон, 22.12.2002)***

Раванди таҳаввули шеъри имрӯзи тоҷикӣ он қадар сода ва равшан нест, ки дар як нишасту як-ду маърӯзаву гузориш бо тамоми пастиву баландӣ ва камияту кайфияташ арзёбӣ гардад. Хусусан ки дар даҳ-понздаҳ соли охир таҳқиқи равандҳои адабӣ ва тақризи китобҳои шеър тақрибан ба сатҳи нестӣ расидааст. Биноан, ҳар чи ки имрӯз мо дар ин мавзӯъ мегӯем, ба ҷуз мушоҳидаву мулоҳизаҳое нест, ки фаротар аз бардошти завқу салиқа ва имкони мутолиаву шинохти шахсиамон бошад. Ва, ба назари ман, таҳлили хурдагиронаи эҷодиёти шоире ё шеъре низ натиҷаи матлуб нахоҳад дод. Зеро, ба қавли шӯхиомези худи адибон, дар байни аъзои Иттифоқи нависандагон ками андар каманд адибоне, ки ба истеъдоду қудрати адиби дигар арҷ гузоранд, аксари кулл чунинанд, ки ҳар кадом ба пиндори худ даҳост. Аз ин рӯ, чунон ки шоири зиндаёд Нодири Нодирпур гуфтааст, «агар шеър хуб бошад, ба дифоъ ниёз надорад ва гар бад бошад, аз дифоъи ман ё дигарон суде ҳосил нахоҳад омад».

Ба ин маънӣ имрӯз метавон аз ҳусну қубҳи шеъри тоҷикӣ бисёр баҳс кард ва ин баҳс ҳатман хеле ва хеле паҳлӯҳои гуногун хоҳад дошт: ҷанбаи ҳунарӣ, ҷанбаи фаннӣ (вазн, қофия, таносуби калом, мантиқ ва ғ.), дарунмояву мӯҳтавои шеър, забони шеър, шаклу қолабҳо ва ғайраву ҳоказо. Ва ҳар кадом аз ин ҷанбаҳо метавонад

мавриди мунозираҳои тӯлонӣ қарор гирад ва яқинан ба як натиҷаи дилхоҳ расидани ҳамаи мо низ аз эҳтимол дур аст. Зеро оид ба ҳар кадом аз ин ҷанбаҳои баҳс ҳар нафар метавонад назару биниши худро дошта бошад. Албатта, ба ҷуз меъёрҳое, ки ба ҳукми муқаррароти ҳатмии шеър даромадаанд.

Манзараи таҳаввули бештар аз даҳсолаи шеъри тоҷикӣ, ба назару пиндори ман, он ҳақиқати кӯҳна ва забонзадаеро бори дигар таъйид кард, ки шеър (ва умуман адабиёт) оинаи зиндагист. Танҳо пештар мо (шахсан ман) ин маъниро чунин мефаҳмидем, ки адиб дар мазмуну мундариҷа, мавзӯъ ва ғояи асар бояд масъалаҳои замони худ ва ё рӯҳияи ҳамзамони худро аксандоз ва тасвир бикунад.

Воқеаҳои 10-15 соли охир, авзоъи зудтағйири ҷомеаи Тоҷикистон дар ин давра, сатҳи зиндагӣ, тафаккур ва ҳадафҳои гуногуни гурӯҳҳову ҳизбҳову қавмҳо, бозиҳои ғаразноки сиёсӣ, тағйиру табдили мавқеъҳою муносибатҳо ва ғайраву ҳоказо – хулоса ҳамаи пасту баланд ва мадду ҷазри ҳаёти ҷомеа – дар адабиёти ин замон, хоса дар шеър, аксандоз гардид.

Мухтасаран бигӯем, сатҳи шуури сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии ҷомеа ба сатҳи шеър умуман таъсиру нақши равшан гузошт.

Хусусан дар ибтидои солҳои 90 кӯчагиву омиёна шудани сиёсату фарҳанг ба омиёнаю кӯчагӣ гардидани эҷодиёти як гурӯҳи калони шоирони тоҷик асар кард. На танҳо сатҳи мавзӯъ, арзиши дарунмоя ва ороишу пероиши каломи шоирона, балки худи меъёрҳои муносибат ба шеър ва сухани шоирона хеле ва хеле коҳиданд. Ба хотир овардани ба истилоҳ «шеърҳои майдон» кофист, ки дар гуфтану интишори онҳо аз назимони ҳаваскор то шоирони маъруфу майдондори мо фаъолона ширкат намуданд, ҳатто ба китобу маҷмӯаҳои худ онҳоро ворид

карданд. Чунин навиштаҳо нақду мунаққидони худро низ ба миён оварданд.

Ҳоло аз нигоҳи меъёрҳои асили шеър бингарем, ҷои шубҳае нест, ки он навиштаҳо ба шеър муносибате надоранд, вале ба муддати чанд соли пасоянд то андозае тавонистанд сатҳи шеърро поён кашанд, шеърро ба майдони сиёсатзадагӣ ва савдогарӣ тела диҳанд. Дар натиҷа сафи ба ном шоирони китобдор хеле афзуд, матни сурудҳои сарояндагони навбаромад хароб ва завқи хонандагону шунавандагон коста шуд. Барои хонанда душвор шуд, ки байни шеъри воқеан иҷтимоӣ, дардомез, довталаб аз як тараф ва фарёдҳои ғаразолуд, ҳазёнҳои фиребанда аз ҷониби дигар фарқ гузорад. Зеро дар баробари ашъори иҷтимоию тағаззулии устоди шодравон Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Низом Қосим, Фарзона ва чанд тани дигар, ки аз ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ва адабӣ сарчашма гирифтаанду бо рӯҳу хуни гӯяндагонашон даромехтаанд, таҳнияту мазамматҳои мавсимию маъракавӣ, ҳазёнҳои фиребо, ҳаваскориҳои бемоя хеле зиёд манзури хонандагону ҳаводорони шеър гардиданд.

Бо вуҷуди ин шеъри имрӯзаи тоҷикӣ, агар ба манзараи таҳаввулаш бо чашми таҳқиқ бингарем, бешубҳа, дастоварду пешравиҳои хеле назаррас дорад. Қабл аз ҳама бояд гуфт, ки маърифати шеър нисбат ба солҳои пешин болотар рафт, забони шеър суфтатару пухтатар шуд, ки ин падидаро бо як назари сатҳӣ низ метавон дид, дарунмояву муҳтавои шеър фарогиртару рангинтар гардид ва ниҳоят, раванду тамоюлҳои хеле гуногуну мутафовит зуҳур карданд ва рушд доранд.

Дар ин ҷараён тамоюлҳои бештар ҳадафманду намоёнтар дутоянд, ки онҳоро ба истилоҳ суннатгароӣ ва навгароӣ метавон номид. Як гурӯҳи шоирон низ ҳастанд, ки ба ҳарду тамоюл алоқа зоҳир мекунанд. Дар ҳардуи

ин тамоюл асарҳои хубу бад ва миёна фаровон эҷод мешаванд.

Хатари аз ҳама назаррас дар тамоюли суннатгароӣ гаравидан ба умумигӯӣ, ривояту тавсиф, такрору тақлид ва дур мондан аз халлоқияту эҷодкории воқеӣ аст. Ман аз мисол овардан дар ин маврид худдорӣ мекунам, ба ин сабаб ки мисолҳо ниҳояту ниҳоят фаровонанд. Танҳо изҳори умедворӣ мекунам, ки шоирони суннатгаро аз кӯчаҳои сарбастаи тайшуда худро раҳо намуда, ба идома додани роҳи гузаштагони шӯҳратёри худ муваффақ шаванд, чунон ки ба устодон Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ паймудани роҳи худ дар ин ҷода даст додааст.

Дар доираи тамоюли суннатгароӣ дар солҳои охир як равияи тозае зуҳур кард, ки онро метавон равияи фаннӣ ё тафаннунӣ номид. Ин равия, ба назари ман, аслан аз достони «Гаҳвораи Сино»-и Мӯъмин Қаноат ҷиддан шурӯъ шуда буд. Дар осори шоирони ин равия ҷанбаҳои таҳқиқию маърифатӣ мавқеъи намоён дорад. Хусусан, дар эҷодиёти Сафармуҳаммад Айюбӣ ин равия аз драмаҳои манзуми ӯ оид ба шахсиятҳои таърихию фарҳангӣ шурӯъ шуда, ҳоло дар манзумаҳояш, ки ба ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ бахшида шудаанд, торафт равшантар зоҳир мегардад. Гароиши тафаннунӣ дар баъзе қасидаҳои Салимшо Ҳалимшо, аз ҷумла дар қасидҳои маҷмӯаи «Хонаи офтоб» (2003) ба мушоҳида мерасад. Вале дар онҳо ривояту афсона, пиндору ингор, мозиву ҳол, хаёлу манол чунон даромехтаанд, ки аз гардиши гароиш то домани идроки тафаннунӣ расидани хонанда амри муҳол аст. Як қисми ашъори Мӯҳтарами Ҳотам ва Назри Яздонро низ метавон ба равияи тафаннунӣ мансуб донист.

Равияи дигареро, ки дар ҳамин доира сурат гирифтааст, шартан «шеъри китобӣ» номидан мумкин аст. Аксари кулли ғазалиёти Абдулло Қодирии Мумтоз,

як қисми шеърҳои Салими Хатлонӣ, Шаҳноз ва бисёри дигар шоирони ғазалсароямон ба ҳамин равия наздиканд. Ҳатто дар китобҳои Фарзона, ки аз тавонотарин ва хушзавқтарини шоирони имрӯзаи мост, ингуна шеърҳо кам нестанд. Хусусияти чашмраси чунин шеърҳо ин аст, ки гӯяндагони онҳо ба ороишу пероиш ва ритму оҳанги сухан воқеан аҳамияти зиёд медиҳанд.

Аз Абдулло Қодирии Мумтоз:

*Боз аз ғусса фиғон хоҳам кард,*
*Шиква аз сӯзиши ҷон хоҳам кард.*
*Бе ту, эй моҳваши симинсоқ,*
*Ашк аз дида равон хоҳам кард…*
*Шамъсон сӯхт дил аз оташи ишқ,*
*Ғами дил бе ту гарон хоҳам кард.*
*Мастам аз ғамзаи чашмат, ҷоно,*
*Кунҷи майхона макон хоҳам кард…*

Аз Фарзона:

*Лабам гум кард истеъдоди зебои такаллумро,*
*Нигоҳам бохт нозук рафтани фикри табассумро.*
*Дигар аз боми ларзони ҳавас афтодаам бар хок,*
*Дигар афшондаам аз сар хаёли фатҳи анҷумро…*

Аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ:

*Гирифторам ба он дилбар, ки бовар мекунад моро,*
*Ниҳодам сар ба пое, тоҷ бар сар мекунад моро.*
*Гусастам риштаи меҳру вафо аз бевафо ёрон,*
*Ки аҳди бевафоён хору абтар мекунад моро…*

Аз Салими Хатлонӣ:

*Золи азрақпӯш бар каф мекашад паймонаро,*
*Менишонад дар азо ин дидаи мастонаро.*
*Рост рафтан пойро дандони ҳиммат мекунад,*
*Роҳ меандозад охир тоби мӯ ин шонаро…*

Ин қабил шеърҳо ба истилоҳ суратиянд, камтар гармӣ доранд, бо вуҷуди ҳамаи дурустиҳою зебоиҳо аз зиндагӣ зиёд бархурдор нестанд, содатар гӯям, зочаҳои бисёр зебоеро мемонанд, ки ҷон надоранд.

Аз равияи умумигӯиву оддигӯӣ, ки маҳсулаш бештар аз гапҳои манзум ва тавсифҳои забонзадаю кундшуда чизе нест ва аз бофтаҳои ба зоҳиру зоҳир гӯё орифона, ки хеле роиҷ шудааст, ин ҷо ҳоҷат ба сӯҳбат ҳам нест.

Мусаллам аст, ҳунари шоири асил вақте ба зуҳур меояд, ки агар ӯ воқеаҳои хусусии зиндагӣ ва ҳолатҳои ҷудогонаи шахси худро бо ҳаводиси рӯзгор ва авзоъи ҷомеа пайваста ва омезиш дода тавонад. Ва баёни ин пайванду омезиш бояд чунон сурат бигирад, ки ҳар кас худро шарики ҳиссиёту бардошти гӯяндаи шеър пиндорад. Дар ин гуна шеърҳо мо ба сухани зиндаю гарм рӯбарӯем. Ҳар мисраъ, ҳар таъбир, ҳар исту зада дар чунин шеър ҷон дорад, бор дорад, ҳадаф дорад, мухотаб дорад.

Аз устод Лоиқ:

*Чӣ ҷои шукри шукуфа?! Баҳор хунин аст,*
*Насими шумнафас дар гузор хунин аст.*
*Дарахт дасти дарего ҳамезанад бар сар,*
*Ҷавона ғамзадаю шохсор хунин аст…*
*Замон ба зону нишаста зи хории миллат,*
*Замин зи пой фитода, мадор хунин аст.*
*Зи осмону замин бӯи хун ҳамешунавам,*
*Чӣ беш гӯям аз ин?! Рӯзгор хунин аст.*

*Зи халқи хеш, ки фарҳанги бостон дорад,*
*Чӣ ифтихор кунам?! Ифтихор хунин аст.*

Бубинед, изҳори муносибат, мавқеъ ва ақида, дардошноӣ ба манзараҳои ҳазини муҳити иҷтимоӣ шахси шоирро то кадом андоза фаъол ва шеърро то куҷо муассир гардонидааст. Як ҳарфи туфайливу як таъбири ангал раҳ наёфта дар ин ғазал.

Ман бисёр шеърҳои Гулрухсорро низ ҳамин гуна дармеёбам, дар онҳо ситоишу накуҳиш, шӯру ғалаён, энергияи рӯҳ, муҳаббату надомат, парвозҳову афтиданҳо, хастагиву болидагӣ, пайвастану гусастанҳо ва чандин дигар тобишу ҷилваҳои ҳолати шахси гӯяндаро метавон дид. Таваҷҷӯҳ фармоед ба ин пора аз шеъри «Аз паси сад парда»:

*Ман агар аз зулмати шабҳои ваҳшат*
*То кунун илҳоми шеъри рӯшанӣ дорам,*
*Ман агар аз дудгоҳи абри тира*
*Шомхӯрда ахтаронро нури чашми диданӣ дорам,*
*Ман агар аз вартаи зуҳду риё*
*Бар ҳафт пушти хасми фардо*
*номаи бахшиданӣ дорам,...*
*Хештанро, ҳамчунон ҷоми булӯрин,*
*рӯи каф бардошта,*
*То мазори хору зори сарбадорон – Тоҷикистон –*
*Ношикаста, зинда бурдан метавонам!*
*Ман барои зиндагонии шараф*
*Дар коми аждар*
*Зинда будан метавонам!*

Охирин маҷмӯаи шеърҳои устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ «Фарёди бефарёдрас» аз намунаҳои барҷастаи ҳамин гуна шеър фароҳам омадааст. Аз шеъре, ки зиндагии мову шумо, рӯҳу авзоъи замонро бо кайфияту

камияташ аз тариқи тавоноиву шуҷоати адабӣ инъикос мекунад ва, иншооллоҳ, ки ин мояро ба замонҳои дигар интиқол медиҳад.

Чунин шеър аслан дар шууру дили хонанда ангезаи ризоияту ҳамдилӣ ва ё инкору инсёнро ҳатман ба вуҷуд меорад. Маҳз ба тавассути чунин шеърҳо ҷаҳони шоир офарида мешавад, ки барои хонанда низ марғуб асту вай ба он ҷаҳон метавонад ворид шавад, бо ғаму андӯҳ ва шодию сурури гӯяндаи шеър шарик бошад, бо ӯ ҳамовоз гардад.

Сирри маҳбубият ва вирди забонҳо будани ашъори устод Лоиқ танҳо дар ҳамин аст. Худи шоир инро медонист, ки гуфтааст:

*Асли ман шеъру газалҳои мананд,*
*На ҳамин шӯру магалҳои мананд…*
*Дар ҷаҳон бо ҷумла бурду бохтам*
*Ман ҷаҳони хешро ҳам сохтам.*

Як-ду сухан дар ҳошияи шеърҳои навгароён мехоҳам гуфта бошам. Чи дар Эрон ва чи дар Тоҷикистон ин тамоюл аз ду равияи умда иборат аст: равияи иҷтимоию ҳамосӣ ва равияи тағаззулӣ. Пояҳои ҳарду равияро дар Тоҷикистон устод Мӯъмин Қаноат гузоштааст. Ҳоло дар равияи аввал Гулназар, Зиё Абдулло ва дар равияи дуюм Доро Наҷот, Абдулқодири Раҳим бештар қалам меронанд. Инҳо ва дигар шоироне, ки ба ин пайраҳа гом ниҳодаанд, чизҳои ҷолибе доранд, ки ҳама ҳусну қубҳашон таҳқиқу таҳлили махсуси ҷиддӣ ва фурсати дигарро тақозо мекунанд. Ин ҷо ҳамин қадар мегӯям, ки вақте аз шеъри ватанхоҳонаи Гулназар мехонам:

*Ман сафедии сабоҳатро иваз ҳаргиз нахоҳам кард*
*бо сад қитъаи сӯзони Африқо,*

байни «сафедии сабоҳ» ва «қитъаи сӯзон» на ихтилоф мебинам, на таносуб. Вале вақте ӯ аз «ғами девона» ё аз «захми бонг» ва «захми лаззат» сухан мегӯяд, ҳузури шеърро қоилам.

Маъниҳои баландмоя ва тасвиру тавсифҳои зебову гиро дар шеърҳои навгароёна низ зиёд ба чашм мерасанд.

Аз Гулназар:

*Тоҷикистон!*
*Аз сабоҳе, к-аз замири як сухан рӯ мегушояд,*
*Рӯ мапеч,*
*Шӯълаеро, к-аз дили як вожа мехезад,*
*Кам мабин,*
*Ман ба қадри ваҳми як тифли мусофир*
*Аз шаби торики тақдири ту метарсам.*

Ва пуропуранд таъбиру таркибҳои ошнои бегона, дудхӯрда дар танӯри шеъри ҳамсоя, тақлиду тақлиди бемоя, нави хеле кӯҳна, ки санъати муғлақиро шиор кардааст.

Аз Доро Наҷот:

*Насиме*
*оганда зи атри тасбеҳ*
*сабзтарин ошиқонаҳоро*
*бо фасоҳати ояҳои яздонӣ*
*дар мадрасаи беша*
*ба гӯйиш овард.*
*Чаковакҳо*
*ба самоъи забонаҳои сабз*
*ва рақси болҳои зард*
*жӯлиданд.*

Ба ҳар ҳол аз шоирони навгарои тавонои Эрон Аҳмади Шомлу дар равияи иҷтимоию ҳамосӣ ва Сӯҳроби Сипеҳрӣ дар равияи тағаззулӣ ба ин тамоюл то охир содиқ монданд, аммо Ахавони Солис, Фаридуни Таваллулӣ, Ҳушанги Соя, Нодири Нодирпур, Фаридуни Мушир ва даҳҳо шоирони муқтадири дигар, ки ҳама аз пайравони Нимоянд, дар ниҳояти кор ба шеъри суннатӣ арҷ гузоштаанд. Аз ҷумла Ахавони Солис дар алоқамандӣ ба ин мавзӯъ дар пешгуфтори нашри дуввуми «Охири «Шоҳнома» навиштааст: «… навиштани қитъаоти бевазн барои ман пеши худам як озмоишаке буд… Аммо баъдҳо дунбола гирифтани ин шеваи номавзунро написандидам. Зеро дидам ва санҷидам … аз ин гуна корҳое «шеър ба маънои ом» битавон суроғ гирифт… Ин гуна суханон ба ҳар ҳол мисли ин ки як чизе кам дорад аз шеър, албатта «шеър ба маънои хос».

… Бале, дидам, як чизе кам дорад ингунаҳо аз онгунаҳо, ки шеър аст, шеъре комил ва тамом, ба ҳамин маънии хос, на ом албатта…»

Боз ҳам мегӯям, ки адабиёт озмоишро дӯст дорад ва ба шоирони навгаро низ таманнои онро дорам, ки ҷаҳони шеъри худро битавонанд бунёд кунанд ва Худо кунад, ки он ҷаҳон роғибону муштоқон низ дошта бошад.

***2005***

# ШЕЪРЕ, КИ ЗАВҚ ПАРВАРАД

Адибони асил паёмбар ва паёмгузори замон ва насли хеш ҳастанд. На ба он сабаб, ки осорашон ба солномаву воқеаномаҳо шабеҳ бошанд, балки ба ин маънӣ, ки рӯҳи замон ва умдатарин нишонаҳои маънавиёти ҳамзамонони хешро дар офаридаҳояшон акс менамоянд. На ба он сабаб, ки ба муносиботи воқеъоти расмӣ асаре менависанду ҳамсадоии худро ба иқдомоти мусаллатини замон иброз медоранд, балки ба ин маънӣ, ки дар офаридаҳояшон ҳастии таърихӣ, иҷтимоӣ ва рӯҳонии халқро дар пайванди гузаштаву имрӯзи ӯ метавонанд ҳувайдо намоянд. Ва ниҳоят, на танҳо ба он сабаб, ки анъаноти адабии гузаштаро идома медиҳанд, балки низ ба ин маънӣ, ки метавонанд дар заминаи он анъанот мактаб ва сабки адабии худро биёфаранд.

Аз масири ҳамин меъёрҳо ба эҷодиёти устод Мӯъмин Қаноат бо назари тадқиқ бингарем, шахсияти халлоқӣ, маҳорати нигорандагӣ ва ҳунари барозандагии ӯ дар манзари шеъри кунунии тоҷикӣ хеле равшану барҷаста намудор хоҳад шуд.

Муҳаққиқони назми муосири тоҷик бар ин ақидаанд, ки шеъри мо аз нимаи солҳои 50 ва бахусус аз солҳои 60-и қарни гузашта ба марҳалаи тоза ворид шуд, ки моҳияти он аз зуҳури тағайюроти сифатӣ дар сохту таркиб, системаи образҳо ва сатҳи бадеиву эстетикии шеър иборат аст. Ин маҷро аслан аз эҷодиёти Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ ва Файзулло Ансорӣ шурӯъ шуд, вале ба чанд иллат пеш нарафт. Аввалан,

шоирони мазкур дар тозакориҳояшон асосан ба таҷрибаи шоирони насли солҳои 30 (ба истилоҳ насли комсомол) ва эҷодиёти шоирони рус такя карда, истеъдоду маҳорати худододашонро то тавонистанд дар ҳамин замина сайқал доданд. Сониян, онҳо ба назарияи реализми сотсиалистӣ сахт мусаллаҳ буда, аз ворид шудани аносири усулҳои дигари тасвир (мисли романтизм, сентиментализм, имажинизм ва ғ.) ба осорашон мепарҳезиданд. Солисан, истеъдоди онҳо бо вуҷуди ҳамаи навовариву тозагӯиҳое, ки доштанд, аз равияи маъмули шеъри тавсифӣ берун нарафта, пойбанди қолабҳои тафаккури бадеии расмӣ ва нимрасмӣ буд. Ва ниҳоят, дар осори онҳо рӯҳи шеъри классикӣ, нафаси ҷонбахши каломи бузургони гузашта кам эҳсос мешуд, ки дуруштиву ноҳамвориҳои ашъорашонро суфтаву пухтатар гардонад. Ва шояд баъзе сабабҳои дигар ҳам дар ин миён бошанд.

Мӯъмин Қаноат аз аввалин қадамҳояш дар ҷодаи шеър гӯё ҳамин иллатҳоро мехост аз пеши роҳи худ бартараф бикунад. Ҳанӯз дар шеърҳои шогирдонаи ӯ, ки аслан муқайяди мавзӯъҳову тавсифҳои маълум буданд, кӯшиши офаридани тасвирҳову таъбирҳои тоза ба назар мерасид. Масалан, дар шеъри «Ду гул» (1955), ки ба маъмултарини мавзӯъҳои он замон – васфи духтарони пахтачин бахшида шудааст, банди ҷолибе ҳаст:

*Яке з-он аз сафедӣ нуқраи хом аст, пиндорӣ,*
*Ба пояш пахтазорон чатри нилфом аст, пиндорӣ,*
*Фурӯзон рӯи он худ ахтари шом аст, пиндорӣ,*
*Дигар дар байни он манзар маҳи том аст, пиндорӣ.*

Чунон ки мебинем, дар ҳамин як шеъри шогирдона ҳам ташбеҳот барои назми он солҳо тоза ва нав буданд.

Ё ки шеъри «Пири гулфурӯшон»-ро (1959) бигирем, ки шоир дар он чи хел мӯҷаз ва нишонрас тасвири зиндаи манзараи баҳорони кӯҳи Варзобро офарида:

*Кӯҳи Варзобро чи даврон аст,*
*Гӯиё пири гулфурӯшон аст.*
*Ҷомаи беқасаб ба бар дорад.*
*Локии шоҳӣ дар камар дорад,*
*Саллаи суф гирди сар дорад,*
*Сабади гул ба пеши бар дорад.*

Маҳорати тасвиркориҳои Мӯъмин Қаноат баъдан дар шеърҳои маъруфи ӯ «Об мехӯрад», «Обшор» такмил ёфта, дар шоҳкориҳояш «Нарав, қуи сафеди ман» ва «Ману шабҳои бехобӣ» ба дараҷаи эъҷози воқеъӣ расид. Ду шеъри охир аз лиҳози таносуби лаҳну оҳанг бо мазмун ва аз ҷиҳати хамоии (пластик будани) сухан умуман дар шеъри нави форсӣ камназиранд.

Назари Қаноат ба рисолати шеър тадриҷан тағйир пазируфта, таваҷҷӯҳаш ба мавзӯъҳои муҳимми таърихиву иҷтимоӣ ва маънавӣ бештар зоҳир шуд. Манзумаи «Шоир ва шоҳ», шеърҳои «Зиндаи ҷовид», «Эй шоири Сомон!», «Суруди охирин», «Қатли Восеъ» ва мисли инҳо дар корбасти мавзӯъҳои таърихиву фалсафӣ барои офаридани достонҳои таърихимавзӯъи ӯ «Тоҷикистон – исми ман» ва «Гаҳвораи Сино» заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Зимнан, ин ҷо мехоҳам як нуктаро таъкид бикунам, ки Мӯъмин Қаноат тақрибан сӣ соли эҷодиёти худро пойбанди мавзӯъҳои ҷашнӣ ва ҳадафҳои сиёсати замон кард. Достонҳои мазкур аслан маҳсули ҳамон платформаи сиёсати адабӣ мебошанд. Дар достони аввал панорамаи ҳаёти халқ дар масири як фосилаи муайяни таърих тасвир шудааст. Достони дуюм бошад, фалсафаи ҳаёт ва фаъолияти илмиву эҷодии Шайхурраис Абӯалӣ ибни Синоро дар манзари таърихи пурошӯби замони ӯ

аз лиҳози бадеӣ инъикос намудааст. Ҳамин равияи ҳамосаписандӣ самти асосии фаъолияти эҷодии устод Мӯъмин Қаноат гардид. Аз ин гаравиш ҷанбаи лирикии истеъдоду эҷодиёти шоир сахт осеб дид.

Маҳорати Мӯъмин Қаноат дар эҳсос кардани мавзӯъҳои муҳимми ҳастии халқ ва дар ибрози мавқеъи шоистаи граждании нисбат ба тафсиру талқини ин мавзӯъҳо қобили таҳсину тақдир аст. Бисёре аз мавзӯъҳоеро, ки моҳияти иҷтимоӣ, таърихӣ ва сиёсӣ доранду шоирон аз солҳои 70 то имрӯз ба онҳо гаштаву баргашта муроҷиат мекунанд, Мӯъмин Қаноат ҳанӯз дар солҳои 60 тарҳрезӣ карда буд. Шеъри машҳури ӯ «Ба ҳаводорони забони тоҷикӣ»-ро ба хотир оред:

*Қанд ҷӯӣ, панд ҷӯӣ, эй ҷаноб,*
*Ҳар чи меҷӯӣ, биҷӯ.*
*Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,*
*Ҳар чи мегӯӣ, бигӯ.*
*Форсӣ гӯӣ, дарӣ гӯӣ варо,*
*Ҳар чи мегӯӣ, бигӯ.*
*Лафзи шеъри дилбарӣ гӯӣ варо,*
*Ҳар чи мегӯӣ, бигӯ.*
*Баҳри ман танҳо забони модарист,*
*Ҳамчу шири модар аст.*
*Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,*
*Чунки меҳри модар аст.*
*З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам*
*Дӯст медорам варо,*
*Чун навозишҳои гарми модарам*
*Дӯст медорам варо.*

Мӯъмин Қаноат ин шеърро соли 1963 гуфта буд, вале мо баҳси се ва ё як забон будани забони форсиву тоҷикиву дариро охири солҳои 80 оғоз кардем. Ӯ бо меҳри бепоён, ниҳоят ширин ва дилнишин суханашро гуфт,

мавқеъ ва муносибаташро ба забони модарӣ ифода намуд, вале рӯшанфикрони мо дар гузоришу ҳалли ин масъала аз баҳсҳои илмиву илмимаоб то низоъҳои маҳалливу гурӯҳӣ расиданд. Аз шоирон низ чанд тан дар мавзӯъи ситоиши забони тоҷикӣ шеърҳое навиштанд, вале бо оҳанги арбадаҷӯиву ситезаписандӣ (аз устод Лоиқ, Бозор Собир то шоирони ҷавонтар).

Баъзе мавзӯъҳое, ки шоирони мо дар сари онҳо солҳои 70-80 бисёр гиру мон ва баҳсу талош карданд, низ дар бархе аз ашъори солҳои моқабли Мӯъмин Қаноат зимни абёти лирикӣ хеле нишонрасу нозукадоёна баёни худро ёфта, вале азбаски аз рӯҳияи пархошҷӯёнаву ҳангоматалабона орӣ буданд, камтар мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтанд. Масалан, ба мавзӯъи Самарқанду Бухоро, тақдири таърихии ин ду маркази тамаддуни тоҷикон дар шеъри «Суруди охирин» чунин ишорае ҳаст, ки дар он сӯзу гудози ниҳонии шоир ифода ёфта:

*Ба тундӣ хашми дарёям,*
*Ба тамкин сабри саҳроям,*
*Ба нармӣ чун дили ошиқ,*
*Ба сахтӣ санги хороям,*
*Ба савдо рафта дунё чун*
*Самарқанду Бухороям,*
*Макун дигар ту савдоям…*

Навиовариву навпардозии Мӯъмин Қаноат дар системаи образҳои шеъри тоҷикӣ, дар сохт ва таркиби арӯз, дар офаридани шаклҳои тоза ва эҳёи ашколи анъанавӣ бо мазомини нав дар навиштаҳои муҳаққиқони мо то андозае баррасӣ шудааст. Ҳамин қадар мехостам илова бикунам, ки дар шикастани мисраъҳо, дар истифодаи арӯзи озод Мӯъмин Қаноат қариб ҳамеша аз пайи таъкиду таъйиди маънӣ рафта, бо тақозои исту гардишҳои мантиқӣ сари ин корро гирифтааст. Шеърҳои «Хоби

қаҳрамон», «Давоми нек роҳатро», «Нарав, қуи сафеди ман», «Ману шабҳои бехобӣ», «Гули бодом» ва достони «Китобҳои захмин» аз ҳамин қабиланд.

Достонҳои Мӯъмин Қаноат дар таърихи адабиёти муосири тоҷик мақоми хоса доранд. Беҳтарин намунаҳои достони реалистии эпикӣ («Падар»), таърихиву фалсафӣ («Гаҳвораи Сино»), публитсистӣ («Тоҷикистон – исми ман»), лирикиву ҳамосӣ («Сурӯши Сталинград» ва «Мавҷҳои Днепр») дар назми муосири мо ба қалами ӯ мансубанд.

Нақши шеъри Мӯъмин Қаноат дар парвариши завқи шоирони солҳои 60-80 ниҳоят равшан аст. Баланд шудани ҳисси масъулияти шоир нисбат ба шеъре, ки мегӯяд, кӯшиш ба риояти таносуб ва мантиқи сухан, бамавриду саҳеҳ истифода кардан аз захираи луғат ва таъбироти рехтаи забон, эҷодкорона ба кор бурдани имконоти дохилии арӯзи тоҷикӣ ва қофия – ин ҳама ба замми истеъдоду табъ ва омӯзиши шоирон омилҳое буданд, ки савияи шеъри моро дар ду-се даҳсолаи охир хеле баланд бардоштанд ва дар ин ҷода хидмати устод Мӯъмин Қаноат ва саҳми шеъри ӯ шоистаи тақдиру таҳсин аст.

Барои баланд шудани завқи хонанда ва афзудани таваҷҷӯҳи мардуми мо ба шеър расм шудани бидуни қоғаз ё китоб, яъне аз ёд қироат кардани шеър аз ҷониби худи шоирон нақши муҳим бозид. Дар саргаҳи ин кор низ устод Мӯъмин Қаноат меистод ва дигар шоирон аз ӯ нек пайравӣ карданд.

Умуман, агар гӯем, ки ҷавоншоирони солҳои 60-70-и қарни гузашта дар ибтидо ҳама аз мактаби шеъри Қаноат сабақ омӯхтаву баъдан иддае пайроҳаҳои худро пайдо карданд, саҳв нахоҳад шуд. Ба ибораи дигар, ҳамаашон аз ҳамон лонаи шеъри Мӯъмин Қаноат (ҳамчунон ки худи ӯ ва ҳамсолонаш аз лонаи шеъри Лоҳутиву Турсунзода)

болу пар бароварда, дар фазои бекарони шеъри тоҷикӣ ҳар кадом самтеву роҳеро интихоб кардааст.

Дунёи шеъри Мӯъмин Қаноат хеле рангин аст, ба қавли худи шоир, «бекарон баҳрест» ва ҳар ғаввос метавонад гавҳари дилхоҳ аз он биёбад, агар гавҳаршинос бошад.

Роҳи устод Мӯъмин Қаноат дар олами шеъри форсӣ пайравони бешумор дорад. Аминем, ки ин роҳ дароз хоҳад буд ва давоми нек хоҳад дошт.

***2002***

# ПАЁМИ ДӮСТ

***(ба муносибати 60-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар)***

Дӯсти азизам, Гулназар, инак, шастсола шудед, шасти камолот муборак бод!

Хостам ба ин муносибат мақолае перомуни осоратон бинависам, вале боз андешидам, ки ба чанде аз маҷмӯаҳои ашъоратон тақризҳо нашр кардааму оид ба шеъратон дар мақолаҳои ҷудогона ва суханрониву сӯҳбатҳои адабӣ изҳори ақида намудаам. Аз ин рӯ, Гулназари азиз, хостам бо Шумо сӯҳбати якҷонибае дошта бошам, то озодона битавонам баъзе аз бардоштҳо ва андешаҳоямро оид ба шахсияти адабӣ ва шеъри Шумо дар манзари рушду таҳаввули адабиёти кунунии тоҷик иброз намоям.

Бо ҳамин ният китобҳоятонро рӯи мизи кориам паҳн намудам, ёддоштҳову мақолаҳоям, инчунин таълифоти дигар адибону мунаққидонро оид ба шеъри Шумо ҷамъ овардам. Маҷмӯаи нахустини шеърҳоятон – «Расми сарбозӣ»-ро боз кардам. Аз варақи аввали китоб Гулназари ҷавони ҷавон дар манзари гулзор ба дуриҳои дур нигоҳи хаёломезу андешамандона афкандааст ва мегӯяд:

*Агар ман чашмаам, эъҷози тӯфон аст ҳар ҷӯшам,*
*Ба мушти хок, охир, кай тавонӣ кард хомӯшам?!*
*Агар хокам, саропо лолапӯшам дар баҳори умр,*
*Нахоҳӣ дод барбодам!*

*Агар ман донаам, бо хок омезам ҷаҳони худ,*
*Зи нав рӯям, биёбам офтобу осмони худ,*
*Нахоҳӣ дод барбодам…*

Байти охири шеърро намехонам. Ситезаолуд аст, кайфияти мисраъҳои болоро надорад. Китобро варақгардон мекунам. Мехоҳам шеърҳоеро биёбам, ки дар рӯзномаи девории факултаи филологияи тоҷик ва ё дар рӯзномаи бисёртеъдодаи «Ба қуллаҳои дониш»-и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон чоп шуда буданд ва ё дар маҳфили адибони ҷавони донишгоҳ қироат карда бошед. Ва меёбам қитъаеро, ки соли 1963 дар васфи зодгоҳи худ гуфтаед:

*Деҳаам дар домани кӯҳи баланд,*
*Ҳамчу лаълии пур аз шаҳду шакар.*
*Кӯҳ гӯӣ дар каф онро дошта*
*— Марҳамат,– гӯяд ба ҳар як раҳгузар.*

Сода гуфтаед, вале ба тасвир кӯшидаед. Шумо аз ибтидо ба тасвир майл доштед, дунё, манзараҳо, мардумро бо чашми дил медидед, дилдодаву дилбохта будед.

Ҳамон соли 1963, ки мо донишҷӯи соли аввалу Шумо донишҷӯи соли сеюм будед, дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» шеъри «Рангҳои баҳор» чоп шуд. Дар муқоиса бо анбӯҳи шеъри тавсифиву ситоишӣ, ки он замон хеле маъмул буд, ин шеъри ҷавони 18–сола дар назари мо як эъҷози воқеӣ менамуд:

*Дар дашт саҳоб нақшбандӣ дорад,*
*Дар боғ бунафша сарбаландӣ дорад.*
*Дар пераҳани баҳор имрӯз, нигар,*
*Олам чи намуди дилписанде дорад.*

*Лола ба мисоли машъале месӯзад,*
*То домани маргзори деҳ афрӯзад,*
*Биншаста дар он суман чу дилдодаи ман*
*Дар ранги баҳор локие медӯзад.*

Хонандаи имрӯз шояд бигӯяд, ки ин ҷо тасвири манзара тозагӣ надорад, таъбирҳо ва ташбеҳҳо нав нестанд ва ғайраву ҳоказо. Вале он солҳо ин тарзи нигориш аз навҷӯиву тозагӯӣ дарак медод, ҳатто ташбеҳоти содаву воқеие, ки ба тасвири манзарае мусоидат мекарданд, хуш пазируфта мешуданд.

Ҷавоншоирони насли Шумо, Гулназар, дар ашъори ошиқона аз Аминҷон Шукӯҳӣ, дар шеърҳои иҷтимоӣ аз Ғаффор Мирзо, дар навҷӯиҳо ва хусусан дар ҳамоса аз Мӯъмин Қаноат бештар пайравӣ мекарданд. Лоиқ Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ғоиб Сафарзода, Баҳром Фирӯз ва Ҳабибулло Файзулло, ба қавли ноқидони ҷавонамон, аз пешкисватони он насл буданд, ки ба тозакориву навгӯӣ зиёдтар мекӯшиданд. Аз охири солҳои 60-и қарни гузашта Шумо, Гулрухсор, Сайидалӣ Маъмур ва андаке дертар Бозор Собир ба ин радиф пайвастед. Сипас ҳар кадом аз пайраҳаи худ рафтед.

Раҳкушоиро устод Мӯъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ оғоз карда буданд.

Вале, чунон ки худи Шумо борҳо иқрор кардаед, «ҳама он шоирони ҷавоне, ки баъди Лоиқ ба адабиёт омадаанд, аз шеъри Лоиқ шеъргӯиро омӯхтаанд. Ё аз ӯ тарзи омӯзиш ва баҳраҷӯиро ёд гирифтаанд». Шояд на ҳамаи шоирони насли Шумо ва наслҳои баъдина бо ин фикр розӣ бошанд. Лекин таъсири шеъри Лоиқ ба раванди шеъри тоҷикии сӣ соли охири қарни 20 мусаллам аст. Ва ин таъсир файзбахш ва хеле фарогир ҳам буд. Гузашта аз ин, рӯҳияе, ки Лоиқ тавассути шеъраш ва шахсияти адабиаш талқин мекард, тамоми ҷомеаи адабиву илмӣ, хусусан ҷавононро фаро гирифта буд. Ин рӯҳияро метавон

шуҷоати адабӣ, ҷасорати граждани, миллатпарастии солим номид. Албатта, дар паҳлӯи Лоиқ чанд тани дигар ҳам буд, вале хизмати Лоиқ дар ин ҷода хоса аст.

Ин мавзӯъ ва ин маънӣ дар китоби Шумо «Лоиқе чун Лоиқе» хеле дақиқ, холисона, бо далелу мисолҳои фаровон матраҳ шудааст.

Солҳои 60-80-и қарни гузаштаро давраи рукуд ва карахтӣ номиданд. Шояд. Вале муҳити адабии Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, он солҳо хеле пурҷӯшу хурӯш ва аз ҷараёнҳову тамоюлоти мухталиф пурбор буд. Аз як тараф, адабиёти ба истилоҳ «расмӣ» хеле ва хеле фаъолу қавӣ буд, дар доираҳои адабиву фарҳангиву илмӣ, умуман дар ҷомеа, таъсиру нуфузи бузург дошт ва дар сатҳи сиёсати давлатӣ бидуни чуну чарое дастгирӣ меёфт.

Аз ҷониби дигар, шеъри нави форсӣ, ки намунаҳояш аввал тавассути ашъори Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод, Сиёвуши Касроӣ ба Тоҷикистон расид ва баъдтар шумораи ин номҳо хеле зиёд шуд, таваҷҷӯҳ ва самти ҷустуҷӯҳои эҷодии ҷавоншоирони он солҳоро ҷониби худ мекашид.

Як нуктаро бояд таъкид бикунам, ки дар ин самт шикастани қолаб, вазн, қоидаҳои қофия ва дар маҷмӯъ шакли шеъри анъанавӣ он қадар муҳим набуд, ки баъзеҳо таъбир мекарданд, ҳарчанд ин омилро низ аз доираи назар берун афкандан нашояд. Муҳимтар он буд, ки шеъри нав диди тоза, муносибати тозаро ба муҳит ва умуман ба мавзӯъ тақозо мекард ва ниҳоят, тафаккури нави адабиро ташаккул медод. Масалан, ба анъанавитарин мавзӯи шеъри 40-50 соли даврони шӯравӣ – мавзӯи Ватан аз солҳои 70-и қарни гузашта дар шеъри тоҷикӣ назар ва муносибати тамоман нав ба миён омад. Дар доираҳои адабиву илмӣ истилоҳоти барои он замон батамом тозае, мисли «Ватани кӯчак» ва «ҳофизаи таърихӣ», маъмул шуданд. Хулласи калом, ҷомеаи солҳои 60-80-и қарни

гузаштаро дар соҳаҳои сиёсату иқтисод, чунон ки мегӯянд, карахтӣ ва рукуд фаро гирифта бошад ҳам, муҳити адабӣ маҳз дар ҳамон солҳо хеле фаъол, ҷӯянда ва эҷодкор буд.

Дар он муҳит нақши Шумо, соҳибҷашни азизи мо, низ хеле равшан ва назаррас аст. Китобҳои ашъоратон «Дастархон», «Нардбон», «Ағба», «Паҳно», «Лангар», «Пайи дарё», «Чашми нигин», ки дар солҳои 70-80 ба табъ расиданд, мавриди гуфтугӯ ва баҳсу мунозираҳои ҷиддии адабӣ қарор мегирифтанд. Яъне шеъри Шумо, ҷустуҷӯ ва бозёфтҳоятон ҳеҷ гоҳ аз мадди назари ҳамқаламон ва нақди адабӣ дур намондааст. Агар навиштаҳои худ ва таълифоти ҳамқаламонро оид ба ин китобҳоятон мухтасаран ҷамъбаст бикунам, хулоса чунин хоҳад буд, ки шеъри Шумо рангин, оҳанги суханатон гӯшнавоз ва мазмуни каломатон дилнишин буд. Шумо шеърро бо меҳри бепоён ва самимияти тамом гуфтаед, шеъри лоқайдона, бофтаву сохтаро кам навиштаед, ҳар суханатон парвардаи ақлу дил буд ва аз шеъри аввал касро ба андешаву ҳиссиёти наҷиб ҳидоят кардаед, чунон ки мегӯед:

*Орзу чун гули маҳтоб шабе*
*Рехт дар сурати шеър аз дили ман.*
*Шеъри аввал!*
*Зи ҳамон дам гӯё*
*Ҷӯш зад чашмаи меҳр аз дили ман…*

Шумо, Гулназари азиз, аз ибтидо ба мавзӯи Ватан, тарғибу ташвиқи ҳиссиёти ватандӯстӣ таваҷҷӯҳи хоса доштед, дар ашъори иҷтимоии худ пайванди ногусастании қаҳрамони лирикиро бо Ватан самимона таъкид мекардед:

*Дардҳои ҷонгудозу бедавои мо – Ватан,*
*Захмҳои кории мо, нолаҳои мо – Ватан,*
*Оре, оре, ибтидову интиҳои мо – Ватан.*

Ҳамин меҳру муҳаббат буд, ки Шумо дар лаҳзаҳои барои Ватан фаҷеътарин – маҳз аз ибтидои солҳои 90 ба баъд дар шеър симои воқеан муфрад ва хоси худро ба зуҳур овардед. Маҳз аз он вақт ба баъд, ки мавқеи ҳар фард, хусусан адиб, нисбати Ватан ва ҷомеа равшан ба зуҳур омад, ниҳоли шеъри худро аз сояи дарахтони шеъри дигарон тавонистед батамом дур кашед ва дар фазои дигар бисабзонед. Аниқтараш, муҳити иҷтимоиву сиёсии тамоман нав, муносибатҳои ғайриоддии ҷамъиятӣ назари Шуморо ба муҳит, ба ҷомеа ва инсон, дар ниҳояти кор ба адабиёт ва кори адабӣ тағйир дод.

Воқеаҳои ибтидои солҳои 90 Шуморо гӯё ба деги ҷӯшони имтиҳон андохтанду пазонданд.

Солҳое, ки дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бо Шумо ҳамкорӣ доштем, шояд аввалин шунавандаи бисёр шеърҳоятон будам. Хусусан солҳои 1992-1997, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон оғоз шуду идома ёфт, дили Шумо баробари сӯхтани қитъаҳои гуногуни кишварамон месӯхт, ҳамроҳи кушта шудани ҳар фарзанди номдори халқ мемурду ба умеди бақои миллат ва Ватан аз нав эҳё мешуд. Ман ба ёд дорам, ки тақрибан ҳар субҳ бо чашмони аз бехобӣ фурӯрафта, бо тани афсурдаву рӯҳи хаста аз дари дафтари кориам медаромадед, ё дар роҳрави бино вомехӯрдему баъди салому алейк мегуфтед: «Шаб хобам набурд, як (ё ду-се) шеър навиштам, хонаматон?» Мехондед, бо сӯзи дард мехондед, аксаран ҳамроҳи Абдулҳамиди Самад саропо гӯш мешудему мешунидем. Шумо на танҳо дарду алами худ, балки он ҳиссиётеро низ ифода мекардед, ки ҳамаи моро фаро гирифта буд. Шеър мехондеду ба назарам худро андак сабуктар ҳис мекардед. Хулоса, дар он айём Шумо, Гулназари азиз, бо шеър зинда будед ва агар бигӯям, ки аксари вақтҳо ба ҷои нон ғизои сухан мехӯрдед, муболиғае нахоҳад шуд.

Аксари кулли он шеърҳо дар китобҳои «Ҳар мисраъи шеър Тоҷикистони ман аст», «Фариштаи бомдод»,

«Қадаҳи шабнам», «Шӯълаи барқади сӯзони малоҳат», «Ойинаи ташна» ба табъ расида ва дар китоби тозанашри «Фасли оғоз» сара карда шудаанд.

Албатта, шеърҳои ҳар яке аз ин китобҳо дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ ба як сатҳ нестанд. Манзурам ҳам мӯҳтаво ва ҳам ҷанбаи бадеияти онҳост. Ва ин табиист. Бояд бигӯям, ки аз миёни шеърҳои он солҳо ниёишҳоятон ҳам авзои вақт ва ҳам рӯҳияи Шумо ва моро (шояд аксари мардуми ҷумҳурӣ, хоса сокинони Душанберо) хеле муассир ифода мекарданд. Ман мӯҳтаво, мазмун ва оҳанги бисёри онҳоро ба ёд дорам, лаҳни хониши Шумо ва ҳолататонро ҳангоми хондани шеър фаромӯш накардаам. Аз ҷумла пораҳои зеринро, ки дар он айём мехондед:

*Ин саҳар дар шохаҳо овози мурғони саҳар*
*ях бастааст,*
*Хандаҳои зарҳалии офтоб*
*Дар лабаш бишкастааст…*
*Эй нафас, к-аз гармсери сина меоӣ пушаймон,*
*Ту гусастӣ? Ё рамидӣ? Дар куҷоӣ?*
*Дар билоде, ки замину осмонашро*
*ҳавои меҳрубонӣ нест,*
*Илтиҷо дорам Худоро, к-аз забони ман*
*Дур н-андозад даме номи баҳории туро, эй дӯст,*
*Ях бандад (набандад – А.А.) то лабони ман!…*

Ё:

*Дар сари раҳ*
*Бар тиҳигоҳи кафи дасти гадо*
*Оби борон мечакид,*
*Аз сари мижгони ман*
*бо ашки хунин*
*Тоҷикистон мечакид.*

Ва ё шеъри зеринро ҳеҷ фаромӯш нахоҳам кард, ки ҳам Шумои хонанда ва ҳам мои шунаванда ашки яъсу ҳасрат мерехтем, ба ҳоли худ ва мардум, ба ҳоли Ватан мегиристем:

*Субҳ бо лаҳҷаи тифлона биёяд ба дарам*
*нонталабӣ,*
*Мани бечоратар аз ӯ бидиҳам ёд варо шеваи*
*армонталабӣ,*
*Эй Ватан!*
*Мо ҳама талбандаи беҳосили армони худем,*
*Бо алам марди зарафшонии ту*
*Биравад хонаи ҳамсоя Зарафшонталабӣ.*
*Дӯш дидам, ки дари бастаи даврон мекӯфт*
*Лаъли хунгаштаву мекард Бадахшонталабӣ…*
*Эй дил, эй дил!*
*Ту биё, парда зи асрори куҳан бардорем,*
*Нагзарад аз сари Сомонии ман*
*Ҳаққи меросии Сомонталабӣ.*
*Хуни ман наъра занад дар раги афсурдаи ман,*
*Вақти он аст, равам бар дари андешаи хеш*
*Тоҷикистонталабӣ, Тоҷикистонталабӣ…*

Маҳз аз он солҳо Шумо ба шеъри озод бештар руҷӯъ кардед, ҳарчанд қаблан низ ба истилоҳ «хусравониҳо» (истилоҳи Ахавони Солис аст – А.А.) менавиштед. Шеърҳои озоди он солҳоятон мақбултару пазиротаранд. Дар онҳо маънову ҳадаф равшану возеҳ ифода ёфтаанд, таъбирҳо пурборанд, иртиботу таносуби вожаҳо мустаҳкаманд. Баъдтар, ба қавли худатон, ба «шустани» вожаҳо бештар майл зоҳир намудед, ниҳоли шеъри озоди худро ба сояи дарахтони шеъри Сӯҳроби Сипеҳриву Аҳмади Шомлу кашидед. Дӯстона бигӯям агар, дар сояи ғафси дарахти шеъри онҳо ниҳоли шеъри озоди Шумо аз нарасидани фазои озоду нури офтоб азият мекашаду наҳиф менамояд.

Намуна намеорам, аминам, ки худатон медонед. Хоҳиш мекунам, ниҳоли зебои шеъри озодатонро ба фазои воқеан озод биншонед, то қад афрозаду шоху барг паҳн бикунад. Ба қавли худи Шумо, дар ҷустуҷӯи ҳусни ёр ба умеди шеъри тақлидгар набояд шуд. Ба таъбири маъруф, беҳтар аст ҳар кас «анифи худро бигӯяд». Албатта, вожаҳоро бояд шуст, вале дар оби чашмаву ҷӯйу рӯди худ, то ки онҳо тозаву шаффофу хушрангу хушбӯ ва муҳимтар аз ҳама, ба димоғу чашму зеҳну завқи хонандаву шунавандаи ҳамватанатон пазирову мақбул бошанд. Умедворам, ки ин мулоҳизаҳоро на ҳамчун эроди як нафар мунаққид, балки ба сифати таманнои дӯст мепазиред.

Шумо, Гулназари азиз, аслан шоири ғазалсаро ҳастед. Ин ҷо манзурам аз ғазал на шаклу қолаби шеър, балки мӯҳтаво ва дарунмояи он аст. Яъне Шумо табиатан шоири ғанои ва ошиқ ҳастед. Дар яке аз ғазалҳоятон худ иқрор кардаед, ки «Табъи ғазалпаймои ман бо шеъри озодам насохт». Метавонам аз ғазалҳоятон даҳҳо байту пораҳоро ба сифати намуна биёрам, ки аз ҳар ҷиҳат дилнишину хотирмонанд. Бо чанд намуна иктифо мекунам:

*Ташнагиам ҳаваси ҷоми лаболаб дорад,*
*Ҷуръае, баҳри Худо, к-ин таби ман таб дорад…*
*Умрҳо дар талаби фасли висоланд ҳама,*
*Дили ман низ дар ин ғамкада «Ё раб!» дорад.*
*Шоиро, ноз макун бо сухани лабҳоят,*
*Пайи изҳори ғамаш ҳар сухане лаб дорад.*

✿ ✿ ✿

*Дар ин тангии сангистон, ки файзи осмон*
*санг аст,*
*Нафас тангу ҳавас танг аст, дил тангу қафас*
*танг аст.*

*Битобам дасти қисматро, ки эҷодаш*
*хатокорист,*
*Ки аз фарҳанги «дилҷӯӣ» ба комам вожаи*
*«ҷанг» аст.*
*Зи меҳнат панҷаи ман менамояд хушаи ангур,*
*Вале киште, ки беҳосил бувад ин ҷо, ҳамон*
*нанг аст.*

❁ ❁ ❁

*Хуни мардон зи чӣ резед? Ватан хунсо шуд,*
*Тани ёрон зи чӣ сӯзед? Ватан танҳо шуд.*

❁ ❁ ❁

*Дарди ману мулки ман дастобагаланд имрӯз,*
*Як дида намепурсад: бемор чӣ мехоҳад?...*

Гулназари азиз, ман ба ҳеҷ ваҷҳ намехоҳам арзиши ашъори Шуморо аз будаш кам вонамоям, вале бар онам, ки беҳтарин бозёфтҳоятон дар рубоиву дубайтиҳо рух намудаанд. Худ иқрор кардаед, ки «ин навъи зебои адабӣ ҳамеша бо ман будааст ва бо ман хоҳад монд». Бодо! Воқеан, лаззату кайфияти рубоиву дубайтиҳоятон дигар аст. Онҳо дар ҳар мавзӯе гуфта шуда бошанд, таъсирбахшанд, касро ба ҳамдиливу ҳамсадоӣ мехонанд:

*Ё оташи дил ба домани ёд занем,*
*Ё хирмани нанги хеш бар бод занем.*
*Аз дасти ману ту гар наояд коре.*
*Дар кишвари бедод, биё, дод занем.*

❁ ❁ ❁

*Хокистари ту шарори бунёди ман аст,*
*Хомӯшии ту забони фарёди ман аст,*

*Шамъе, ки фурӯ нишаста дар хонаи ту,*
*Рӯшангари шоми хонаи ёди ман аст.*

❁ ❁ ❁

*Аз рози нуҳуфтаам забон месӯзад,*
*Аз доғи шукуфтаам равон месӯзад.*
*Рӯзам пайи зиндагӣ гузар карду маро*
*Аз шеъри нагуфта устухон месӯзад.*

Ман ин ҷо аз ҳикояҳову таронаҳои Шумо сухан намегӯям, дӯстони ҳамқаламамон гуфтаанду навиштаанд ва боз хоҳанд гуфту навишт. Ҳамин қадар гуфтаниам, ки дар шинохту арҷгузории осори ҳамқаламон Шумо ҳамеша ҳадди эътидолу инсофро риоят кардаед, дар мавқеъ ва ақидаи худ устувор будаед. Ёд доред, соли 1983 муҳокимаи дастнависи романи Саттор Турсун «Се рӯзи як баҳор» дар ҷаласаи васеи котиботи Иттифоқи нависандагон чӣ гуна сурат гирифта буд? Мавқее, ки Ӯрун Кӯҳзод, Шумо ва банда дар муқобили ба истилоҳ «наҳангони» ҳаёти адабӣ ишғол карда будем, он вақт кори андаку осон набуд. Дар дигар мавридҳо низ борҳо шоҳид будам, ки Шумо дар муносибат ба асари адиб ё қадр кардани хизматҳои адиб ҳамеша инсоф ва адолатро меъёри ягона қарор медодед.

Истеъдоди худодод, кӯшишу заҳмати зиёд, инсофу адлу дод тавъамон Шуморо ба мартабаву манзалати адиби мумтоз ва маҳбуби мардуми тоҷик расониданд.

Гулназари азиз, бароятон ҷашни камолоти эҷодиро самимона табрику таҳният мегӯям ва орзуманди дастовардҳои наватон ҳастам.

***20 сентябри 2005***

# СИЁСАТ БА АДАБИЁТ БЕШТАР НИЁЗ ДОРАД

*(Муҳовара бо рӯзноманигор Бибихонум Дарвешзода)*

**— Чанде қабл дар сӯҳбате аз тариқи барномаи ЛИК (барномаи русии адабиёт, санъат, фарҳанг)-и радиои Тоҷикистон ба пурсиши мусоҳибатон аз хусуси он ки «кадом шоирон дар саҳифаи китоби шеъри тоҷикии қарни 20 нақши равшантар гузоштаанд?» шумо ҷавоб додед, ки «дар шеъри тоҷикии қарни 20 нақши ду «Л» равшантар аст». Албатта, манзуратон Лоҳутӣ ва Лоиқ буд. Оё ин ҷавоб оҳанги як навъ ҳукмро надорад ва чаро маҳз Лоҳутиву Лоиқ?**

— Воқеан, Лоҳутиву Лоиқ дар шеъри тоҷикӣ нақши нисбатан равшан доранд. Лоҳутӣ дар ибтидои асри 20 ва Лоиқ дар интиҳои ин аср. Ин ду нафар чун шахсиятҳои адабӣ ва низ бо осоре, ки аз худ боқӣ гузоштаанд, ба ҷараёни рушди шеъри мо, ба муайян гардидани самтҳои асосии он таъсири намоён доштаанд.

Дар мавриди Лоҳутӣ. Ҷои баҳс нест, ки ҳангоме ӯ ба Тоҷикистон омад, шеъри мо ба истисноии шеъри устод Айнӣ, Аҷзӣ, Фитрат, Пайрав Сулаймонӣ дар сатҳи паст қарор дошт: ҳам аз нигоҳи жанр ва ҳам аз лиҳози фарогирии мавзӯъ. Яъне, шеъри он рӯз рӯ ба таназзул дошт. Шеъри Лоҳутӣ як ҳалқаи пайванде гардид миёни шеъри классикӣ ва шеъри навини мо, ки бояд тавлид мешуд ва рушд мекард.

Мутаассифона, солҳои охир дар адабиётшиносии мо ва ҳам дар суханрониҳои расмӣ номи Лоҳутӣ камтар ба забон гирифта мешавад. Чаро чунин аст, намефаҳмам. Шояд бархе бар он ақидаанд, ки ӯ аслан аз Тоҷикистон нест, вале хизмати Лоҳутӣ дар ташаккули шеър ва умуман адабиёту фарҳанги навини мо, дар таъсису рушди сохторҳои фарҳангӣ, аз чопхона сар карда то ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, бениҳоят бузург аст. Инро мо набояд фаромӯш кунем.

Мукотибаҳои Лоҳутиро бо устод Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода метавон мактаби шоирӣ номид.

Воқеан, Лоҳутӣ шоири сатҳи дигар буд. Чун ғазалиёти истанбулии Лоҳутӣ, шеърҳои дар Боку, Нахҷувон ва Маскав эҷодкардаи ӯро мутолиа мекунед, мебинед, ки ӯ ҳамон анъанаҳои шеъри классикиро нигоҳ доштааст. Албатта, ин ҷо суол ба миён меояд, ки чаро Лоҳутӣ дар Тоҷикистон ба як навъ соданависӣ, оддинависӣ рӯ овард. Шеърҳое навишт мисли «Дар қишлоқи мо», «Мо деҳқонбачагонем» ва ғайра.

Гумон мекунам, сабаб дар ин аст, ки охири солҳои бистум ва ибтидои солҳои сиюм ҳама чиз барои омма эълон шуда буд. Чун Лоҳутӣ ба сохтмонҳо, саҳроҳо назди мардуми оддӣ мерафту шеър мехонд, медид, ки ғазалиёти ӯро қисми зиёди мардум намефаҳмад. Ва ӯ шурӯъ кард ба оддинависӣ. Шеърро ба василаи маърифатомӯзии сиёсиву идеологӣ мубаддал кард ва ба қавли Сипонлу, «умдаи ғазалҳои худро ба тарҳи шиорҳои маслакӣ ихтисос медиҳад, яъне мекӯшад бо шеъраш дарс бидиҳад ва сусиёлисмро то он ҷо, ки медонад, ба форсизабонҳо биомӯзонад». Шеъру манзумаҳои содаву оддии Лоҳутӣ маҳсули ҳамин ҳадафҳост.

**— Оё ӯ дуруст рафтор карда буд?**

— Албатта, ин ашъор меъёри муайянкунандаи шеъри Лоҳутӣ нест, зеро баъдтар, дар замони ҷанг ва баъди он,

Лоҳутӣ беҳтарин ғазалҳо, достонҳо ва манзумаҳои хешро суруд. Ғазали машҳури «Меҳан, эй меҳан»-ро гирем. Ман дар таърихи адабиётамон чунин шеъри ватанпарастонаро, ки хеле олӣ ва самимӣ гуфта шуда бошад, дар ёд надорам. Табиист, ки Лоҳутӣ ин шеърро дар васфи Эрон гуфта буд, зеро хеле умедвор буд, ки бо таъсиру мусоидати Иттиҳоди Шӯравӣ дар Эрон ё ақаллан дар Озарбойҷони Эрон инқилоби сотсиалистӣ зафар мекунад ва ӯ ба ватани хеш бармегардад. Вале чун артиши шӯравӣ аз Озарбойҷон бароварда шуд, Лоҳутӣ эҳсос кард, ки дигар ба ватан баргаштани ӯ имкон надорад. Ин охирин садои дили Лоҳутӣ буд, ки бо дард ва сӯзу гудоз гуфта шуд. Хоҳиш мекунам, гӯш диҳед:

*Танида ёди ту дар тору пудам, меҳан, эй меҳан!*
*Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам, меҳан, эй меҳан!*
*Ту будам кардӣ аз нобудиву бо меҳр парвардӣ,*
*Фидои номи ту буду набудам, меҳан, эй меҳан!*
*Фузунтар гармин меҳрат асар мекард, чун дида*
*Ба ҳоли пуразобат мекушудам, меҳан, эй меҳан!*
*Ба ҳар маҷлис, ба ҳар зиндон, ба ҳар шодӣ,*
*ба ҳар мотам,*
*Ба ҳар ҳолат, ки будам, бо ту будам,*
*меҳан, эй меҳан!*
*Агар мастам, агар ҳушёр, агар хобам, агар бедор,*
*Ба сӯи ту бувад рӯи суҷудам, меҳан, эй меҳан!*
*Ба дашти дил гиёҳе ҷуз гули рӯят намерӯяд,*
*Ман ин зебозаминро озмудам, меҳан, эй меҳан!*

Дигар чизе, ки мехоҳам бигӯям, ин аст, ки дар Эрон дар бораи Лоҳутӣ зиёд навиштаанд, вале ҳама бештар перомуни мавқеъ ва шахсияти сиёсии Лоҳутӣ ҳарф задаанд ва ба мӯҳтавои ашъори дар Маскав навиштаи ӯ истинод кардаанд.

Мақолаи машҳури Муҳаммадалии Сипонлу «Лоҳутӣ: шоири духавоӣ» боис гардид, ки дар бораи ӯ ҳар гуна ақоиди манфӣ паҳн гардад.

Лоҳутӣ аслан як шахси табиатан ноором буд. Дар муқаддимаи Аҳмади Баширӣ ба девони Лоҳутӣ, ки дар Эрон чоп шудааст, аз сӯҳбат бо хонуми аввалаи Лоҳутӣ ёд карда мешавад? Ӯ аз ин хонум пурсон мешавад, ки оё чеҳраи Лоҳутӣ дар ёдаш ҳаст? Ӯ ҷавоби рад медиҳад ва мегӯяд, ки ӯ аслан шом дер меомад ва субҳ зуд мерафт. Ҳамеша ноором ва дар такопӯ буд. Марди хонаводагӣ набуд. Шояд дар ҷавонӣ Лоҳутӣ чунин буд: ҷавон, инқилобчӣ, хунаш ҳамеша дар ҷӯш. Вақте дар бораи Лоҳутӣ чун шахсияти сиёсӣ ин гуна ҳарф мезананд, дуруст аст, вале баҳои муҳаққиқ ба шахсияти адабии Лоҳутӣ бояд таърихан сурат бигирад. Агар муҳити иҷтимоӣ, фазои сиёсие, ки дар он Лоҳутӣ зиндагӣ дошт, ба инобат гирифта шавад, он гоҳ баҳои мо воқеӣ хоҳад буд.

Дар Тоҷикистон Лоҳутӣ аз машҳуртарин шоирон ба ҳисоб рафта, аксари ҳунармандон ашъори ӯро месароянд, яъне шеърҳои ӯ мардумӣ шудаанд.

Дар адабиёти нимаи аввали асри 20, бо боварӣ метавон гуфт, ки Лоҳутӣ нақши мондагоре дорад ва чунон ки гуфтем, шеъри ӯ миёни мероси гузаштагон ва шеъри муосир ҳалқаи пайванд буд.

Дар мавриди устод Лоиқ. Дар сӣ соли охири асри 20, ба андешаи ман, Лоиқ шоире буд, ки самтҳои гуногуни таҳаввулоти адабиёти моро такон медод. Шоири маъруфи мо Гулназар дар китоби худ «Лоиқе чун Лоиқе» менигорад, ки ба устод Лоиқ чун ба адабиёт бояд муроҷиат намуд, яъне эҷодиёти ӯ дар сатҳи як адабиёт қарор дорад.

**— Аз лиҳози мавзӯъ?**

— На танҳо мавзӯъ, балки аз назари ҳунари шоирӣ низ, ки устод Лоиқ аз худ зоҳир кардааст. Лоиқ барои адабиёти мо чӣ дод? Қабл аз ҳама, шахсияти устод Лоиқ

чун адиб барои адабиёти мо ҷуръат ва шуҷоатро талқин кард. Шуҷоати адабие, ки Лоиқ дошт, як падидаи воқеан беназирест, ки шояд худи устод Лоиқ хизматашро дар ин роҳ то охир эҳсос накарда бошад.

Чунон ки мушоҳида мешавад, аз солҳои 70-уми асри 20 рӯҳияи худшиносӣ, миллатдӯстӣ, ватанпарастӣ, ки дар навиштаҳо ва суханрониҳои Лоиқ талқин мешуд, на танҳо ба ашъори дигарон, балки ба наср, хусусан ба публитсистика ва романнависӣ таъсир гузошт ва ин рӯҳия имрӯз низ дар адабиёти мо идома дорад.

Пештар аз Лоиқ устод Мирзо Турсунзода доир ба ин мавзӯъ ҷо-ҷо дар достони «Ҷони ширин», силсилаи шеърҳои Ҳиндустон ишораҳо карда буданд. Масалан, дар ҳамон мисраи «Рӯди ман, олам дигар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон» як фалсафаи амиқе ниҳон аст. Вале Лоиқ дар баёни ин мавзӯъ ҷасуронатар амал кард, андешаҳояшро барҷаставу рӯшантар баён дошт. Шоирони мо, ҳатто шоирони соҳибтаҷриба, бавосита ё бевосита зери таъсири ин пайкору андешаҳои Лоиқ қарор гирифтанд.

Ҳатто устод Мирзо Турсунзода шеърҳои ба модар бахшидаашонро баъди ғазали «Ба модарам»-и Лоиқ эҷод кардаанд. Бархе шояд андеша ронанд, ки ин ҷо мо Лоиқро аз устод Мирзо Турсунзода муқаддамтар гузоштаем, лекин ин воқеият аст. Шеърҳои Лоиқ дар ин мавзӯъ пештар аз шеърҳои Турсунзода навишта шуда буданд.

Дигар хизмати устод Лоиқ эҳё кардани шаклҳову жанрҳои классикӣ дар адабиёти навини мост. Ҳеҷ кас тасаввур карда наметавонист, ки ғазал дар ин давру замон чунин маъруфият касб мекунад. Танҳо ба шарофати ғазалҳои баландпояи устод Лоиқ ин жанр аз нав эҳё ва маъмул гардид. Талошу кӯшишҳои Лоиқ дар ғанӣ гардонидани таркибу захираи луғавии забони шеъри тоҷикӣ мавзӯи доманадор ва хоса аст.

**— Яъне, устод Лоиқ даъвои онро, ки жанри ғазал кӯҳна гардидаасту бо он наметавон шеъри нав гуфт, ботил карданд…**

— На ин ки ботил карданд, балки исбот намуданд, ки дар ҳама давру замон, дар ҳама гуна мавзӯъ метавон ғазали ноб гуфт, танҳо ҳунари шоирӣ лозим аст. Яъне, айб на дар жанр, балки дар ҳунари мост. Ғазалҳои охирин китоби устод Лоиқ «Фарёди бефарёдрас» аз ғазали классикон монданӣ надоранд. Ва на танҳо ғазал, балки жанрҳои дубайтиву рубоиро низ устод дубора зинда карданд, ки онҳо имрӯз ин қадар мардумӣ шудаанд. «Ҷоми Хайём», «Резаборон» беҳтарин намунаҳои рубоиву дубайтиянд. Маҳз зери таъсири онҳо дигарон дубора ба рубоӣ бо ҷиддият рӯ оварданд.

Агар ҳунари шоирӣ ҳаст, дар кадом жанре бошад, метавон сухани ноб гуфт, яъне жанрҳои анъанавии адабиёти мо ҳамеша қобили истифода ҳастанд.

Сеюм, мавзӯе нест, ки устод Лоиқ ба он рӯ наоварда бошад: аз бачагӣ, то ба ҳама лаҳзаҳои зиндагӣ. Дар рӯзи шодмонӣ, дар ҷашнҳои арӯсӣ Лоиқ ҳамнишину ҳамсоғари шумост, дар рӯзҳои мотам, бадбахтӣ Лоиқ ҳамдаму ҳамрози шумост. Дар гуфтани рози муҳаббат беҳтарин сухан ғазалҳои Лоиқ аст. Ӯ дар дили мардумон ҷой гирифт, ҳамнафасу ғамшарику шодишарики мардум шуд. Шоири ормонҳои халқ гардид. Тафаккури нав, андешаи навро дар баёни ҳисси миллӣ ҷорӣ кард. Шеъри ӯ саропо дард ва умед аст. Устод Лоиқро метавон муҷассамаи дарди зиндагизо гуфт.

Таъсири рӯҳияи худшиносии ашъори Лоиқ ба наср низ беандоза аст. Дар қисса, ҳикоя ва романҳои Саттор Турсун, А. Самадов ва дигарон таъсири ин рӯҳия баръало намоён аст.

Ба андешаи ман, аз нигоҳи ҳунар, мӯҳтавои шеър, фарогирии жанрҳо ва қолабҳои шеърӣ устод Лоиқ воқеан

дастовардҳои адабиёти авохири қарни 20-и тоҷикро дар эҷодиёти худ таҷассум кард.

Албатта, дар шеъри мо хидмати устод Мирзо Турсунзода, Пайрав Сулаймонӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Ғаффор Мирзо, Мастон Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон низ андак набуда, ҳар яке дар мақоми худ нақши муассир дорад ва суханони ман дар бораи мақому манзалати Лоиқ қадри шеъри онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ коста намегардонад.

**— Муносибати дуҷонибаи адабиёт ва сиёсатро чӣ гуна шарҳ медиҳед? Оё адабиёт метавонад аз сиёсат орӣ бошад? Адабиёт ба сиёсат эҳтиёҷ дорад ё баръакс, сиёсат ба адабиёт?**

— Таҷрибаи бештар аз ҳазорсолаи адабиёти мо нишон медиҳад, ки адабиёт ҳамеша бавосита ё бевосита ба сиёсат муносибат дорад. Муносибати дуҷонибаи адабиёт ва сиёсат аз он манша мегирад, ки ҳам адабиёт ва ҳам сиёсат бо ҷомеа сару кор доранд. Адабиёт аз иқдомҳои сиёсати давр вокунише ба зуҳур меорад: сиёсатеро, ки ба манфиати ҷомеа аст, дастгирӣ менамояд ва ё сиёсати номақбулро мазаммат мекунад. Масалан, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки навиштани он дар давраи Сомониён шурӯъ гардида буд, ҳадафи сиёсӣ дошт. Қисмати бештари осори классикони мо дар мавзӯи ахлоқ аст, ки он хоҳ– нохоҳ ба сиёсат бармехӯрад.

**— Адабиёт метавонад ба сиёсат таъсир бигузорад?**

— Албатта, агар сиёсатмадорон маърифати дарки адабиётро дошта бошанд. Чун сиёсатмадор бо мутолиа машғул аст ва ба ғоя ва ҳадафҳои асарҳои адабӣ сарфаҳм меравад, як бардоште аз он мекунад.

Таълимоти классикии Ленин дар хусуси он, ки кас дар ҷомеа зиста, берун аз он буда наметавонад, комилан дуруст аст. Адиб, ки дар ҷомеа зиста, аз он мавзӯъ гирифта, барои ҷомеа эҷод мекунад, ҳеҷ мумкин нест, ки ба сиёсат дахл надошта бошад.

Адабиёт танҳо аз сиёсати ҷорӣ (давр) метавонад орӣ бошад. Масалан, вақте Ғанӣ Абдулло аз маҳбас баргашт, ба мавзӯъҳои таърихӣ рӯй оварда, асарҳои ҷолиби драматургӣ эҷод кард. Мавзӯъҳои таърихӣ ҳам сиёсат аст, вале сиёсати бавосита. Ё худ, гирем, устод Сотим Улуғзодаро. Баъди воқеаҳое вобаста ба писараш рухдода Улуғзодае, ки «Ёрони боҳиммат», «Навобод»-ро навишта буд, якбора рӯ ба таърих овард. Ин гурез аз сиёсати давр буд. Вале ба шарофати асарҳои таърихӣ ӯ тавонист нуқтаи назари хешро оид ба ҷомеа, сиёсати замон, миллат ва ҳастӣ баён дорад. Бояд зикр намуд, ки дар ин замина асарҳои барҷастае чун «Ривояти суғдӣ», «Восеъ», «Пири ҳакимони машриқзамин», «Фирдавсӣ» ба майдон омаданд.

Мисоли равшани дигар Муҳиддин Аминзода аст. Бо вуҷуди истеъдоди фавқулъодаи шоирӣ ва саводи хеле хуб доштан ӯ ниҳоят кам шеър гуфтааст. Бештар ба тарҷума машғул шудааст. Ба андешаи ман, сабаби дурӣ ҷустан аз шеър гурез аз сиёсати давр буд. Ба ҳар сурат, адиб метавонад гурез кунад, лекин агар ҳисси ватанпарастӣ ва миллатдӯстии ӯ баланд бошад, ӯ метавонад ба сиёсат бо роҳу усулҳои гуногун даст занад, яъне эҳтиёҷ ба сиёсат ҳаст.

Аз Азиз Несин, адиби маъруфи турк, пурсидаанд, ки шумо бо ҳукумати собиқ дар ихтилоф будед. Бо ҳукумати имрӯз низ дар мухолифат ҳастед. Агар ҳукумати нав сари қудрат ояд, бо ӯ ҳам дар ихтилоф қарор мегиред? Посух медиҳад, ки оре, зеро ҳукуматҳо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки ҷомеаро дар қолаби муайян нигоҳ доранд, аммо шахси эҷодкор мехоҳад берун аз ин қолабҳо зиндагӣ дошта бошад. Ман низ намехоҳам дар ин чаҳорчӯба бошам. Ва шарҳ медиҳад, ки бе ашхоси эҷодкор рушди ҷомеа имконнопазир аст. Шахсиятҳои адабӣ танҳо тавассути осорашон метавонанд ба сиёсат таъсир расонанд.

**— Мо метавонем ин ҷо таъсири осори устод Лоиқро ба сиёсат зикр намоем…**

— Албатта, ашъори устод Лоиқ ба сиёсати мо бетаъсир намонд ва бовар дорам, ки ин таъсир дар асрҳои оянда низ идома хоҳад ёфт. Бояд бигӯем, ки ба ҷуз шеърҳои устод Лоиқ он ашъори Бозор Собир низ, ки аз меъёри воқеияти объективӣ гуфта шудаанд, ба ҷомеа зиёд таъсир дошт. Сиёсат дар навбати худ наметавонад бидуни ҷомеа ва берун аз ҷомеа бошад. Инчунин, шеърҳои Гулназар, Гулрухсор, Фарзона, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Низом Қосим ва дигар шоирон, ки дар мавзӯи иҷтимоӣ гуфта шудаанд, ба сиёсат дахолати фаъолона доранд.

Дар масъалаи эҳтиёҷи сиёсат ба адабиёт ва эҳтиёҷи адабиёт ба сиёсат, чунон ки зикр намудем, сиёсатмадорони оқил дар ҳама давру замонҳо аз адабиёт барои татбиқи сиёсати хеш истифода кардаанд. Сиёсат ба адабиёт бештар ниёз дорад, нисбат ба он ки адабиёт ба сиёсат.

**— Ақидае роиҷ аст, ки даврони шӯравӣ адибонро сахт побанди сиёсати тоталитарӣ карда буд. Аз ҷониби дигар, тамоми миллатҳо ва халқиятҳои Иттиҳоди Шӯравӣ иддаи зиёди адибони барҷастаро ба миён оварданд, ки ба осорашон ҳам дирӯзу ҳам имрӯз арҷ мегузоштанду мегузоранд ва он осор барои фардо низ мондагоранд. Мехостам, назари Шуморо оид ба ин падидаҳои мутазод دониста бошам.**

— Аслан ин гап дуруст аст. Он замон сиёсати фарҳангӣ роиҷ буд ва на танҳо адабиёт, балки ҳама бахшҳои ҳаёти ҷомеа ба сиёсат вобаста буданд ва аз ҷумла адабиёт зери сарпарастии Кумитаи марказии ҲКИШ, Ҳукумат, Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ ва иттифоқҳои нависандагони ҷумҳуриҳо қарор дошт. Ва он сохторҳо як навъ василаи нигоҳ доштани адибон дар доираҳову ҳудудҳои муқарраршуда буд, то ҳар адиб фикру ақидаи хешро тибқи меъёрҳову принсипҳои

мақбули замон ва зимомдорони вақт баён бикунад ва ё асаре эҷод намояд. Ба назари ман, хоҳ сиёсати Ленин, ки тавассути Луначарский дар ҳаёт татбиқ мешуд, хоҳ сиёсати Сталин оид ба адабиёт, ки тавассути М. Горкий ва А. Фадеев – сарварони адибони Иттиҳоди Шӯравӣ – татбиқ мешуд ва баъдтар низ, то солҳои 90-уми асри 20, муносибати сиёсат нисбат ба адабиёт дар маҷмӯъ одилона буд, ба истиснои чанд муддате дар замони Хрушчёв, ки андак тазйиқ ба эҷодкорон эҳсос шуд, адибон камбудие надоштанд. Аз ҳар ҷиҳат, ҳам аз назари молиявӣ ва имтиёзҳо ва ҳам аз лиҳози нашри асари адабӣ, ки барои эҷодкор омили хеле муҳим аст, имконияти хуб фароҳам буд.

Чаро чунин буд? Сталин осори аксари адибони намоёнро мутолиа мекард ва сипас ё нома ирсол медошт ва ё телефонӣ андешаҳояшро ба нависанда баён мекард, ки ин бо вуҷуди тамоми гуноҳҳое, ки ба Сталин ва муҳити ӯ нисбат медиҳанд, нишонаи маърифати баланди вай аст.

Сиёсатмадор бояд мутолиа дошта бошад, зеро танҳо дар он сурат аз ҷониби вай метавонад ғамхорӣ ба эҷодкорон ба зуҳур ояд.

Дар даврони Шӯравӣ ҳам, ки иддаи зиёди адибони барҷаста ба майдон омад, натиҷаи ҳамин эҳтиёҷи сиёсат ба адабиёту адибон ва ба ин сабаб муносибати ғамхорона ба адабиёт буд.

Масалан, адибони машҳури рус М. Горкий, К. Федин, Л. Леонов, М.Шолохов, насли солҳои 60-ум Евтушенко, Вознесенский, Ахмадулина, Бондарев, Астафев, Распутин ва насли ҷавонтар, ки бархе аз онҳоро аз наздик мешинохтам, аз сиёсату сиёсатмадорон шикваҳое кунанд ҳам, барои эҷод низ шароиту муҳити мусоид доштанд. Шоирону нависандагони маъруфи мо низ маҳсули ғамхориҳои ҳамон даврон буданд. Ба ақидаи «шоирон пурра292 побанди сиёсати тоталитарӣ буданд» ман розӣ

шуда наметавонам. Сиёсатро рахна задану аз сиёсати давр берун омадан ҳамеша маъмул буд. Шахсияти адабии устод Лоиқ, Бозор Собир ҳам дар замони шӯравӣ ташаккул ёфт. Албатта, тазйиқ ба ин ҳарду бештар буд, вале бо вуҷуди ин чун шахсиятҳои нодири адабӣ ба зуҳур омаданд. Шеъри машҳури Бозор Собир «Хонаи мӯр» аз ин хусус порчаи хубе дорад:

*Ман тугмаи садоям*
*Дар пушти ин дари танг,*
*Ҳар қадр мефишоранд,*
*Он қадр мезанам занг…*

**— Истиқлолияти давлатӣ ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ ба адабиёт чӣ гуна таъсир расонданд? Оё дар 15 соли истиқлолият дар адабиёти тоҷик тағйироти сифатие ба вуқӯъ пайваст?**

— Дар оғоз ҳам дар сиёсат ва ҳам дар адабиёт мо истиқлолиятро нодуруст дарк кардем. Истиқлолиятро озодии беҳудуд фаҳмидем, ки дар солҳои 90-ум он ба чӣ оварда расонд, ба ҳама рӯшан аст.

Адабиёти мо он айём на ин ки ҷомеаро аз паси худ бурд, балки дар сатҳи тафаккури оммаи мардум қарор гирифт. Ашъоре дар рӯзномаҳои «Адолат», «Чароғи рӯз» ва ғайра ба нашр мерасиданд, ки ҳама аз дашному ҳақорат иборат буданд. Ба истилоҳ «шеъри майдон» ба вуҷуд омад. Ҳатто Бозор Собир, ки майдоннишин буд, сатҳи шеърашро ба тафаккури омма мутобиқ кард. Ин, албатта, каҷравӣ ё пастравии маҳз буд ва имрӯз ин ба ном ашъори майдониро касе моли адабиёт намеҳисобад. Лекин дар маҷмӯъ истиқлолияти давлатӣ адибони моро хеле рӯҳбаланд сохт. Он гуногунрангие, ки дар 15 соли ахир дар шеъри мо зуҳур кард, шаҳодати ин гуфтаҳост. Шоир бештар ба «ман»-и худ рӯй овард ва иртиботи

худро бо ҷомеа ба усулу тарз ва шаклҳои гуногун инъикос намуд.

Гузашта аз ин, масъалаҳои сиёсӣ, ғояҳои миллатдӯстӣ, сулҳу салоҳу ваҳдат ва инсонпарварӣ дар шеър ошкоро инъикоси хешро дарёфтанд, зеро инҳо мавзӯъҳое буданд, ки вақту муҳитро тақозо мекарданд. Рӯҳияи созандагиро давраи истиқлолият ба миён овард. Адибон дарк карданд, ки мо бояд худ тақдирсоз бошем. Ободии ин марзу бум, ин миллат бар дӯши мост. Ин рӯҳия дар шеър қувват гирифт ва асарҳои ҷолиб низ эҷод гардиданд. Масалан, китоби «Фарёди бефарёдрас»-и устод Лоиқ маҳсули ҳамин истиқлолият аст.

Албатта, ба истиқлол расидан басанда нест. Ҷомеа пур аз мушкилоту дард аст. Адибон, қабл аз ҳама шоирон, бояд ин дардҳоро бигӯянд, баислоҳу дармони ин мушкилоту дардҳо ҷомеаро раҳнамун созанд. Хушбахтона, асарҳое, ки доир ба таърих дар ин марҳала эҷод шудаанд, диди наву рӯҳияи тоза доранд. На фақат инъикосу тасвири таърих, балки иртибот ба имрӯз ва умед ба оянда дар ин асарҳо дида мешаванд, ки дар гузашта чунин ба мушоҳида намерасид. Яъне, як навъ болидани рӯҳи адиб, ифтихор аз миллат, мерос, ҳарчанд дар замони шӯравӣ оғоз шуда буд, дар давраи истиқлолият ин ҷанба қувват гирифт. Бояд бигӯям, ки ба истиқлолият расидани собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ аслан оқибат ва маҳсули сиёсати бозсозист ва муҳити ин бозсозиро пештар аз сиёсатмадорон худи адибон муҳайё карда буданд. Адабиёт ҷомеаро барои навсозӣ омода карда буд. Аз ин рӯ, нақши адиб ва мақоми адабиёт дар раванди ба истиқлолият расидани кишварҳову миллатҳо хеле барҷаста аст.

**— Шумо бештар ба тадқиқи шеър машғулед. Назаратон дар бораи тамоюлоту ҷараёнҳои шеъри кунунии тоҷикӣ чӣ гуна аст?**

— Агар фарох нигарем, шеъри мо имрӯз низ, мисли солҳои 70-80-и қарни гузашта, ду тамоюли асосӣ дорад:

тамоюли анъанавӣ ва тамоюли навгароӣ. Дар ҳардуи ин тамоюл шоирони бисёр ҳунарманд дорем ва ҳамчунин ҳаваскорони шеър низ.

Дар тамоюли анъанавӣ, чунонки борҳо гуфтааму навиштаам ва бори дигар мегӯям, ки ҳамон дарди кӯҳнаи умумигӯӣ, ривояту васф бештар тасаллут дорад ва ин дард, мутаассифона, бедаво шудааст. Аммо дар баробари ин, чунон ки гуфтем, дар ин тамоюл шоирони барҷастаи мо, аз устод Лоиқ то Гулназару Гулрухсору Фарзона шеърҳои хубу марғуб эҷод кардаанд.

Навгароён шеърҳои хуб доранд, вале тақлид дар онҳо бештар ба мушоҳида мерасад. Дар ин равия Доро Наҷот, Зиё Абдулло, Абдулқодири Раҳим хеле фаъоланд, аз онҳое, ки андак ба ин тамоюл мегараванд, Гулназарро номбар кардан мумкин аст.

Умуман, шеъри имрӯзи мо хеле рангоранг аст ва ин падидаи хубест.

**— Аммо чизи дигар ҳам ҳаст. Имрӯз ҳар кас шеър менависаду чоп мекунад. Ин магар завқи хонанда ва обрӯи шеъру шоирро коста намегардонад? Қадри сухан чӣ мешавад?**

— Ин беморӣ дар даврони истиқлол авҷ гирифт.

**— Ба назари Шумо, ин муваққатист?**

— Фикр мекунам, дар ҳама замонҳо ин гуна шеъру шоирон буданд.

**— Инҳо даъвои шоирӣ ҳам доранд ва ба узвияти Иттифоқи нависандагон талош ҳам меварзанд?**

— Дуруст. Имрӯз инчунин шароите фароҳам омада, ки як идда ашхоси сарватманд ва ё дороёни сарпараст ҷилд-ҷилд «асарҳо»-и хешро ба нашр мерасонанд. Албатта, ин ба завқи хонанда бетаъсир намемонад. Сарояндагони ҷавони мо низ аз ин гуна ашъор истифода мекунанд, ки хеле боиси таассуф аст.

Бадтар аз ин, «қаҳрамон»-ҳое арзи вуҷуд кардаанд, ки мехоҳанд дар бораи онҳо шеърҳо ва повесту романҳо

навишта шаванд ва маблағгузорӣ ҳам аз тарафи онҳо сурат мегирад, ки сабаби эҷоди асарҳои каммазмуну пурнуқс шудааст. Инҳо, албатта, моли адабиёт набуда, асарҳои мавсимиянд ва танҳо барои худашону пайвандонашон қимату эътибор доранду бас.

**— Бартарият ва камбудиҳои шеъри тоҷикро дар нисбати шеъри имрӯзи Эрону Афғонистон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

— Шеъри мо ва шеъри ҳамзабонони мо дар Эрону Афғонистон аз ҳам хеле тафовут дорад. Шеъри Афғонистон низ аз шеъри Эрон фарқ мекунад, вале умумият дар забони шеър нисбат ба забони наср ва гуфтугӯӣ хеле зиёдтар аст. Масалан, шеъри Нодирпурро мо бе ҳеҷ шарҳу тафсир дарк мекунем, вале ашъори Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва Шомлуро на ҳама хонандаи тоҷик сарфаҳм меравад, зеро забони шеъри нав нисбат ба шеъри анъанавӣ аз лиҳози захираи луғавӣ ва истифодаи калимот, тарзи ифода ва системаи образҳо хеле фарқ мекунад.

Ҳамин қадар мегӯям, ки шеъри Тоҷикистон аз нигоҳи мӯҳтаво, дарунмоя, инъикос кардани зиндагӣ бо ҳама шебу фарозҳояш ва madду ҷазраш аз шеъри Эрону Афғонистон чанд қадам пеш аст, зеро шеъри мо ба зиндагӣ, ҷомеа ва инсон хеле наздик аст. Дар шеъри мо дарду мушкилоти инсон, ормонҳои ӯ бештару беҳтар инъикос ёфтааст.

Аз назари ҳунари шоирӣ тамйизи шеъри Эрону Тоҷикистону Афғонистон душвор аст, зеро ҳунар ба маҳорати шахсиятҳои адабӣ марбут аст. Масалан, Нодири Нодирпур, Симини Беҳбаҳонӣ, Фурӯғи Фаррухзод шоироне ҳастанд, ки аз онҳо бояд омӯхту омӯхт. Сӯҳроби Сипеҳрӣ, ки наққош аст, дар шеъраш низ ин ҳунар нақш гузоштааст: тасвирҳои шоиронааш мисли наққошиаш аст. Вале оё мешавад, ки устод Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Камол Насрулло, Фарзона, Раҳмат Назриро аз шоирони Эрону Афғонистон бо назари кам бинем? Ман

ба худ ҳеҷ гоҳ чунин иҷозатро намедиҳам. Ҳар кадом мақоми хешро доранд ва манзалаташон дар шеър муайян аст.

**— Оё адабиёти мо имрӯз ба мавзӯъҳои умумибашарӣ рӯ овардааст?**

— Ин суоли шумо ба фалсафаи адабиёт дахл дорад. Муносибат ба инсон аз назари фалсафаи адабиёт мавзӯи хеле муҳим аст. Аз устод Рӯдакӣ то ба имрӯз инсон мавзӯи аслии адабиёт буда ва ҳаст. Иртиботи гуногун бо муҳит, ҷомеа, инсонҳои дигар, муносибати инсон ба худ аз мавзӯъҳое мебошанд, ки ҳеҷ гоҳ маҳдуд намешаванд.

Панду ахлоқ, маргу ҳаёт, буду набуд аз мавзӯъҳоеанд, ки ҳеҷ гоҳ кӯҳна нахоҳанд шуд. Осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлонои Балх, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил асосан ба ин мавзӯъҳо бахшида шудаанд. Агар асар дар бораи як нафар ё як маҳал ҳунармандона ва хирадмандона эҷод гардад, он асар метавонад аҳамияти умумибашарӣ касб бикунад. Масалан, «Доғистони ман»-и Расул Ҳамзатов асари соф миллист, вале ба кадом забоне тарҷума гардад ва кадом халқу қавму миллате онро мутолиа намояд, ба зодгоҳу миллати хеш ҳатман муҳаббат пайдо мекунад.

**— Ормони миллии мо имрӯз бояд кадом бошад?**

— Сари ин масъала хеле андеша кардаам. Дигарон низ аз ин хусус зиёд меандешанду мегӯянд. Ормони миллиро дар ин марҳилаи буду боши ҷомеа дар ватандорӣ ва худшиносии миллӣ мебинам. Муқаддастар аз ин идеяи дигареро намебинам, зеро маҳз чунин ғоя имрӯз мардумро барои рушду инкишофи ҷомеа муттаҳид месозад. Ватан ва миллат барои ҳар шахс агар муқаддас бошад, ободии аввалӣ ва осоиши дуввумӣ таъмин хоҳад буд.

***2006***

## НАЗМРО ДАР ТАПИШ ОВАРДА…

Шӯҳрат ва маҳбубияти Бозор Собир дар байни мардум ба солҳое рост омад, ки мо ҳоло давраи карахтию бозмондагӣ мегӯем. Оре, солҳои 70 ва ибтидои 80-и қарни XX – замоне, ки расмиятбозию шӯҳратсозиҳо на танҳо дар доираҳои роҳбариву маъмурӣ ба ҳукми анъана даромада, балки ба афкори бадеиву эстетикӣ низ сахт сироят карда буд, Бозор Собири ба истилоҳи баъзе хамқаламонаш «имажинист», «шаклпараст», «маъюсу навмед», «маҳдуд», «натуралист» ва ғайраву ҳоказо аз як шеър то шеъри дигар ақлҳову дилҳоро тасхир мекард. Аз ашъори ӯ нуқс мекофтанд, поэтикаи назми ӯро «сусту носареҳ» эълон менамуданд, вале беҳтарин ҷавоншоирон шогирдии ӯро мепазируфтанд, аз поэтикаи шеъри ӯ дарси шоирӣ меомӯхтанд.

Бозор Собир аз ҷумлаи чанд тан аз адибони мо буд, ки дар айёми сукуту хоболудӣ мунтазам мардумро ба бедориву ҳушёрӣ ташвиқ мекард, суханаш аз қолабҳо берун буд, ба ростгӯӣ мекӯшид. Ба ӯ бовар мекарданд… Сухани ростро гоҳ ошкорову гаҳи дигар соядор мегуфт. Вақтҳое ки аксари шоирон ба мазмуни «Ҷононаи ман, дар сари китфи ту каланд аст, Бахти ту баланд аст» аз меҳнати тоқатфарсои занону духтарони пахтакор «ба ваҷд меомаданд», Бозор Собир «Бо ту гардам рӯ ба рӯ, аз шарм мерезам арақ» гӯён, духтари деҳқонро ақаллан ба сояҳои шеъри худ паноҳонданӣ мешуд ва барои ин сахт маломат мешунид. Ба ӯ гоҳ номаълуму гоҳе ошкоро тазйиқ меоварданд, мефишурдандаш, вале садояш боз

баландтар мешуд. Дар шеъри «Хонаи мӯр» бисёр хуб ҳасби ҳол кардааст:

*Ман тугмаи садоям*
*Дар пушти ин дари танг,*
*Ҳар қадр мефишоранд,*
*Он қадр мезанам занг.*

Дар ҳамон айём буд, ки Бозор Собир ба саҳнаи «хандахезу ашковар»-и зиндагиву меҳнат бо чашми ҳайрату бим менигарист ва мегуфт:

*Саҳнаи зиндагӣ бувад агар ин,*
*Тарсам аз пардаҳои поёнаш,*
*Ҳамчу санъатшинос дар аҷабам*
*Ман аз устоду коргардонаш.*

Шеъри тавсифӣ ва эстетикаи маъмул (нормативӣ) дар адабиёти мо тасаллути комил пайдо мекард, қолабҳо на танҳо дар коргузорӣ, балки дар афкору гуфтор роиҷ шуда буданд ва чанд тан аз адибони мо аз қабили шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ, Гулрухсор, Саттор Турсун, Ӯрун Кӯҳзод пайваста метаркиданду месӯханд. Бозор Собир дар ҳамин саф буду дарун-дарун месӯхт, дуду кӯрдуди сӯхтанҳояш ба таъбиру мисраъу байт ва билахира ба «шеъри бесадо» бадал мешуд:

*Аз бурун хомӯшам, аммо аз дарун пургуфтугӯ,*
*Чунки умре ҳарфҳои хешро бурдам фурӯ.*

## «Шеъри ман резаи сад ҳамдаму ҳамдӯши ман аст»

То ин дам дар доираҳои расмии маъмурӣ ва адабӣ шеъри Бозор Собир қадр карда намешуд, аз он

ҳатто мепарҳезиданд. Ашъори ба истилоҳ маҳрамонаи ӯро айб ва ҳатто ҷурми эҷодиёташ медонистанд. Ба шеърҳои ошиқонааш аз меъёрҳои сотсиологизми вулгар менигаристанд. Ин меъёрҳо дар адабиёт ва қисман дар танқиди адабии мо заминаҳо дошт: дар шеъри лирикӣ, ки мушаххастарин ва самимонатарин навъи сухани бадеист, ифода ёфтани ҳиссиёти маҳрамонаро чун субъективизм ва маҳдудияти иҷтимоии шоир шарҳ медоданд. Дар тафҳиму ташреҳи иҷтимоият ва гражданияти шеър низ зоҳирбинӣ, ба эътибор гирифтани маҳз унвону мавзӯи шеърҳо расм шуда буд. Шеъри Бозор Собир ба ин талаботи зоҳириву расмӣ мувофиқат намекард, балки моҳиятан ба иқтизооти маънавии ҳамдамону ҳамдӯшон ҷавоб мегуфт. Ман гумон мекунам, ки Бозор Собир аз иҷтимоитарин шоирони кунунии мост, шеъри ӯ ифодагари афкору эҳсосоти бедортарин афроди ҷомеаи солҳои 70-90–и қарни XX буд.

*Ҳаст дар дидаи ман аз ҳама ҷӯ як қатра,*
*Ҳаст дар мисраи ман аз ҳама кас як зарра…*
*Чанги овози касеро битакидам аз гӯш,*
*Нафаси ҳамнафасеро битакидам аз шуш,*
*Аз яке дар вароқи шеър ниҳодам таби ҷӯш,*
*Аз яке дар вароқи шеър ниҳодам лаби ҷӯш…*

Он солҳо ӯ қариб танҳо сухан мегуфт, вале пайваста сухани халқ, омоли мардумро ифода менамуд, ба завқу кӯшишҳои солими мардум, ба замин, ба деҳқон такя мекард:

*Барои ман, ки деҳқонам ба фитрат,*
*Каҳе ҳам мекунад бӯи бародар…*

Дарахти шеъраш аз дарёи зиндагӣ об мехӯрд, аз насими шаббодаҳо нафас мегирифт, дар пуштаҳову

кӯҳсорон месабзид – дарахти кӯҳӣ буд, гул ҳам дошту хор ҳам:

*Давоми шир-шири барги алафҳост*
*Ҳиҷою ҳарфи ман дар шеъри озод.*
*Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо*
*Ману шаббодаҳо кардем эҷод.*

## «Дар хаёли рези кӯҳсори ту ман ғам мехӯрам»

Он солҳо шеъри тавсифӣ хусусан дар мавзӯъҳои Ватан, партия, инқилоб густариш ёфта, на танҳо дар лафз, балки дар тафаккури бадеӣ низ қолабҳо ба вуҷуд оварда буд. Дар ин мавзӯъҳо шеър микдоран хеле вусъат ёфт, вале кашфи маънии бикр, тадқиқи паҳлӯҳои тозаи ин мавзӯъҳо назаррас набуд. Пештар дар кӯчаҳо мегуфтанд, баъдтар аз минбарҳо низ изҳор менамуданд, ки ҳадди аксари ин гуна шеърҳо махсус барои оғози китоб ё силсила, барои «раҳкушоӣ» ба сӯи чоп навишта мешуданд, ба масал паровозе буданд, ки қатораҳои холиро гирифта, ба манзили нашр мекашиданд. Бӯи ғализи савдогарӣ меомад аз ин гуна навиштаҳо. Ва Бозор Собир аз минбари Анҷумани нӯҳуми нависандагони Тоҷикистон бо алам гуфта буд:

*Дар замони мо суханбозӣ ҳунар нест,*
*Эй ватанбозон, ватанбозӣ ҳунар нест!..*

Тавсифҳои муҷарраду мавҳуму маҷҳул ба унвони Ватан ба якрангиву якнавохтӣ дар шеър сабаб мешуданд. Дар роҳи конкрет гардонидани ин мавзӯъ аввалин қадамҳоро устоди шодравон Мирзо Турсунзода дар солҳои 60 бардошта, сипас Мӯъмин Қаноат, Лоиқ, Гулрухсор, Гулназар ва ҷавоншоирони имрӯз дар ин ҷода пештар рафтанд. Аз ин миён хидмати Бозор Собир дар роҳи

мушаххас гардонидани симои Тоҷикистон, шинохтану шиносонидани гузаштаву имрӯзи халқу диёр, ҷузъиёти махсуси маишату тафаккури халқи тоҷик ва бештар аз ҳама дар пайвастани шахс ба зодгоҳ, таърихи халқаш ниҳоят чашмгир аст. Дар шеъри Бозор Собир тавсифи мушоҳидакоронаи Ватан нест, чизи асосиву дуввумдараҷае аз мавҷудоти Ватан вуҷуд надорад, тамоми аҷзову ашёи Ватан барояш азиз асту худ бо тамоми онҳо омехта:

*Вуҷуди туст аз ду тан –*
*Тани замину ҷисми ман.*
*Ману туем ҳамбадан,*
*Ватан, Ватан, Ватан, Ватан.*

Бозор Собир дар ашъораш борҳо фарзанди деҳқон буданашро таъкид мекунад. Ва муҳаббати ӯ ба Ватан чунон аст, ки муҳаббати деҳқони асил ба замин. Бозори шоир бе ғами Ватан Бозор нест, чунон ки деҳқони асил бе ғами замин:

*Ҳар куҷо будам, набудам,*
*Ман ҳамон фарзанди деҳқони туям.*
*Дар хаёли рези кӯҳсори ту ман ғам мехӯрам,*
*Аз барои сабзаю хори ту ман ғам мехӯрам…*

Шеъри Бозор Собир дар парвариши ҳофизаи таърихии халқ нақши равшан дорад. Таърихи пурфоҷеаи тоҷикон, бурду бохтҳо, корномаву шикастҳо, сохтану сӯхтанҳое, ки дар таърихи тӯлонии ин халқ воқеъ шудааст, дар шеъри «Ман худамро кушта-кушта…» ба тавассути монологи пурҳиссиёт ва андешаҳои пуралам ифода ёфтааст:

*Гӯиё ман пеш аз ин ҳам*
*Солҳои бешуморе зинда будам.*

*То кунун будам ҷавону пир,*
*То кунун вобастаи дунёву дунёгир…*

*Бомиёнро сохтам ман,*
*Бомиёнро сӯхтам ман.*
*Кофиён пардохтам ман,*
*Кофиёнро бохтам ман.*
*Тахти Доро дар раҳи ман буд,*
*Ман кардам харобаш,*
*Ганҷи Қорун дар кафи ман буд,*
*Ман додам ба бодаш,*
*Коҳи бодовардаву хоки сияҳ кардам ҳисобаш.*

*Оташафшон низ ман будам, дар оташ низ ман,*
*Ҷабрфармо низ ман будам, ҷафокаш низ ман,*
*Номусулмон низ ман будам, мусулмон низ ман,*
*Балки шайтон низ ман будам*
*Ва яздон низ ман…*

Бахшидаҳои Бозор Собир ба шахсиятҳои бузурги халқамон – Фирдавсӣ, Ибни Сино, Борбад, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Турсунзода – ҳар яке драмаи шӯрангезест оид ба саҳифаҳои гуногуни таърихи халқ.

## «Шоҳкоре не агар, байте…»

Бозор Собир дар «Ангалҳо» ном шеъраш бархе аз иллатҳои замону ҳамзамононро мазаммат карда гуфтааст:

*Ман валекин бештар аз пурнависам дар шигифт,*
*Нав нагуфта нав ба нав аз халқ навдорон гирифт…*

Худаш кам менависад. Дар маҷмӯаи «Бо чамидан…» ба истиснои тақрибан даҳ-дувоздаҳ шеъре, ки тоза нашр

кардааст, тамоми эҷодиёташ гирд омадааст. Бисёртаранд шоирони пурнавис, ки на ягон китобашон дар ҳаёти адабӣ арзиш пайдо кардаасту на ягон шеърашон дархӯри мардум шудааст.

Даҳҳо шеъри Бозор Собирро ном бурдан мумкин аст, ки ҳар яке бори маънии достонҳои пурарзишро мекашад ва дар дилу хотирҳо нақш бастааст.

Имрӯз Бозор Собир 60-соли умри пурбаракаташро дур аз Ватан, дар Амрико истиқбол мекунад. Вале аминам, ки лаҳзае аз буду ҳасташ бе ёди Ватан нагузашта ва нахоҳад гузашт. Ва ҳоло бамаврид аст ба ӯ бигӯем:

*Эй сафаркарда, дилам бе ту бифарсуд, биё,*
*Ғамат аз хоки дарат бештарам суд, биё.*
*Кам шавад меҳр зи дурӣ дигаронро, лекин*
*Кам нашуд меҳри ман аз дуриву афзуд, биё!*

***1988-1998***

**Эзоҳ:** Дар ин ҷо шеъргунаҳо ва мақолаҳои майдониву кӯчагии Бозор Собир ба назари эътибор гирифта нашуданд, зеро муаллифи мақола онҳоро моли адабиёт намешуморад.

***2005***

# МО ГУФТАҲОИ МАРДУМИ БЕЧОРА ГУФТАЕМ

***(муаррифии китоб)***

Дар арафаи Наврӯзи соли 1994 маҳфиле барои сабти телевизион ороста шуд ва дар он як зумра адибон ҳузур доштанд, ки дар байнашон Низом Қосим ва банда низ будем. Низом дар он маҳфил шеъре қироат кард, ки ҳолати умедпарваронаи моро дар айёми пурташвиши баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ хеле шоирона ва бо ниёиши рӯҳнавоз ифода намуд. Он шеър бо андаке таҳрир бо унвони «Баҳорӣ» дар қатори шеърҳои тозаэҷоди Низом Қосим ба китоби «Барги саломи сабз» («Адиб», 2002) шомил шудааст ва мехостам ин ҷо матни онро манзур намоям:

*Сар ба сар яхистонам, зери офтобам кун,*
*Эй баҳор, обам кун,*
*Эй баҳор, обам кун!*

*Ҷамъ будаам,*
*Поиз инчунин парешам кард,*
*Барг-барг ҷамъам кун, аз дигар китобам кун.*
*Эй баҳор обам кун,*
*Эй баҳор обам кун!*

*Тӯ ба тӯ маро бикшо, сӯ ба сӯ маро бикшо,*
*Ҷӯ ба ҷӯ маро бикшо, ҷӯи даршитобам кун.*

*Эй баҳор, обам кун,*
*Эй баҳор, обам кун!*

*Хастагии раҳ дорам, раҳ ба сӯи чаҳ дорам,*
*Як ҷаҳон гунаҳ дорам, ҷониби савобам кун.*
*Эй баҳор, обам кун,*
*Эй баҳор, обам кун!*

*Чун зи мазраи бебар аз сару барам бигзар,*
*Гар нарӯям аз дигар, мурдае ҳисобам кун.*
*Эй баҳор, обам кун,*
*Эй баҳор, обам кун!*

Мӯҳтаво, шакл, оҳанг, лаҳн, рамзҳо, таносуби мафҳумҳову таъбирҳо дар ин шеър чунон барҷову фарогир омадаанд, ки лобаву ниёиши шоир хонандаву шунавандаи шеърро наметавонад лоқайду бепарво гузорад. Ва ҳоло, бо мурури 12 сол, ин шеърро қироат карда, ман он ҳолату рӯҳияи худ ва ҳозирини маҳфилро хуб ба ёд меорам ва шукргузорам, ки сарзамини мо аз нав ҳамешабаҳор шуд, офтоби баҳорон яхистони дилҳоро об кард, мардум сарҷамъ гардид, бори хастагиро аз дӯш афканд, дар мазраи дилҳо гулҳои меҳру муҳаббату шафқат боз рӯиданду шукуфтанд.

Ва дар идомаи мантиқии шеъри боло Низом Қосим дар ғазали «Умеди эҳё», акнун бо лаҳну оҳанги дилпуронаву суруромез, мегӯяд:

*Қатра-қатра оқибат дарё шудем,*
*Зарра-зарра кӯҳи побарҷо шудем.*
*Сад ҳазорон Ман ба ҳам ҷамъ омадем,*
*То дар ин даҳри парешон Мо шудем…*
*Рӯ ба роҳи ҳақ ниҳодем аз дигар,*
*Ростров чун сатри Мавлоно шудем.*

*Бин ба мо ҳар субҳ чун бар Офтоб –*
*Гум нагаштем, аз дигар пайдо шудем!*

Ин мавзӯъ дар бисёр шеърҳои солҳои охири Низом Қосим бо оҳангҳову замзамаҳои гуногун – гаҳе бо лаҳни шодиёна, гоҳ ба тариқи панд ва гаҳи дигар ба услуби ошиқона – такрор ба такрор мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Аз ҷумла дар шеъри «Рӯзи умед» сухани шоир оҳанги мутантани публитсистӣ дорад:

*Он бад гузар кард, ин нек омад,*
*Рӯзи умеди тоҷик омад…*
*Бошед сокит, тиру камонҳо,*
*Бахти Ватанро таҳрик омад!*
*Шарманда шуд хасм – иқболи моро*
*Гуфто наояд, ӯ лек омад!*

Шеъри «Бошед!» ба услуби хитобаи пандомез гуфта шуда, мухотабро ба сабақомӯзӣ аз гузаштаи талх ҳидоят менамояд:

*Арзандаи номи хеш бошед,*
*Қоим ба мақоми хеш бошед.*
*Сарсон зи пайи касон нагардед,*
*Дар даст зимоми хеш бошед…*

Ҳамин мавзӯъ дар ғазали «Барги саломи сабз», агарчи низ ба тарзи хитоба ифода шудааст, вале услубу оҳанг, истифодаи фаровони рамзҳо ва мафҳумҳои ошиқонаву баҳорона рӯҳу равони шеърро ниҳоят ҷаззобу дилписанд ҷилвагар месозанд:

*Омад баҳор, аз сари раҳ хору хас бигир,*
*З-ин пас зи атри боғи саҳаргаҳ нафас бигир.*

*Чун ҳаст асли ҳол басо хуштар аз хаёл,*
*Мурғи хаёлро нафасе дар қафас бигир.*
*Барги саломи сабз ба дастони кас бинеҳ,*
*Барги саломи сабз зи дастони кас бигир…*
*Дар барги гул навис дигар нома баҳри ёр*
*В-он номаҳо, ки додӣ аз ин пеш, пас бигир!*

Гирудорҳо, кашмакашу валвалаҳо, шикасту рехтҳо, паст шудани қадру манзалати инсон ва эътибори сухану суханвар, харачумарачҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ки дар ибтидои солҳои 90-и қарни гузашта ҷомеаи моро фаро гирифта буданд, дар як силсила шеърҳои китоби «Барги саломи сабз» бо лаҳну оҳангҳои гуногун – гоҳ таассуфомезу додхоҳона, гаҳи дигар бо лобаву ниёиш – аксандоз гардидаанд:

*Қисмато, моро нагардон бенасиб аз хушку тар,*
*Ҳалқи моро хушк манмо, чашми моро тар магир.*
*Ҷониби марг, Одамо, ин дам шиоре соз кун:*
*Зиндагӣ ҷони маро бигрифт, ту дигар магир…*

Ё:

*… Кош бар ҷои сари дор, эй азиз,*
*Ҷои мо мешуд сари кор, эй азиз.*

*Кош кам буд ин ғами афзуни мо,*
*Пок мешуд хони мо аз хуни мо.*

*Мерасид аз ҳар тараф овози пир,*
*Ҷо ба ҷо то мегирифт овози тир.*

*Кош ҷои рӯди хун дар ин диёр*
*Ҳар тараф мерафт рӯди нангу ор.*

*Кош ҷои шохаҳои кини мо*
*Сабз мешуд шохаи тамкини мо…*

Намоишномаи манзуми «Амир ва асир» низ, ки аз лиҳози мазмуну мӯҳтаво – воқеаи аз ҷониби халифаи Бағдод ба ҷанг ангехта шудани Амир Исмоили Сомонӣ ва Амри Лайси Саффор, асорати Амри Лайс ва футуввату хирадмандии Амир Исмоил – ҳарчанд аз тасвири як лаҳзаи таърихи дури халқамон иборат аст, вале моҳиятан ва тибқи ҳадафи ғоявии муаллиф ба воқеаву фоҷеаҳои солҳои 90-и қарни гузаштаи ҷумҳуриамон марбут мебошад.

Манзумаи «Нома ба шоҳ дар поёни «Шоҳнома» ҳам руҷӯъ ба таърих аст ва волоияти мақому манзалати сухан ва суханварро дар нисбати зимомдорони ҳамаи давру замонҳо таъкид месозад, агар сухан мондагору суханвар асил бошад. Ин ақидаву пиндор дар шеърҳое, ки ба гиромидошти устодони сухан Рӯдакӣ («Ҷои Рӯдакӣ»), Фирдавсӣ («Қасидаи ифтихори Фирдавсӣ»), Ҳофиз («Ба Хоҷа Ҳофиз») мансубанд, дар бахшидаҳо ба олими бузурги тоҷикшиноси чех Иржи Бечка («Дар хонаи доктор Иржи Бечка»), ба устоди Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон профессори шодравон Воҳид Асрорӣ («Асрорӣ»), инчунин дар шеърҳое, ки қудрату арзиши суханро меситоянд («Қуллаҳо», «Бӯи сухан», «Агар хоҳед…», «Қаламҳой» ва ғ.) дар манзарҳо ва шаклу усулҳои гуногун талқин гардидааст. Ҷоиз аст ин ҷо аз шеърҳои мазкур чанд намуна оварда шавад:

*Баҳри ҷову ҷоҳ андар шеър кам даъво кунед,*
*Ҳар қадар ҷое бувад дар шеър, ҷои Рӯдакист.*
*Нест пайдои ману мо шеърҳои хуби мо,*
*Шеърҳои хуби мо гумкардаҳои Рӯдакист.*

❁ ❁ ❁

*Ҳазор тахт нагун шуд, ҳазор шоҳ гадо,*
*Ба тахти хеш бувад шоҳкори Фирдавсӣ…*
*Қабули миллату қавми ҳама замона бувад*
*Расули номаи пайғомдори Фирдавсӣ.*

Як силсила шеърҳои китоб ба мавзӯъҳои иҷтимоии рӯз бахшида шудааст. Масалан, дар шеъри «Ароба» қисмати талхи наврасони аробакаш, падару модарони серфарзанде, ки бехабар аз зарурати танзими оила кӯдакони бисёрро халқ кардаанду тарбияту таъминашонро ба Худо ҳавола намудаанд, бо дарду алам тасвир шудааст:

*Бисёр додааст Худоҷон туро бача,*
*Аммо нагуфтааст, ки дар ин ҷаҳонашон*
*То бар ароба роҳ бувад аз аробача!*

Шеъри «Пора» бо як оҳанги ҳам дардолуду ҳам танзомез одати нанговару беномусонаи ришвахӯриро дар ҷомеаи мо мазаммат менамояд.

Панҷ фасли китоби «Барги саломи сабз» аз ашъори ошиқона фароҳам омадаанд, ки аксарашон хубу марғубанд. Мехоҳам аз байтҳои дилписанди ашъори ошиқонаи Низом, ки аз ин китоб интихоб кардам, чандеро манзур намоям:

*Шеърҳо гуфтам барои ту равону норавон,*
*Сӯи ман оӣ, беҳин шеъри равони ман туӣ.*

❁ ❁ ❁

*Мо ҳамнафас шудему нафас дар миён набуд,*
*Ҳар бӯсае ба ҷои нафас дар шумор буд.*

❁ ❁ ❁

*Чун панҷаҳои нозукат андар чаҳор сӯй*
*Дар зиндагӣ мухаммаси воло надидаам.*

Дар иддаи зиёди шеърҳои Низом Қосим тасвирҳои ноб ва ҷаззоб ҳусни баёнро афзуда, манзараҳоро пеши назар хеле муассир намудор месозанд. Оё шумо садои хиррии боди зимистонро шунида, боре аз дил гузаронидаед, ки бод гулӯдард шудааст ва ё ҳолати дарахтони шохаҳояшон хамидаи канори роҳ дар хаёлатон манзараҳои дигари ҳузномезро аз рӯзгори одамӣ зинда кардааст? Диду дарки маҳз шоир чунин назокату махсусиятҳоро доро мебошад, ки намунаашро дар пораи зер аз шеъри «Лолахун» метавон равшан дид:

*Фасли сармо буд.*
*Аз сармо*
*Бодҳо*
*Дарди гулӯ буданд.*

*Дар канори кӯчаву майдон дарахтон*
*Чун азодорони пеши мурдахона*
*Сарфурӯ буданд…*

Дар китоби «Барги саломи сабз» ашъори солҳои гуногуни Низом Қосим интихобан гирд оварда шудаанд ва ҳар хонандаи нуктасанҷ аз ин китоб аз мӯҳтавои эҷодиёт, тарзу услуби нигориш, гиру мон ва диду навишти шоир метавонад бардошти худро дошта бошад.

***2006***

# ҶАМЪИЯТ, КӮДАК, АДАБИЁТ

Шоири шаҳири кӯдакон устод Убайд Раҷаб (1932-2004) яке аз шахсиятҳои адабие буд, ки дилаш ба адабиёти кӯдак ва умуман ба тарбияту парвариши кӯдак пайваста месӯхт. Баъди нашр шудани аввалин мақолаҳоям оид ба адабиёти рӯз ҳамеша ташвиқам мекард, ки ба масъалаву муаммоҳои адабиёти кӯдак таваҷҷӯҳ зоҳир намоям. Маҳз бо ташвиқу ҳидоят ва дастгирии бевоситаи устод Убайд Раҷаб банда моҳи ноябри соли 1982 дар нахустин семинари умумиттифоқии мунаққидони ҷавони адабиёти кӯдак дар шаҳри Москва иштирок карда, баъдан дар маҷаллаҳои «Детская литература» (Москва), «Садои Шарқ», ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» оид ба хусусиёт ва мушкилоти адабиёти кӯдак ва умуман парвариши завқи кӯдакони тоҷик як силсила мақолаҳо ба табъ расонидам.

Муколамае, ки чун нишони сипос ва эҳтиром ба рӯҳи устоди шодравон ба ин китоб шомил гардид, 21 апрели соли 1988 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» нашр шуда буд. Умедворем, ки мӯҳтавои ин сӯҳбат дар бисёр мавридҳо имрӯз низ арзиши худро гум накардааст.

***2006***

**А.Абдуманнонов** – Дар рӯзгори мо, дар замоне ки чи аз болову чи аз поён барои ислоҳи нуқсонҳои кори тарбия ва таълими кӯдакон кӯшишҳое ба амал меояд, масъулияти адабиёти бадеӣ, хоса адабиёте, ки барои кӯдакон эҷод мешавад, беш аз пеш меафзояд. Ба назари ман, адабиёти

кӯдакони мо ҳоло он масъулияти ҷамъиятиеро, ки бояд ба ӯҳда дошта бошад, надорад. Пӯшида нест, ки на ҳамаи асарҳои манзуму мансури барои кӯдакон чопшаванда ба мафкура, шавқу завқ ва салиқаи бача мувофиқат мекунанд. Умуман, чунин ба назар мерасад, ки дар чанд соли охир робитаи ногузири байни адабиёти бачагон ва тарбияи кӯдак то андозае суст шудааст…

**У. Раҷаб** – Аз хусуси адабиёти кӯдак вобаста ба синну соли хонандааш мулоҳиза рондан бамаврид аст, зеро ин адабиёт мувофиқи синну соли кӯдак эҷод мешавад ва се зина дорад: адабиёти барои томактабиён ва кӯдакони синни хурди мактабӣ; адабиёти барои кӯдакони синни миёна, яъне барои хонандагони синфҳои панҷу ҳафт; адабиёт барои хонандагони синфҳои болоӣ ва омӯзишгоҳҳо. Завқу шавқ, талабу дархост ва бинишу фаҳмиши ҳар кадоме аз ин синну сол махсусияте дорад ва аз ҳам фарқ мекунад. Нависанда дар ҷараёни эҷоди асар ва мунаққид ҳангоми таҳлилу баҳо додан ин тарафи масъаларо бояд ба назари эътибор бигиранд.

**А.Абдуманнонов** – Шояд сухани ман ба назар хӯрдагирона намояд, вале бояд гуфт, ки аксари навиштаҳои шоиру нависандагони имрӯзаи мо ё ба бачаҳо намерасад ва ё мақбулу писанди онҳо намешавад. Ба ҳар ҳол аз байни онҳо, масалан, барои зинаи якуме, ки шумо гуфтед, шеърҳои дилписанду хотирнишин, мисли «Баҳори кӯҳистон»-и устод Лоҳутӣ, «Баррачаи ман», «Трактор омад», «Фирӯзаҷон хобидааст»-и Деҳотӣ, «Қаҳрамон мешавам», «Рост мегӯям»-и Миршакар, «Очам хамир мекунад», «Бибиҷон»-и Гулчеҳра, «Гунҷишкак»-и Ғаффор Мирзо, «Тӯйча»-и Н. Бақозода, «Бӯрёкӯбон»-и А.Шарифӣ ва чанд шеъри ангуштшумор аз ҳамин ва баъзе шоирони дигар ками андар каманд. Вазъи насри хурдтаракон аз ин ҳам бадтар аст.

**У. Раҷаб** – Ман ба ин фикри Шумо пурра розӣ шуда наметавонам. Дар адабиёте, ки барои томактабиён

ва мактабиёни хурдсол таъйин шудааст, шеърҳои хуб бисёранд. Насри ин қисмат нисбатан суст аст. Дар адабиёти кӯдакони синфҳои болоӣ ва омӯзишгоҳҳо бошад, наср пешравтар буда, эҷодиёти Баҳорӣ, Б.Ортиқов, Баҳром Фирӯз, А.Самадов, Адаш Истад асосан барои ҳамин синну сол аст. Ин ҷо назм қафо мемонад. Адабиёти мактабиёни хурдсол ба насри хуб ва адабиёти мактабиёни калонсол ба назми хуб эҳтиёҷ дорад. Дуруст аст, ки нашриёт ҷои ин холигиро аз ҳисоби асарҳои сирф барои калонсолон пур карданӣ мешавад. Ташаббуси хуб аст, аммо камтар ба дард мехӯрад. Хуб мебуд, агар қаламкашони хосаи ин соҳаҳоро ба воя расонем.

**А.Абдуманнонов** – Албатта, агар нависандаву шоирон ва навиштаҳои ононро ҷамъу тақсим кунем, кӯдакони ягон синну сол бенасиб намемонанд. Ин як тарафи масъала. Гуфтан мумкин аст, ҷиҳати истеҳсолии масъала. Тарафи дигар ва муҳимтари масъала ин аст, ки китоб ба хонанда дастрас ва мақбул шавад, дар тарбияи инсонӣ, иҷтимоӣ ва эстетикии кӯдак амалан ширкат варзад.

**У. Раҷаб** – Дар хусуси ба хонанда расидан ё нарасидани китоби барояш таъйиншуда бисёр фикр мекунам ва гумонам бар он аст, ки ин китоб асосан ба дасти хонандааш намерасад. Чаро? Эътибор диҳед: адади нашри китоби кӯдак беш аз 8-10 ҳазор нусха нест. Аммо нисфи аҳолии ҷумҳурӣ кӯдак аст ва нисфи зиёди ин миқдор асосан дар деҳот зиндагӣ ба сар мебарад. Дар деҳот бошад, дӯкони китоб нест. Дар ягона мағозаи омехтаи деҳа китоб намефурӯшанд. Дӯкони китоб асосан дар шаҳр ва маркази ноҳия воқеъ аст. Китобхонаи мактаб, ки дар ҷумҳурӣ беш аз се ҳазор адад аст, низ аз ин китоб намегирад. Фурӯши китоб барои мардуми деҳот дар ихтиёри Тоҷикматлубот аст. Супориши ин идора барои китоби нав аз 1000-2000 нусха зиёд нест, ки қатрае аз баҳр аст.

Як сабаби аз ин адабиёт ғофил мондани хонанда, ба назарам, дар ҳамин аст. Хонандагон муаллифони худро хуб намешиносанд, мукотибаи хонандаю нависанда кам ба вуқӯъ мепайвандад. Китобро, ки нахондаанд, сӯҳбати хонандаю нависанда гарм намешавад. Дар ин ҷода корро тамоман аз нав бояд сохт.

**А.Абдуманнонов** – Ба ҳар ҳол ташкили ба хонанда расонидани адабиёти кӯдакон, ҳарчанд масъалаи муҳим аст, мушкилотро тамоман ҳал намекунад. Баланд бардоштани сифати ин адабиёт, бо масъулияти тамом интихоб кардани матнҳо барои китобҳои дарсӣ ва хрестоматияҳо, аз «бракҳои» ҳамарӯза эмин доштани нашрияҳои барои кӯдакон низ корҳои заруриянд. Борҳо зимни сӯҳбатҳои аҳли адабиёт ва илм дар хусуси хониши фарзандон суханонеро ба ин мазмун шунидаам: муаллим аз китоби хониш ё адабиёт ҳифз кардани шеъреро мефармояд, бача ба падар ё модари худ шикоят мекунад, ки ҳарчанд хонад ҳам, ҳофизааш ин шеърро қабул намекунад, сипас падару модар шеърро хонда, бо кӯдак ҳамфикр мешаванд. Дар китобҳои дарсӣ ва хрестоматияҳои мо бошад, ин қабил шеърҳои завққуш кам нестанд, ки ҷои шеърҳои хуби шоирони гузашта ва муосирро гирифтаанд. Масалан, «Хрестоматия барои мураббиёни муассисаҳои томактабӣ»-ро («Маориф»,1986) варақгардон карда, ба ҳавсалаи мураттиби он қоил мешавед, ки аз тамоми шоирони имрӯзаи мо, аз шоирони ӯзбек, аз адибони гузаштаву муосири рус ва хориҷӣ намунаҳои фаровони на ҳамеша хушсифат овардаасту касеро наранҷонидааст, ба ҷуз классикони адабиёти форсу тоҷик, ки ягон сатри манзум ё мансуре аз онҳо дар китоби мазкур ҷо наёфтааст…

**У. Раҷаб** – Албатта, интихоби адабиёти кӯдакон дар китобҳои дарсӣ чандон матлуб ва дилхоҳ нест. Ба китоби дарсӣ шеър ва ҳикояи ҳамаҷониба хубро бояд дохил кард. Намунаҳоро ҳам аз адабиёти гузашта ва ҳам

аз адабиёти имрӯз сахт интихобан гирифтан бамаврид аст. Агар ин порчаҳо пеш аз дохил шудан ба китоби дарсӣ аз назари суханваре гузаранд, нуран ало нур мешавад. Ба иловаи китоби дарсӣ барои хонандагони синфҳои 2, 3, 4, 5 ҳатман гулчини назму насри классикӣ ва муосирро дар шакли хрестоматияи адабиёт нашр бояд кард. Порчаҳоро барои чунин хрестоматия дақиқназарона ва борикбинона интихоб кардан лозим аст.

**А.Абдуманнонов** – Ба хонанда расидани адабиёти бадеӣ, аз ҷумла адабиёти кӯдакон низ, танҳо ба ташкили кор ва ҳатто фақат ба баланд бардоштани сифати ин адабиёт вобаста нест, ҳарчанд инҳо омилҳои муҳиманд. Завқи бадеии бача ва муҳаббати ӯро нисбат ба адабиёти бадеӣ аз давраи ташаккули тафаккур ва забон баровардани вай тарбият кардан лозим аст. Вақтҳои охир дар анҷуману пленум, маҷлису машварат ва маърӯзаву мақолаҳо дар бораи бад будани савияи забондонии ҷавонони мо бисёр мулоҳизаҳои асоснок гуфта шуданд, хусусан оид ба забони русиро бад донистани онҳо. Дар омади гап бояд гӯям, ки танҳо вобаста ба хизмати ҳарбӣ тарғиб кардани забони русӣ доираи аҳамияти ҷамъиятӣ ва маърифатии ин забонро маҳдуд мекунад. Ин як мавзӯи домандор аст. Ҳоло ҳамин қадар гуфтаниям, ки аз чӣ сабаб бошад, ба хотири даъвогарони беҳтар кардани таълими забони русӣ як ҳақиқати равшану бебаҳс ҳеҷ намерасад, ки намерасад: забон аз тафаккур ҷудо нест, балки таҷассуми воқеии тафаккур аст, то тафаккури бача (ва умуман шахс) инкишоф наёбад, забони ӯ низ сайқал нахоҳад ёфт. Бинобар ин барои забондон кардани бачагони мо аз минбарҳо тарғиб кардан ва ё кӯшиши беҳтар кардани таълими танҳо забони русӣ, ба гумонам, натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Ин масъаларо ба таври комплексӣ ҳал кардан лозим аст. То даме, ки бача ба як забон дуруст фикр кардан ва ҳарф заданро ёд нагирад, забони дигарро дуруст ёд нахоҳад гирифт. Ин ҳақиқати

бебаҳс аст. Бинобар ин асоси омӯзиши ҳама гуна забон (забони русӣ низ ин ҷо истисно нест) забони модарист. Дар навбати худ таълими забони модарӣ бояд аз ясливу боғча шурӯъ шуда, дар мактаб ва донишкадаҳо такмил ёбад. Он гоҳ дар тарбияи маданияти нутқ, маҳорати забондониву забономӯзӣ ва завқи бадеиву эстетикии бачагон шояд натиҷае ба даст ояд. Ман ҳеҷ намефаҳмам, ки чаро пешниҳодҳои оид ба кушодани боғчаву яслиҳои тоҷикӣ дар шаҳри Душанбе* ва дар заминаи онҳо ташкил кардани хорҳо, дастаҳои навозандагон ба гӯши ҳеҷ шахси масъул намефорад? Чаро аз таги ин гапи муқаррарӣ кадуча кофтанӣ мешаванд? Чаро шӯъбаи маорифи шаҳри Душанбе боре ҳам ба ин масъала бо ҷиддият наменигарад ва муаллифони мақолаҳоро ҷамъ карда, муддаои онҳоро пурсон намешавад? Ё ҳоло ҳам аз банди тилисми «мабодо ягон гап шавад» халос нашуда бошанд?

**У. Раҷаб** – Шумо ба масъалаҳое дахл кардед, ки ман ҳам дар хусуси онҳо дер боз дар андешаам. Дар ҳақиқат, завқи бадеиро дар ниҳоди кӯдак аз ясливу боғча тарбия мебоист кард. Ва ин тарбия аз забономӯзӣ сар мешавад. Кӯдак дар ҷслӣ ва боғча баробари забони русӣ бояд бо забони модарияш гап занад, ба ин забон шеъру ҳикоя шунавад ва ёд кунад. Ҳамчунин ба забони модарӣ суруд хонад, ба рақсидан, расм кашидан ва ҳар амали дигаре, ки зебоипарастиро биёмӯзад, машғул шавад. Пеш аз ҳама мураббиён бояд ба забони фасеҳи тоҷикӣ бенуқс гап зада тавонанд. Боғчаву яслиҳои мо дар ин масъала танқисӣ мекашанд. Мураббиёне, ки ба забони тоҷикӣ кор баранд, алалхусус дар шаҳрҳо, кам ҳастанд. Ба тарбия карда расонидани чунин касон махсус эътибор мебояд дод…

**А.Абдуманнонов** – Агар ба масъала аз рӯи ақл ва мантиқ муносибат кунем, боғчаву яслӣ зинаи томактабии

*. То Истиқлолият дар шаҳри Душанбе ва умуман дар шаҳрҳои йумҳурӣ яслӣ ва боғчаҳои бачагонаи тоиикӣ вуйуд надоштанд.

тарбия ва таълим аст, аниқтараш, заминаи мактаб аст. Пас чӣ тавр мешудааст, ки мактабҳои тоҷикии шаҳри Душанбе аз чунин замина маҳрум бошанд? Магар ин аҳвол ба сифати таълими бачагон дар мактабҳои тоҷикӣ таъсир намерасонад? Охир, бачаҳои мо то омадан ба мактаб номи алафу гулу дарахтон, бӯйу рангу маззаро ба забони модариашон намедонанд. Пас онҳо чӣ хел шеър фаҳманду адабиёт омӯзанд, забон донанду забон омӯзанд?...

**У. Раҷаб** – Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Душанбе ҳар сол ба ду гурӯҳи тоҷикӣ 60 нафар талаба қабул мекунад ва аз ин ҳисоб ҳар сол тақрибан 40-50 нафар омӯзишгоҳро хатм карда (як қисми онҳо духтарони душанбегиянд), ихтисоси мураббиро мегиранд. Аммо аксарияташон аз рӯи ихтисос кор намекунанд, гурӯҳе доя мешаванд, баъзеашон (салоҳият надошта бошанд ҳам) муаллимаи синфҳои ибтидоӣ мешаванд. Сабаб чист? Сабаб набудани ясливу боғчаҳои тоҷикист. Қисме аз хатмкунандагони омӯзишгоҳ, аз рӯи вазифа кор кунанд ҳам, бисёр душвориӣ мекашанд. Дастурҳои махсуси таълими томактабӣ дар омӯзишгоҳ ва институтҳои педагогӣ намерасанд. Муассисаҳои масъул таълифи ин дастурҳоро бояд ташкил кунанд.

**А.Абдуманнонов** – Гурӯҳи тоҷикии факултаи педагогика ва психологияи Институти педагогии пойтахт низ ҳар сол 25 методист тайёр мекунад. Бинобар ин суханони дар бораи «набудани кадрҳо» чизе беш аз баҳона нест. Кадрҳоро танзим ва ташкил карда тавонистан лозим. Ҷонишини директори омӯзишгоҳи педагогии пойтахт Л. Ф. Коничева ва мудири кафедраи тарбияи томактабии Институти педагогии ба номи Т.Г. Шевченко Р. И. Деревянко ҳангоми сӯҳбате, ки бо онҳо доштам, аз нарасидан ва набудани дастурҳои методӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ чи дар гурӯҳи тоҷикӣ ва чӣ дар гурӯҳи русӣ шикоят карданд. Мутахассисони соҳаи педагогика ва психология ҳоло кам

нестанд, онҳоро низ ҷалб ва ба ин кор сафарбар намудан даркор. Шояд Вазорати маориф ва шӯъбаи маорифи шаҳри Душанбе сари риштаи ин корҳоро ягон вақт ба даст бигиранд.

**У. Раҷаб** – Дар баъзе маҳаллаҳои Душанбе се-чор ясливу боғча паҳлӯи ҳам ҷой гирифтаанд (масалан, дар ноҳиячаи 102). Бамавқеъ мешуд, агар қисме аз онҳо тоҷикӣ мебуд ва дар ҳайаташ гурӯҳи русӣ ҳам медошт. Албатта, дар боғчаҳои тоҷикӣ бояд забони русӣ омӯзонида шавад, ҳамчунин дар боғчаҳои русӣ забони тоҷикиро омӯзанд. Донистани забони русӣ шарт аст, аммо забони модариро надонистан гуноҳ. Дар боғчаҳо ашъори Пушкин, Лермонтов, Маршак, Чуковский, Барто, Михалков ва дигар шоирони русро ба кӯдакон ёд медиҳанд, ки хуб аст. Бад намебуд, агар аз асарҳои Рӯдакиву Фирдавсӣ, Носири Хусраву Саъдӣ, Ҷомиву Айнӣ, Турсунзодаву Миршакар ва дигар адибони тоҷик ҳам меомӯзониданд. Ин корро ҳам дар боғчаи тоҷикӣ (дунё ба умед аст, шояд ташкил шаванд) ва ҳам дар боғчаҳое, ки муомила ба забони русӣ сурат мегирад, баробар ташкил кардан танҳо ба манфиати кор аст.

**А.Абдуманнонов** – Агар ин тавр мешуд, дар ин соҳа он адолати иҷтимоие, ки бозсозӣ эълон кардааст, амалӣ мегардид. Мо дар ҳақиқат ифтихор мекунем, ки фарзандонамон Пушкину Лермонтов, Чехову Горкий, Шолохову Твардовскийро ба забони асл мехонанд ва аз он мефахрем, ки ҳам худамон ва ҳам фарзандонамон ба тавассути забони русӣ бо шоҳкорҳои тамаддуни ҷаҳон ошно мешавем. Ҳамаи ин маҳз ба туфайли мақоми маърифатомӯзии забони русӣ ба мо муяссар мегардад ва ин натиҷаи музаффариятҳои ҳафтодсолаи мост. Вале забони кас намегардад бигӯяд, ки фарзандони аксари тоҷикони шаҳрнишин мероси ҳазорсолаи гузаштагони бузурги моро танҳо дар тарҷума мехонанду мефаҳманд, аз он мерос ва аз маданияти имрӯзаи миллӣ бо айби худи

мо канда шудаанд, таърихи халқ ва маданияти худро намедонанд. Ҳамаи инро дар институтҳо омӯзонидан имконнопазир аст, корро аз боғчаву мактаб бояд оғоз кард.

**Убайд Раҷаб** – Дар ҷумҳуриҳои канори баҳри Балтик усули таълим дар ин бобат ибратомӯз аст. Вақте ки дар ҷумҳуриҳои дигар таълим даҳсола буд, он ҷо кӯдакон ёздаҳ сол мехонданд. Тирамоҳи соли гузашта дар ҷумҳурии Литва меҳмон будам ва дидам, ки мактабашон дувоздаҳсола шудааст. Сабаб пурсидам. Гуфтанд: доираи таълими ёздаҳсола, ки муқаррар шудааст, ба омӯзиши доманадори забону адабиёт ва таърихи миллии мо имкон намедиҳад, як соли иловагӣ барои амиқ омӯхтани забону адабиёт ва таърихи миллии халқи худ аст.

Дар Тоҷикистон ҳам таълими забону адабиёт ва таърих дар мактабҳо қаноатбахш нест. Соатҳое, ки барои таълими ин дарсҳо ҷудо кардаанд, кифоя намекунанд, ки кӯдак ин илмҳоро дақиқ ва амиқ омӯзад. Шояд ба таҷрибаи ҷумҳуриҳои канори баҳри Балтик пайравӣ кардан мувофиқи мақсад бошад.

**А. Абдуманнонов** – Даҳсолае пеш бачаҳое, ки мактабҳои деҳаро тамом карда, ба мактабҳои олӣ меомаданд, дар забондониву адабиётфаҳмӣ аз бачаҳои шаҳр бартарӣ доштанд. Забони худи бачаҳои деҳот низ суфтатару тозатар буд. Вале, мутаасифона, солҳои охир савияи таълими забон ва адабиёт дар мактабҳои деҳа низ хеле паст шудааст. Ман чанд сол дар имтиҳоноти қабули мактабҳои олӣ иштирок карда, мебинам, ки забони бачаҳои деҳот сол то сол олудатар, нутқашон берангу носуфтатар мегардад.

**Убайд Раҷаб** – Ба чунин сурат гирифтани ҳол чанд сабаб ҳаст. Аввалан, солҳои пеш, солҳои кӯдакии мо, дар деҳот мардони достонгӯй ва қиссахон, ки саводи қавӣ доштанд, бисёр буданд. Дар меҳмонхонаҳо сӯҳбатҳои гарме барпо мешуд, кӯдакон ва наврасон аз ин сӯҳбатҳо

баҳра мебардоштанд ва бо маслиҳат ва ташвиқи он касон китоб мехонданд. Сонияи, дар мағозаҳои деҳот дар қатори молҳои дигар китоб ҳам мефурӯхтанд. Ҳоло мағозаҳои деҳот китоб намефурӯшанд. Саввум, саводнокии хонанда ба муаллим вобаста аст. Муаллимон кам китоб мехонанд. Шогирдонашон боз ҳам камтар. Сабаби чаҳорум бештар ба корҳои хоҷагӣ дар деҳот банд будани кӯдакон мебошад.

**А. Абдуманнонов** – Муҳити иҷтимоии кӯдакони мо, албатта, аз бисёр ҷиҳат мӯҳтоҷи ташкилу танзим аст. Масалан, оддитарин таҷҳизоти таълимӣ, ё ин ки сару либоси кӯдакон...

**Убайд Раҷаб** – Либоси мактабии кӯдак аз масъалаҳои муҳим мебошад. Дар ҷумҳурии мо ба ин кор бисёр вазоратҳо машғул ҳастанд, аммо ҳисоби ин масъала ёфта намешавад. Бозорҳо ташкил мекунанд, аммо падару модарон барои кӯдакон либоси мактабӣ пайдо карда наметавонанд. Ба назарам, ин масъаларо ба таври каме дигар ҳал бояд кард. Пеш аз ҳама либоси мактабии кӯдакони мо бояд ба шароиту иқлими гарми Тоҷикистон мувофиқ бошад ва агар аз либоси мактабии кӯдакони ҷумҳуриҳои дигар андаке фарқ кунад, бад намешавад.

**А. Абдуманнонов** – Мо ҳоло асосан ба масъалаҳое дахл кардем, ки ҳама ба тарбият ва таълими кӯдак алоқаманданд. Вале аз хусуси ҷанбаи дигари мавзӯъ – аз омӯхтани худи кӯдак чизе нагуфтем. Ҳол он ки чунин кор барои ҳалли тамоми масъалаҳои тарбияву таълим ниҳоят муҳим аст. Гуфтан мумкин аст, ки тадқиқи маишати кӯдакон, шароити тарбияву таълими онҳо дар ҷумҳурии мо аз лиҳози сотсиология, психология ва педагогика муаммоҳои дастнозадаанд.

**Убайд Раҷаб** – Дар ҷумҳурии мо муассисаи илмии махсусе, ки ба ин кор шуғл варзад, вуҷуд надорад. Чунин марказҳои илмӣ дар ҷумҳуриҳои бародар амал мекунанд. Ҳоло ки мо чунин марказ надорем, барои аз ҷой

ҷунбонидани кор бисёр мехоҳам, ки дар Институти илмҳои педагогии Вазорати маориф шӯъбаи омӯзиши кӯдак таъсис ёбад, дар ҳузури шӯъбаи фалсафаи Академияи илмҳо низ гурӯҳе бошад, ки ба омӯзиши сотсиологӣ ва психологияи бачаҳо машғул шавад. Вақти он расидааст, ки дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ шӯъба ё бахши мустақили адабиёти кӯдак таъсис гардад. Институтҳои педагогии чумҳурӣ ва Институти санъати ба номи Мирзо Турсунзода, ки дар онҳо адабиёти кӯдак ба сифати як илм дарс дода мешавад, бояд кафедраи хосаи ин адабиётро дошта бошанд.

**А.Абдуманнонов** – Албатта, мӯҳтавои сӯҳбати мову Шумо дар қиёс бо масъалаҳое, ки мавзӯи «Ҷомеа, кӯдак, адабиёт» мебоист дар бар бигирад, дар назари аввал хеле ҷузъӣ менамояд. Тарбияи кӯдак, парвариши завқу истеъдоди ӯ, бешубҳа, муносибати ҳамаҷонибаву комплексиро тақозо дорад. Умедворем, дигар ихтисосмандоне, ки ба тарбияту таълими кӯдакон алоқаманданд, ба ин масъалаи умумиҷомеавӣ лоқайду бепарво нахоҳанд монд. Зеро кӯдакон ояндаи ҷомеаи мо ҳастанд ва ба худамон вобаста аст, ки тақдири миллатро ба дасти кӣ месупорем.

## АЗ ҚИССАИ «ШАМЪУ ПАРВОНА» ТО ҒАЗАЛИЁТИ ИСТАНБУЛӢ

Аз соли 1911 то соли 1922, яъне аз шикаст хӯрдани ҳаракати машрутахоҳӣ (1906-1911) дар Эрон то омадан ба Иттиҳоди Шӯравӣ, мураккабтарин ва душвортарин даврai ҳаёти Абулқосим Лоҳутӣ ва дар айни замон яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои китоби эҷодиёти ӯ ба шумор меравад. Солҳои муҳоҷират ба Туркияву Ироқ, сарсониву саргардониҳо ва азобу уқубатҳое, ки дар натиҷаи таъқиботи иртиҷои дохилӣ ва гумоштагони империализми забткори хориҷӣ Лоҳутӣ аз сар гузаронида буд, инчунин шиносоӣ ва ҳамкорӣ бо болшевикони рус, ки замони ҷанги якуми ҷаҳон дар ҳайати қӯшунҳои ҳукумати подшоҳӣ дар хоки Эрон буданд, ӯро ба набардҳои синфӣ ва озодихоҳии баъдина омодаву ҳидоят менамуданд. Дар ин ҷараён афкору ақоиди сиёсии шоир пухтатар, мақсаду мароми зиндагиву муборизааш равшантар мегардид. Ин роҳи вусъати назару биниши сиёсии Лоҳутӣ боиси тааммуқи диди бадеиву эстетикии ӯ гардида, дар эҷодиёташ нақши равшан мегузошт. Маҳз дар ҳамин давра дар эҷодиёти Лоҳутӣ равияҳои гуногуни услубӣ – публитсистикаи сиёсӣ, лирикаи публитсистӣ ва рамзу маҷозу тамсил – ташаккул ёфта, барои ҳарчи рангинтару марғубтар ифода гардидани мавзӯъ ва мазмунҳои гуногун имконияtҳои васеъ фароҳам оварданд.

## 1

Аз ҷумла дар қиссаи манзуми «Шамъу парвона» (1914, Бағдод) Лоҳутӣ роҳи ноҳамвор, пур аз шебу фароз ва сӯзу гудоз будани муборизаи инқилобӣ ва истиқлолхоҳиро ба усули тамсилу рамз хеле моҳирона ва шоирона ифода намудааст. Манзума аз се қисм иборат аст. Дар қисми якум гилаи парвона аз шамъ баён гардида, зимни ин гила парвона, аз сифоти барқи Мағриб сухангӯён, шамъро маломат менамояд:

*«Чароғи барқи Мағриб бӯ надорад,*
*Ту гоҳе дуд дорӣ, ӯ надорад.*
*Дар оғӯши ту ғайр аз сӯхтан нест,*
*Вале оғӯши ӯ нури таҷаллист.*
*Дар оғӯши ту сӯз асту гудоз аст,*
*Дар он оғӯш лутфу меҳру ноз аст…*
*Ту норӣ – сӯзӣ, ӯ нур аст – созад,*
*Ту бигдозӣ маро, ӯ менавозад».*

Қисми дуввуми манзума аз худифшоии шамъ ва талқини чунин ғоя иборат аст, ки то насӯзӣ, сохтан мушкил бувад, зеро оташи сӯзони ишқ аст, ки ошиқро пухта мегардонаду ба созандагӣ ҳидоят менамояд:

*Ҷавобаш дод шамъи нуктапардоз,*
*Ки: «Эй нопухта ошиқ, ғофил аз роз!*
*Ту гӯӣ, шамъи Мағриб ҳамчу меҳр аст,*
*Вафодор асту бо ошиқ бамеҳр аст,*
*Аз ин ғофил, ки ӯ сад фитна дорад,*
*Ба тан пироҳане аз ҳила дорад…*
*Бихандад ӯ, чу ошиқ ҷон бубахшад,*
*Ба дандонаш бубин, чун медурахшад!*
*Вале ман – пайкарам сӯзон зи ишқ аст,*
*Дилам, ҷонам, сарам сӯзон зи ишқ аст.*

*Зи доғи марги ёрони азиз аст,*
*Ки донам дидаи ман ашкрез аст…*
*Ту то дур аз манӣ, аз ишқ сардӣ,*
*Дар ин оташ чу сӯзӣ, пухта гардӣ.*
*Аз ин бигзашта, ин бегонагӣ чист?*
*Гурез аз сӯхтан парвонагӣ нест…»*

Баъди чунин худифшоиву раҳнамоии шамъ парвона дар қисми саввуми манзума аз шикваву гила забон мебандад ва боз, дар гирди шамъи худ парзанон, аз садоқату вафодорӣ сухан мегӯяд ва дар айни замон хоҳиши дилашро баён месозад, ки ба ин мазмун аст:

*«…Дилам хоҳад, ки бо ин шӯри шарқӣ*
*Чу Мағриб дар ту бинам нури барқӣ.*
*Ту бо ин сидқ агар он зӯр ёбӣ,*
*Ту бо ин шӯр агар он нур ёбӣ,*
*Ба олам ҳусни ту афсона гардад,*
*Фалак пеши рухат парвона гардад».*

Тасвири ҷабри шамъ бар сари парвона, ки аксар вақт чун киноя аз ҷабри маъшуқа бар ошиқ меомад, дар шеъри гузаштагон пуропур аст. Ва умуман шамъу парвона аз маъмултарин образҳои лирикаи ошиқонаи анъанавӣ ба шумор мерафт. Яъне, дар шеъри гузаштагон низ дар таносуби образҳои мазкур тобиши рамзу киноя ҷой дошт ва ин образҳо асосан барои ифодаи мазмунҳои ошиқона хидмат мекарданд.

Аммо дар манзумаи «Шамъу парвона» Лоҳутӣ ба ӯҳдаи ин ду образ бори тамоман нави маъноиву ғоявӣ ниҳодааст: шамъ – рамзи Ватан ва парвона – рамзи ватандӯст. Мувофиқан ишқ низ дар манзумаи Лоҳутӣ ба маънои ватандӯстӣ ва Мағриб чун рамзи рақиб омадааст. Ва ғояи асар низ бар таносуби образҳои мазкур қарор гирифтааст.

Аҳамияти мазмуни ватандӯстӣ ва маорифпарварии (орзуи чун нури барқии Мағриб нуру зӯр ёфтани шамъ аз ҷониби парвона) манзумаи Лоҳутӣ ҳеҷ ҷои шакку шубҳа надорад. Манзумаи «Шамъу парвона» боз аз як ҷиҳати дигар дорои аҳамияти махсус аст, ки мо дар ҳамин хусус муфассалтар таваққуф карданӣ ҳастем. Аз мероси матбӯи Лоҳутӣ «Шамъу парвона» аввалин асарест, ки дар он мазмуни сиёсиву иҷтимоӣ ба тавассути рамзу маҷоз ва дар шакли тамсил ифода гардидааст. Рамзу маҷозҳои бисёрпаҳлуе, ки баъдан дар ғазалиёти ба истилоҳ истанбулӣ ва тамсилҳои пурғунҷоише, ки минбаъд дар тӯли тамоми эҷодиёти Лоҳутӣ мавқеи намоён касб карданд, аз ҳамин манзумаи «Шамъу парвона» ибтидо гирифтаанд. Ба ин маънӣ манзумаи «Шамъу парвона» дар эҷодиёти Лоҳутӣ на танҳо аввалин намунаи тамсил аст, балки оғози яке аз равияҳои услуби фардии ӯст, ки бар рамзу маҷоз асос ёфта, баъдан дар тамоми анвои шеъраш, хоса дар ғазалиёташ, маъмул гардид.

Шеъру ғазалҳое, ки Лоҳутӣ то «Шамъу парвона» навиштааст, албатта, ба эътибори мазмунҳои инқилобиву даъватӣ доштанашон, маҳсули ҳиссиёти шӯрангез ва табъи оташбор буданашон дар эҷодиёти шоир ва умуман дар назми навбунёди Эрон мақоми шоистаро моликанд, аҳамияти таърихиву бадеии онҳо дар ташаккули назми пролетарии Эрон, дар бедоршавии шуури сиёсӣ ва ҳисси инқилобии мардум раднопазир аст. Дар айни замон бояд қайд кард, ки он шеърҳо оҳанги публитсистӣ дошта, аз лиҳози шеърият, дарки образнок ва махсуси воқеият, ифодаи бадеии мақсад ҳанӯз ба савияе набуданд, ки аз онҳо тарзу услуби хоси Лоҳутӣ равшан зуҳур карда бошад. Ин нукта ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти ашъори то «Шамъу парвона» гуфтаи Лоҳутиро паст намекунад, балки ба он ҷиҳат далолат менамояд, ки дар замони иқилоби машрута эҷодиёти Лоҳутӣ асосан аз лиҳози ғояву мундариҷа сайқал ёфта, аз назари бадеӣ танҳо ба шакли публитсистикаи

пурҳарорати сиёсӣ (масалан, ғазали «Ё ҳар ду») ва нақли воқеаву тасвири манзара («Вафо ба аҳд») зуҳур мекард. Дар он шеърҳо манзури асосии шоир ифодаи мақсаду ғоя буда, тарзи ифода камтар мавриди корбасти бадеӣ қарор гирифтааст. Худи замони инқилоб зарурати бо омма ба забони содда, бе парда, як андоза урёну рӯирост сухан гуфтанро тақозо менамуд.

Замони ҳукмронии иртиҷо ва таъқиби ҳама гуна озодфикрӣ, ки дар Эрон баъди шикасти инқилоби машрута фаро расида буд, Лоҳутиро дар ибтидо ба ҳоли ошуфтагиву арбадаҷӯӣ андохт ва дар натиҷа «Эй хуш он рӯзе, ки дунёро даруни хун бубинам» (1912) барин ғазал ба миён омад, ки ҳамон ба услуби публитсистикаи пурҳарорат гуфта шудааст:

*Эй хуш он рӯзе, ки дунёро даруни хун бубинам,*
*Ин фазоро хуну гардунро дар он ворун бубинам…*
*Даҳр нокас, чарх хоин, халқ нодон, дӯст душман,-*
*Чун бимонам, чун бихоҳам,чун бисозам, чун бубинам?*
*Инқилоб, албатта, рӯзе мешавад дар Шарқ барпо,*
*Орзу дорам вале он рӯзро акнун бубинам…*

Дар «Шамъу парвона» ҷои оҳанги арбадаҷӯёнаи ғазали болоро як навъ садои ҳазину дилхарош, ҷои ҳукму таъкидҳои ошкороро андешаҳои хаёломезу орзӯпарвар гирифта, ифодаи ғояи шеър – садоқати бепоён ва меҳри беандоза ба Ватан – тавассути образҳо (шамъ, парвона), дар ҷараёни воқеае (сӯҳбати шамъу парвона) сурат мегирад. Мафҳумҳои ишқ, ошиқ, ҳусн низ аз ҳамин манзума дар эҷодиёти Лоҳутӣ маъниҳои дубаҳра – зоҳиран лирикӣ ва аслан сиёсиву иҷтимоӣ – касб намудаанд.

Баъд аз «Шамъу парвона» образҳову мафҳумҳои маҷозиву рамзӣ дар шеърҳои Лоҳутӣ вусъат пайдо карда, баъдан як системаи махсуси образҳоро ташкил доданд,

ки ҳадди аксари ғазалиёти истанбулии шоир бар ҳамон системаи образҳо қарор гирифтааст.

## 2

Агар тамоми мероси манзуми устод Абулқосим Лоҳутӣ дар ҷилди як китоб гирд оварда шавад, яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои онро, бидуни ҳеҷ шубҳа, ғазалиёти ба истилоҳ истанбулии ӯ ташкил медиҳад. Дар ин ғазалҳо, ки ба қавли гӯяндаашон, «шакли анъанавӣ бо мазмуни муҳими рӯзмарра дар онҳо тавъам аст», дар маркази диққати шоир мавзӯи истиқлоли миллии Эрон ва вобаста ба ин мавзӯъ кӯшиши ангехтани ҳисси ифтихори миллии эрониён ва нафрати онон нисбат ба сиёсати мустамликаи Англия меистод.

Шароити сиёсиву иқтисодии Эрон дар солҳои 1918-1921 ниҳоят вазнин буд. Баъд аз он ки Ҳукумати Шӯравӣ қарори ихтиёран аз хоки Эрон баровардани аскарони русро, ки моҳи декабри соли 1917 қабул шуда буд, дар байни се моҳ – аз январ то марти 1918 амалӣ намуд, саросари ин мамлакатро қӯшунҳои англис тасарруф карда, шоҳ ва ҳукумати сарвазир Саид Зиёуддин амалан ба лӯхтакҳои дасти империализми Англия табдил ёфтанд. Мамлакат хароб, аҳолӣ қашшоқ ва зуҳури ҳама гуна ақидаи пешқадамона сахт таъқиб карда мешуд.

Лоҳутӣ, ки дар он солҳо маҷбуран дур аз ватан афтода, дар Истанбул иқомат дошт, тибқи шароити мазкур услуби эҷоди ғазалро тағйир дода, ба равияи тамоман тозае дар таҳаввули ин жанр асос гузошт. Дар аксари ғазалиёти истанбулии вай дигар даъвату хитобаҳои ошкорову бепарда, ҳукму таъкидҳои пурҳарорати публитсистӣ, ки хусусияти асосии лирикаи граждaниву сиёсии шоир дар давраи ҳаракати машрута (1906-1911) буд, ба

назар намерасид. Балки дар ғазалҳо он равияе тасаллути комил пайдо мекунад, ки дар эҷодиёти Лоҳутӣ аз манзумаи «Шамъу парвона» ибтидо гирифта буд. Акнун ҷои даъвату хитобаҳои публитсистиро асосан ифодаи рамзиву маҷозии матлаб мегирад, образи лирикаи ошиқонаи классикӣ ба баёни мазмуни нави замон тобеъ гардида, бо ҳамин мақсад ба таври фаровон истифода мешавад.

Дар ғазалиёти истанбулии Лоҳутӣ истифода аз образҳои анъанавӣ ба мақсади баёни мазмуни нави сиёсиву иҷтимоӣ чунон вусъат мегирад, ки дар натиҷа ин образҳо ба як системаи муайяну махсус табдил меёбанд. Ин система маҳсули алоқаву таносуб пайдо кардани образҳо буда, барои маъновy мазмуни иловагӣ ва таҳтонӣ касб намудани онҳо имконият фароҳам меоварад. Зеро дар танҳоӣ ва берун аз иртиботи байни ҳамдигар ҳар яке аз мафҳумҳо бори образи бадеиро ба ӯҳда дошта бошад ҳам, асосан як маънову як мазмунро ифода мекунад. Гул, булбул, хор, қафас, сайёд, шамъ, парвона, ёр, ағёр, гург, шубон, мурғ, лона, ошёна, рақиб ва ғайраву ҳоказо – ин ҳама мафҳумҳои бадеие мебошанд, ки дар лирикаи ишқиву маҳрамонаи шоирони гузашта барои ифодаи ҳиссиёту ҳасби ҳоли қаҳрамони лирикӣ ва тасвири лаҳзаҳои васлу ҳаҷр, ба мақсади ташбеҳу мушобаҳати объекти тасвир ба таври фаровон истифода шуда, чи дар танҳоӣ ва чи дар алоқамандии мутаносиб маъмулан бори як маъниро мекашиданд.

Дар ғазалиёти истанбулии Лоҳутӣ ин мафҳумҳо, илова бар маъниҳои асливу анъанавӣ мазмунҳои тозаи таҳтонӣ гирифтанд. Худи Лоҳутӣ дар ин бора чунин навиштааст: «Ин ашъор (манзур ғазалиёти истанбулист – А.А.) аксаран бо рамзу киноя гуфта шудаанд, сабаби ин ҳам возеҳ аст: агар матлабро ошкор мегуфтам, сензураи ҳарбии Туркия, ки дар зери назорати англисҳо буд, ашъори зидиимпериалистии маро ҳаргиз ба матбуот роҳ намедод.

Ин аст, ки худамро булбул, ватанро боғи вайрона, Англияро гоҳ зимистони манфур номидаам, ки гулҳои боғро хазон мекунад ва гоҳ сайёди бераҳме хондаам, ки булбули маҷрӯҳро ба доми худ асир кардааст».

Аз ҳамин ҷост, ки Лоҳутӣ дар ғазалиёташ гоҳ бо нолаву фиғон ва зориву тавалло ба сайёд муроҷиат мекунаду аз вай тараҳҳум мехоҳад:

*Аё сайёд, шарме кун, маранҷон нимҷонамро,*
*Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро.*

Дар шеъри гузаштагон низ шоирон вазъи бечорагиву дилшикастагии худро ба мурғи бе болу пар ва манзили вайронаро ба харобаи чуғзнишин ташбеҳ медоданд. Байти машҳури Сайидо ба ҳамин маънист:

*Мурғи бе болу паре дидам, дилам омад ба ёд,*
*Нолаи чуғзе шунидам, манзилам омад ба ёд.*

Аммо дар байти мазкури Лоҳутӣ ба ҷуз ишора ба ҳасби ҳол маънои муҳимтаре ниҳон аст – маънои таҳтоние, ки матлаби аслии шоирро дар худ ғунҷоиш додааст. Қаҳрамони лирикии ин ғазал дар симои худ тамоми халқи ҷабркашу азиятдидаи Эронро муҷассам намуда, сайёд – империалистони ғосиби Англияро ба сари инсофу тараҳҳум мехонад, ки ошён – ватани ӯро насӯзонад. Ин қаҳрамон бо нолаву зорӣ маҳдуд намешавад, зимни шикваву навҳаҳо ӯ сиёсати ғосибонаи англисҳо ва ватанфурӯшии сардорони ҳукумати Эрон, созиши ин ҳар дуро бар зидди халқ ба тавассути образҳои анъанавии маҷозӣ маҳкум намудааст:

*Мани бечора он рӯзе ба қатли худ яқин кардам,*
*Ки дидам тоза бо гург улфате бошад шубонамро.*

Ин ҷо барои хонандаи шеъри форсӣ ҷои шубҳа нест, ки шубон – шоҳ ва сардорони давлати Эрон, гург – империализми Англия мебошад.

Ба зоҳир бисёр ғазалҳои истанбулии Лоҳутӣ аз лиҳози мавзӯъ ва таносуби образҳо аз ғазалиёти ҳасби ҳолӣ ва ошиқонаи классикон тафовуте надоранд. Ин шабоҳати зоҳирӣ ба тақозои шароити эҷод шудани ғазалиёти мазкур ва ба туфайли ба инобат гирифтани завқи бадеии хонандаи онҳо ба миён омадааст, ки худи Лоҳутӣ дар ин хусус чунин навиштааст: «Амалдорони кундфаҳми сензура, ки медид дар ашъорам, монанди ҳар як аз ашъори анъанавии форсӣ, сухан аз гулу булбулу боғ меравад, беибо иҷозат медод, ки чоп ва ба Эрон фиристода шавад. Аммо дар Эрон касони хушфаросате, ки сухани ман ба онҳо нигаронида шуда буд, ба хубӣ дарк мекарданд, ки мақсади ман аз ин гулу булбул ва боғу сайёд чист. Онҳо давъатҳои маро ба мубориза бар зидди мустамликадорон ва ҳамлаҳоямро ба сарвазири вақт Сайид Зиёуддин, ки дастнишондаи инглисҳо буд, ба осонӣ мефаҳмиданд».

Дар офаридани чунин ғазалиёте, ки бар образҳои маҷозиву рамзӣ асос ёфтаанд, Лоҳутӣ, бешубҳа, табъу завқи баланди эҷодкорӣ аз худ зоҳир намудааст. Аз ҷониби дигар, тарзи бо маҷозу рамз ифода кардани матлаб, ба ӯҳдаи системаи муайяни мафҳумҳои образбоб ниҳодани бори маъниҳои зоҳириву таҳтонӣ дар шеъри классикии форсу тоҷик, хоса дар осори шоирони мутасаввиф, собиқаи ғанӣ дошт. Ва Лоҳутӣ, ки алифбои шеърро аз падараш омӯхта, аввалин ашъорашро дар пайравии ӯ ва шуарои тасаввуфмашраби мутақаддим машқ карда, имконоти ифодаҳои рамзиро аз онҳо ёд гирифта буд, баъди мусаллаҳ шудан ба техникаи шеър ва малака пайдо кардан дар пешаи шоирӣ дар ғазалиёти истанбулиаш на танҳо ба истифода, балки ба тавсеаи эҷодии он имконот пардохт. Дар натиҷа дар ин ғазалиёт сухани шоир нисбат

ба он, ки дар ашъори давраи инқилоби машрутаи ӯ буд, латифу маҳинтар, гӯшнавозу дилнишинтар садо дода, ҳам тааммуқи маъноии ашъори пештараашро идомат мебахшад ва ҳам аз лиҳози таносуби образҳо ба завқи анъанавии хонандаи шеъри форсӣ мутобиқу мувофиқтар мегардад. Албатта, тафовути шароиту замони таълифи шеърҳои ин ду давраи эҷодиёти шоир ба хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва услубии онҳо нақши равшан гузоштааст.

Ғазалиёти истанбулии Лоҳутӣ дигар анъанаҳои ғазали классикиро низ инкишоф дода, ба онҳо рӯҳу мазмуни тоза бахшидааст. Масалан, баъзе аз ғазалҳои шоир бо байтҳое оғоз меёбанд, ки мазмуни сирф ошиқона дошта, ба тавсифи маҳбуба ва ё нолаву фиғон аз ҳаҷри ёр бахшида шудаанд. Вале байтҳои баъдина якбора мазмуни иҷтимоиву сиёсӣ касб намуда, дар нисбати байтҳои моқабл истиқлоли ғоявию мундариҷавӣ мегиранд, балки онҳоро аз ҷиҳати бадеиву эстетикӣ ба худ тобеъ мекунанд. Масалан, яке аз ғазалҳо чунин оғоз меёбад:

*Акси рӯи ёр дар ҷоми мудом афтодааст,*
*Ё ба дарё сурати моҳи тамом афтодааст?*

Ин байт мазмунан ва услубан баъзе абёти ғазалиёти Ҳофизу Ҳилолӣ ва дигар шоирони ғазалгӯи гузаштаро ба хотир меоварад. Ва агар Ҳилолӣ дар ғазалиёти ошиқона аз аввал то охир асосан ягонагии мавзӯъро риоя кунад, Ҳофиз, чунон ки муҳаққиқон (масалан, А. Мирзоев ва И.С.Брагинский) ошкор намудаанд, ба ғазалиёташ зимни мавзӯъҳои ошиқона байтҳоеро ворид мекард, ки мазмуни риндона, иҷтимоӣ ва фалсафӣ доштанд. Яъне имконоти мавзӯъ ва мазмунҳои гуногунро дар доираи як шеър ғунҷоиш додани жанри ғазал дар назми классикии форсу тоҷик ба ҳукми анъана даромада, аз ҷониби шоирони ғазалсарое, ки дар эҷодиёташон оҳангҳои иҷтимоӣ пурқувват буд, ба таври васеъ истифода мешуд.

Лоҳутӣ ин анъанаи услубиро низ дар замону шароити нав барои ифодаи ғояҳои ватандӯстиву инқилобӣ ва тарғиби ақидаҳои маорифпарварӣ моҳирона ба кор баст. Аз ҷумла, ғазале, ки байти матлаъ аз он зикр шуд, аз мавзӯи ошиқона оғоз ёфтааст. Вале баъди матлаъ абёте омадаанд, ки дорои мазмуни ватандӯстиву иҷтимоӣ, ҳасбиҳоливу зиддидинӣ, ғояҳои мубориза синфию инқилобӣ мебошанд:

*Пухтагони заҳмат озоданд аз куфру зи дин,*
*Муфтхур дур аст аз ин оташ, ки хом афтодааст.*
*Бехудони ҷаҳлро бифреб, эй шайхи аҷал,*
*Пеши мо дигар худо аз эҳтиром афтодааст.*

Дар ин порча истиқлоли маъноии ҳар байт ба шоир имконияти васеи тағйири фикр, аз талқини як мазмун ба ташвиқу таъкиди мазмуни дигар гузаштанро фароҳам овардааст. Динамикаи ҳиссиёт ва афкори қаҳрамони лирикӣ ҳадду садде надорад, ҳар байт гӯё талқини як мазмуни мустақил, аз маънои байтҳои дигар новобаста ва ҷудогонаро ба ӯҳда дорад, вале тамоми байтҳо ба рӯҳи ягонаи ғазал тобеъ буда, ба тавассути унсурҳои шаклӣ (радифу қофия) ва рӯҳияи қаҳрамони лирикӣ умумияти том касб намудааст. Маъниҳои таҳтонии образҳо (гул, сайёд, мурғ) низ фақат дар контексти умумии шеър, дар таносуби байни ҳамаи байтҳо ошкор мегардад.

Лоҳутӣ дар ғазалҳои «Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад», «Эй, ки гуфтӣ ба фақирону заифон ёрам», «Ҷоне наю саре, ки ба поят ниҳода нест» ва дар даҳҳо дигар ғазалҳои давраи истанбулиаш, ки ҳамагонӣ, ба қавли худаш, ба «мавзӯъҳои истиқлоли миллӣ, озод шудани зани эронӣ ва танвири афкори халқи Эрон» оиданд, анъанаҳои исёнгарӣ ва озодихоҳии шеъри классикони бузургро мазмуни тоза бахшида,

жанри лирикии ғазалро ба жанри шеъри сиёсӣ табдил додааст.

Маҳз дар эҷодиёти давраи истанбулиаш Лоҳутӣ ашъори сиёсиро ба савияи бадеияти баланд, бо истифодаи тамоми назокату латофати сухан, гӯшнавозиву дилнишинии оҳанги шеъри форсӣ суруда, дар адабиёти халқҳои форсизабон ба жанри нав – ғазали сиёсӣ асос гузошт. Ин навоварии Лоҳутӣ, бешубҳа, ба анъанаҳои ғазалсароёни пешин комилан такя дорад: унсурҳои шакл ва системаи образҳо дар ғазалиёти ӯ аз эҷодиёти шоирони пешин омадаанд; тафаккури бадеии қаҳрамони лирикӣ низ бар таносуби анъанавии образҳо қарор гирифтааст. Вале бо вуҷуди ин ғазалиёти Лоҳутӣ дар нисбати ғазалҳои шоирони гузашта ба куллӣ як падидаи нав аст.

Аввалан, ғазалҳои ӯ аз лиҳози мундариҷаи ғоявӣ наванд, дар онҳо ғояҳои замони нави инқилоби иҷтимоӣ ва ҳаракати миллии озодихоҳӣ тарғибу ташвиқ шудаанд. Аксар вақт Лоҳутӣ дар доираи як ғазал чандин паҳлӯи масъалаҳои инқилоб ва истиқлоли миллиро бардоштаву равшан мекунад:

*Бо ин ҳама бемеҳрии ҷонон чи тавон кард?*
*Ҷон асту муқаддар шуда, бо ҷон чи тавон кард?!*

Ин байти матлаъ, чунон ки мебинем, мазмуни сирф ошиқона дорад. Вале дар байти дуюм шиква аз сайёд – империалистони англис ва гиря ба ҳоли мурғони гулистон – ҳамватанони ҷафокаш ифода гардидааст:

*Он ҷо ки бувад саҳни чаман хонаи сайёд,*
*Ҷуз гиря ба мурғони гулистон чи тавон кард?!*

Дар байтҳои баъдина ҳамин ғояи ватандӯстӣ, ки дар байти боло бо оҳанги яъсомез ва ба тавассути образҳои

мармуз ифода шудааст, ошкорову бепарда баён мегардад:

*Вайронтар аз Эрон бувад имрӯз дили ман,*
*Эй вой, ба ин хонаи вайрон чи тавон кард?*
*Донам, ки хиёнат ба ватан роҳи тараққист,*
*Аммо ба ҷилавгирии виҷдон чи тавон кард?!*

Сониян, дар ғазалиёти Лоҳутӣ қаҳрамони лирикии моҳиятан нав ба майдон омад, ки ҳастии шахси ӯ бо ҳастии ҷамъият, орзуву омолаш бо орзуву омоли халқ, бо истиқлолу озодии ватан тавъаманд. Ҳиссу андешаҳои ин қаҳрамон дорои динамизми пуршиддат буда, на танҳо андешаҳо, балки ҳиссиёти ӯ низ мазмуни иҷтимоӣ касб мекунад. Байни ҳиссиёту андешаҳои маҳрамонаву шахсӣ ва иҷтимоиву сиёсии қаҳрамони лирикии ғазалиёти истанбулии Лоҳутӣ фосилаву тафриқаи муайяне нест. Баръакс, дар ҳар мисраъ, дар ҳар образ ҳиссиёту андешаҳои маҳрамонаи ӯ метавонад мазмуни иҷтимоӣ бигирад, дар айни замон зимни баёни тамоми ақоиди иҷтимоиву сиёсӣ ҳамеша ҳиссиёти гарму андешаҳои пуризтироби маҳрамонаи қаҳрамони лирикӣ иштироки фаъолона дорад. Масалан:

*Зи шаб то бомдодон мекунам фарёду менолам,*
*Зи дасти бахти бадфарҷом дорам доду менолам.*
*Чу бинам дар қафас ҳам бемурувват баста поямро,*
*Кунам андеша дар бераҳмии сайёду менолам.*

Агар дар байти аввал зоҳиран шикваҳои маҳрамонаи қаҳрамони лирикӣ аз бахти бадфарҷом ифода ёфта бошад, пас дар байти дуюм маъниҳои таҳтонии образҳои қафас (ғарибиву дурӣ аз ватан), пои баста (беилоҷӣ), сайёди бераҳм (империализми Англия) сабабҳои иҷтимоиву сиёсии

ин бадбахтиро ошкор месозад. Дар байтҳои баъдина бошад, ин рамзҳо кушода шуда, симои пархошҷӯёнаву фошгӯёнаи қаҳрамони лирикии шеър бо тамоми ҳастиаш дар пеши назар ҷилвагар мешавад:

*Чу мехонам ҳадиси муфтиву як марду чандин зан,*
*Аз ин дини «муқаддас» мекунам фарёду менолам …*
*Зи фақри зореъу дилсахтии молик бувад равшан,*
*Ки Эрон мешавад вайрон зи истибдоду менолам.*
*Хиёнатҳои шоҳу ҷаҳли миллатро чу мебинам,*
*Аз он тарсам, ки ин кишвар равад барбоду*
*менолам.*
*Раиятро фурӯшад бо замин маллоку мебинам,*
*Ки миллат оҷиз аст аз рафъи ин бедоду менолам…*

Гӯяндаи ин суханон, шахсе, ки дардҳои ҷамъиятро ҳамчун дарди худ қабул ва баён мекунад, пояҳову асосҳои иҷтимоии нобаробариҳои иқтисодиву маънавии ҷамъиятро медонад ва назару мавқеи равшани сиёсӣ дорад, он солҳо дар назми форсизабон воқеан ҳам қаҳрамони нав буд, ки бори аввал маҳз дар ашъори Абулқосими Лоҳутӣ бо чунин фаъолиятмандӣ арзи вуҷуд намуд.

***2005***

# ҚАЛАМАМ УМРИ ҶОВИДОНИ МАН АСТ

Дар идрок ва тасаввури ман Пайрав Сулаймонӣ як шоири ҳамешаҷавонест, ки имрӯз низ, чун дар айёми зиндагиаш, дар таҳаввул ва рушду такомули адабиёти мо нақши равшан дорад. Ӯ дар ҷодаи тӯлонии шеъри классикӣ раҳнаварди ҷавон буд ва монд, дар пайраҳаи нави шеъри кунунӣ раҳкушои ҷасуру тавоно, машъалбардору ҳодии ҷавоншоирон гардид. Шеъри тоҷикӣ дар тайи зиёда аз ҳафтод соли охир ба чӣ аҳвол гирифтор шуд – шиорзаниву вассофӣ, тақлидкориву урёнгӯӣ паҳлу ба паҳлу бо шеъри асил маъмул мегашт ва баъзан ҳатто боло мегирифт. Аммо шеъри Пайрав чун насими тоза, чун офтоби баҳорон, чун чашмаи ҷонбахш дарахти танумандy боровари шеъри тоҷикиро ҳамеша ғизо ва рӯҳ мебахшид, ниҳолони умедбахши боғи адабиёти навинро ба он дарахт мепайваст.

Дар хусуси шахсият ва шеъри Пайрав устод Айнӣ, Бектош, Раҳим Ҳошим, С. Табаров ва дигар адибону адабиётшиносони тоҷик бисёр навиштаанд. Вале гумон меравад, ки мақоми Пайрав дар таърихи адабиёти тоҷик, нақши эҷодиёти ӯ дар ташаккул ва такомули афкори бадеиву эстетикии халқи мо ҳанӯз ба дараҷаи лозима тадқиқ нашудааст.

Аввалин қадамҳои Пайрав ба адабиёт ба даврае рост омад, ки шеъри тоҷикӣ дар шароити аморати Бухоро рӯ ба инқироз оварда буд. Чанд тан шоири тавоно, мисли Аҷзӣ, Айнӣ, Фитрат, Ҷавҳарӣ, Туғрал, Тамҳид, Ҳоҷӣ Ҳусайн дар ҳудуди Мовароуннаҳр шамъи шеъри асили

форсиро фурӯзон медоштанд. Ҳавзаҳои адабии Ҳисору Бадахшон, ки баъдан Амирбек Ҳабибов тадқиқ кард, аз мактабҳои адабии Бухорову Самарқанд канда буданд.

Табиист, ки шеърҳои аввалини Пайрав аз ҳама ҷиҳат машқҳои шогирдона буданд, вале агар нек бингарем, хоҳем дид, ки ҳамон машқҳои шогирдона низ аз лиҳози фасоҳат, мантиқ ва таносуби сухан айбе надоранд, балки баъзе байтҳои баланд дошта, аз истеъдоди комил ва таъби саршори гӯяндаашон шаҳодат медиҳанд. Устод Айнӣ дар қисми дуввуми «Намунаи адабиёти тоҷик» шеърҳои «Бок нест», «Чӣ шуд, ки?..», «Шаби ҳиҷрон бо хаёли ҷонон»-ро намуна оварда, башорат медиҳад, ки «Пайрав ошиқ аст, шеърҳои ошиқонаро аз мағзи ҷон месарояд, билхоса порчаи охирӣ (манзур шеъри «Шаби ҳиҷрон бо хаёли ҷонон» – А.А.) бағоят пурсӯзу гудоз аст». (саҳ. 236)

Дар шеърҳои ошиқонаи Пайрав ҳиссиёти баланд омехта бо хаёли рангин чунон бо сӯзу гудоз ифода мешавад, ки кас гӯё тапиши дили ошиқро ҳис мекунад, печутоби ӯро аз ҳаҷри машуқа мебинад, ҳамроҳи ӯ месӯзад, якҷоя бо ошиқ ба олами изтироб меафтад:

*...Шабҳои дароз дар хаёлаш*
*Чун моргазида метапидам...*
*Гоҳе ба замин ҳамефитодам,*
*Гоҳе ба само ҳамерасидам,*
*Чун боди самум мевазидам,*
*Чун барқи ситез меҷаҳидам,*
*Чун абри баҳор мегиристам,*
*Чун бонги ҳазор месурудам,*
*Дар дашти ҷунун зи беқарорӣ*
*Худ бесарупо ҳамедавидам...*

Пайрав аз аввалин шоироне буд, ки Инқилоби халқии Бухороро табрику таҳният гуфтаанд. Ин ҷо бояд ба як гиреҳи печидаи тадқиқи эҷодиёти Пайрав ишора

кард, ки ин ҳам бошад, таърихи иншод шудани шеъри «Ба муносибати инқилоби Бухоро» аст. Дар «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик»(қ.1, саҳ. 57 ва қ. II, саҳ. 167), инчунин дар тамоми навиштаҳои С.Табаров оид ба Пайрав ва дар маҷмӯаҳои шоир, ки фарзандонаш аз рӯи бойгонии ӯ омодаи чоп кардаанд, таърихи ин шеър ба сентябри соли 1920 нисбат дода мешавад. Вале дар китоби дарсии синфи 10-ум («Адабиёти советии тоҷик») муаллими мӯҳтарам Х.Мирзозода бо исрори тамом на танҳо порчаеро аз ин шеър намеоваранд, балки аз он ёд ҳам намекунанд, дар диссертатсияи доктории (1968) ӯ низ, ки махсус ба тадқиқи назми солҳои 20 бахшида шудааст, ин шеър аз доираи назар берун мондааст. Шояд далели эшон ин бошад, ки шеъри мазкур солҳои 20 дар матбуот ба табъ нарасида ва ба маҷмӯаи аввалини шоир низ дохил нашудааст.

Аввалан, мазмун ва рӯҳияи «Ба муносибати Инқилоби Бухоро» далели возеҳ аст, ки ин шеър дар ҳамон айёми инқилоб ба мақсади хитобу даъват ва муждарасонӣ гуфта шудааст:

*...Ҳон, мужда шуд озодии ҷумҳурии шоён,*
*Эй ҷамъи ҷавонон,*
*Шуд навбавти моён!*
*Шуд байрақи сурх аз дару девор парафшон*
*Чун меҳри дурахшон*
*Ҳар сӯ шуда тобон...*

Сониян, дар ибтидои солҳои 20, вақте ки шеъри мазкур иншод шудааст, имконияти чопи осори тоҷикӣ, чунон ки мӯҳтарам Мирзозода хуб медонанд, вуҷуд надошт, зеро тамоми матбуоти тоҷикӣ баста шуда буд. Дар ин хусус устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» бо ҳасрату алам навишта буд: «Баъд аз Инқилоби Уктобр дар Туркистон ва Бухоро ҳукуматҳои шӯроӣ азбаски ба номи

ӯзбак таъсис ёфт, рӯзномаҳо, фармонҳо, дастурамалҳо, китобҳои мактабиву китобҳои сиёсӣ – ҳама ба забони ӯзбакӣ нашр шуданд, қавми тоҷик, ки соҳиби маданияти қадима ва дорои адабиёти нафиса буд, аз адабиёти нави инқилобӣ, аз мактабҳои шӯроӣ ва аз гузориши аҳволи дохиливу хориҷӣ ва аз тарбияти сиёсӣ ва билҷумла аз тамоми меваҳои инқилоб маҳрум монд. Қавми тоҷик, азбаски аз рӯзномаҳои ӯзбакӣ дуруст истифода карда наметавонист, надонист, ки ҳукумати шӯроӣ ва фирқаи иштирокиюн ба масъалаҳои миллӣ чӣ назар дорад... Адибони тоҷик, ки умре ба адабиёт машғулӣ доштанд, дар ин аҳд аз ривоҷи маслак ва пешаи худ ба куллӣ маъюс шуда, худро ба гӯшаҳои нокомӣ кашиданд ва ба забони ҳол гӯё ки мутаранними «Он Нили маърифат, ки ту дидӣ, хароб шуд» гардиданд» (саҳ. 4)

Солисан, боз ҳам устод Айнӣ дар қисми дуввуми «Намуна» баъд аз овардани се шеъри Пайрав, ки болотар ба онҳо ишора шуд, менависад, ки «Пайрав ашъори инқилобӣ низ иншод кардааст, намунааш дар қисми саввум хоҳад омад...» (саҳ. 236) Аз ин иқтибос бармеояд, ки аз мавҷудияти шеъри «Ба муносибати Инқилоби Бухоро» (зеро Пайрав то таълифи «Намуна» дигар шеъри инқилобӣ надорад) устод Айнӣ ё бевосита огаҳ буда ва ё ба ин мазмун номае аз Пайрав ба даст доштааст. Бо чӣ сабаб аз Пайрав шеъре ба қисми саввуми «Намуна» дохил нашудааст, маълум нест. Шояд шитоб доштан дар кори ҳарчи зудтар ба нашр расидани ин китоб сабаб шуда бошад...

Ва ниҳоят, бойгонии шоир, дастнависҳои ашъори ӯ дар дасти фарзандонаш маҳфуз аст, ки санаи шеърҳо дар маҷмӯаҳои Пайрав тибқи онҳо нишон дода шудааст ва инро ба эътибор нагирифтан мумкин нест.

Дар омади сухан бояд гуфт, ки нисбат ба таърихи иншоди шеъри «Қалам» низ ҳамин гуна иштибоҳ ҷой дорад. Иштибоҳи соли 1928 донистани санаи таълифи ин

шеър аз «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» (қ. II, саҳ. 185) сар шуда, баъдан ба нашрҳои гуногуни китоби дарсии «Адабиёти советии тоҷик» низ роҳ ёфтааст. Аслан ин шеър моҳи октябри соли 1920 гуфта шудааст.

Каҷфаҳмиҳое, ки дар баҳо додан ба мероси Пайрав то рӯзҳои мо давом меёбанд, асосан ба эҷодиёти солҳои 1920-1925-и шоир тааллуқ доранд. Ин каҷфаҳмиҳо аз солҳои 20 дар асари «танқидҳои» вулгарии Бектош шакл гирифта, баъдан ба қолаб даромад ва ба тадқиқоти олимон роҳ ёфт, ки ин ҳол натиҷаи ба инобат гирифтани танҳо ҷанбаи объективии эҷоди бадеӣ ва аз назари эътибор соқит кардани шахсияти шоир ва умуман омилҳои субъективии иншоди шеър мебошад. Мегуфтанд, ки Пайрав дар солҳои 1920-1925 «бо оҳангҳои лирикаи интимӣ, ки бо индивидуализми зиддиҷамъиятӣ ва формалистии зоҳирпарастӣ омехта шуда буд, маҳдуд мешавад» ва ё таъна мезаданд, ки «ӯ ғарқи шириншамолиҳои НЭП гардида, дар ҳаёт бо савдои пӯсти қароқулӣ, дар дунёи адаб ба навиштани шеърҳои ошиқонаи кӯҳнауслубе, ки дар солҳои 1917-1925 писанди умум набуд, шуғл варзидааст».

Дар навиштаҳои мӯҳтарам Раҳим Ҳошим ин гуна таъқиботи мероси Пайрав рад карда ва ботил дониста шудаанд, дар ҷилди якуми «Таърихи адабиёти советии тоҷик» (1984) низ аз ин қабил «баҳоҳо» худдорӣ шудааст. Аммо таҳлилу тадқиқи амиқу ҳамаҷонибаи эҷодиёти Пайрав ва баҳои объективонаи осор ва мақоми ӯ дар пеш аст. Ва ҳоло ҳамон қадар бояд гуфт, ки албатта, ашъори пурғалаёну пурҳиссиёти онвақтаи Пайрав дар манзари навиштаҳои хому урёни шоир – монанди бисёр шоиртарошони он солҳо «писанди умум набуд». Вале дар таърихи шеъри қарни XX тоҷик он шеърҳо дар як давраи костани асолати шеър ҳалқае буданд, ки афкори бадеии халқро аз канда шудан аз силсилаи арзишҳои суннатӣ эмин доштанд. Бубинед, магар ин абёт аз лиҳози

шеърият костагие доранд ва ё аз шӯру ғалаёни ҳиссиёти ҷавони ғариб ва ошиқи дурафтода холиянд?

*Чи шуд, ки боз фалак мекашад ба кунҷу канорам?*
*Чи бахти шум, ки пайваста гаштааст дучорам?*
*Чи гуфтаам, ки замон амр медиҳад ба сукутам?*
*Чи кардаам, ки чу Мансур мекашанд ба дорам?...*
*Чи таънаҳо, ки зи даврони нонаҷиб шунидам,*
*Чи захмҳо ба дил аз тири рӯзгор надорам?!...*

Ин шеър куллан ҳасбиҳолист ва соли 1924 дар Машҳад иншод шудааст, аммо чӣ таъбирҳои каҷе ба он нисбат додаанд...

Пайрав бо савияи баланди шеъраш на танҳо дар заминаи солҳои 20-30 паҳлу ба паҳлуи устод Лоҳутӣ қадам мезад, балки эҷодиёти ӯ баъдан дар охири солҳои 50 ва айёми мо низ дар ҷустуҷӯҳои шоирони нававари тоҷик муттакои асил ва намунаи ибрат буданд ва ҳастанд.

Пайрав дар фаъолияти эҷодии на он қадар тӯлонии худ дар тадқиқу тасвири бадеии бисёр мавзӯъҳо дар назми шӯроии тоҷик мақоми асосгузорӣ дорад. Озодии занони Шарқ («Шукуфаи ирфон...»), «Асира ё худ исён», «Ба шарафи қиёми занони Шарқ» ва ғ.), ҳамдардӣ ба ранҷбарони ҷаҳон («Шӯриши Чин ё худ воқеаи Нанкин», «Ду ҳуҷум», «Якуми май ва МОПР», «Аз дасти ту буд» ва ғ.), ҳамовозӣ ба воқеаҳои замон, тасвири бунёдкориҳои заҳматкашон ва табиати Тоҷикистон – мавзӯъҳои асосии ашъори рангини Пайрав Сулаймониро ташкил дода, баъдан дар назми тоҷик вусъат ёфтаанд.

Ба маънои кунунии мафҳуми достон аввалин намунаи ин жанр дар адабиёти шӯроии тоҷик «Тахти хунин»-и Пайрав ба шумор меравад.

Пайрав зодаи баҳор, ошиқи баҳор ва шоири баҳор аст. Агарчи нахли умраш бемаҳал хазон шуда, ниҳоли шеъраш дар бӯстони адабиёти тоҷик ҳамеша сарсабз

ва ҷавон аст. Ҳоло низ, дар ин айёми найсон, китоби шеъри Пайравро варақ гардонем, аз саҳифаҳои он насими рӯҳафзои баҳорӣ мевазад, нолаи найи чӯпон ва оҳанги тор ба гӯш мерасад. Ва беихтиёр байте аз шеъри «Қалам» ба ёди кас меояд:

*То ҷаҳон ҳаст, зинда хоҳам буд,*
*Қаламам умри ҷовидони ман аст.*

Дар хотимаи ин мақолаи парешон мехоҳем ба хонандагони гиромӣ як қитъа шеъри номатбӯи Пайравро ба сифати тӯҳфае ба муносибати ҷашни 90-солагии шоир тақдим бикунем. Ин қитъаро аз архиви устод Лоҳутӣ сармуҳофизи Музейхонаи Лоҳутӣ мӯҳтарама Фирӯза Шаҳидӣ пайдо карда, лутфан ба ихтиёри банда вогузоштанд.

Қитъашеъри мазкур дар паси сурати Пайрав, ки 17-уми феврали соли 1931 ба устод Лоҳутӣ тақдим ва ирсол шудааст, чун соядаст таълиф гардида ва матнаш ин аст:

**Ба устоди адабиёти сурх Лоҳутӣ**

*Дурӣ зи туам… ба ҳеҷ сурат*
*Ҳатто ба хаёл ҳам нашояд.*
*Инак, ба ту расми ошноӣ*
*Якрангиву дӯстӣ физояд.*
*Бо хеш бидор, то ки ҳар субҳ*
*Таъзим ба хидматат намояд.*

*Пайрав*
*Сталинобод, 17/ II –31*

Пайрав дар баҳори умр аз дунё даргузашт, вале шеъри ӯ чун гулҳои баҳорӣ дар бӯстони адабиёти мо атрафшонӣ мекунад.

***априли соли 1989***

# МАҲМУДХОҶА БЕҲБУДӢ

***(Такмили пешгуфтор ба тарҷумаи тоҷикии намоишномаи «Падаркуш»)***

Ҳаракати маорифпарварӣ, ки дар Осиёи Марказӣ бо ибтикороти Аҳмади Дониш дар нимаи дуюми асри X1X ба вуқӯъ пайваст, аз ибтидои асри XX дар шароити иҷтимоиву сиёсии дигар, дар зинаву сатҳи сифатан нав идомат ёфт. Аҳмади Дониш дар асарҳои иҷтимоиву фалсафӣ, таърихӣ ва бадеии худ хиштҳои аввалин ва таҳкурсии бинои маорифпарвариро гузошт. Ақидаҳо ва марому нийятҳои ӯ дар саҳифаҳои китоб ва дар гузоришҳои расмие, ки ба дарбор пеш мениҳод, сабт шуда, ба доираи маҳдуде аз аҳли китоб дастрас буд. Вале аз ибтидои асри XX вобаста ба ҷунбишҳои сиёсие, ки дар Русия ва мамолики Шарқи Наздик рух доданд, дар аморати Бухоро ва Туркистон низ оммаи васеътари мардум фикран бедор шуд. Манфиатҳои онҳо аз доираи рӯзгори хонавода ва маҳфилҳои маҳдуд фаротар рафта, ба ҳаёти кулли ҷомеа пайваст. Мардум андак-андак дарк карданд, ки беҳбуди зиндагии ҳар кадоми онҳо бидуни тағайюроту ислоҳоти бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъият умуман имконнопазир аст. Ин ҳақиқатро Аҳмади Дониш хусусан баъди мусофиратҳои расмие, ки ба Русия дошт, дар осораш талқин намуда буд. Вале нахустин иқдомоти амалӣ дар ин ҷода аз ибтидои асри XX шурӯъ шуд. Ва ин ҷараён ба мусофиратҳои аҳли зиё ва тиҷорат ба мамолики ҷаҳон, ба нашри китоб, хусусан ба интишори матбуот ва

таъсиси мактабҳои усули нав дар Самарқанд, Бухоро ва дигар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ вобастагии қавӣ дошт. Ин омилҳо ақидаҳои маорифпарвариро ба зинаи сифатан нави таҳаввул ҳидоят намуданд. Таъсири як худи китоби Мирзосироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро»-ро ба шууру тафаккури аҳли адаб, маърифат ва мактаб дар Бухорову Самарқанд ёдрас шудан кофист, ки аҳамияти омилҳои мазкур равшан гардад. Таконе, ки нашри рӯзномаҳои «Бухорои шариф», «Самарқанд», маҷаллаи «Ойина», инчунин таъсиси мактабҳои усули нав ба бедории фикри мардум дод, гуфтан мумкин аст, ба аҳамияти фавқулъодаи иҷтимоиву фарҳангӣ молик буд.

Ҳамаи ин иқдомот, ки тақозои давру замон буд, ба фаъолият ва шуҷоати шахсиятҳои ҷудогона сахт вобастагӣ дошт. Дар байни онҳо чун Мирзосироҷи Ҳаким, Абдулқодир Шакурӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Садриддин Айнӣ, Абдуррауфи Фитрат ва амсоли инҳо шахсони гуногунпешаву гуногунмартаба буданд, ки дар роҳи танвири афкори ҷомеа ҷоннисорона хидмат мекарданд.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар ин миён мақому манзалати хоса дорад. Ӯ чи бо таълифи осори таълимӣ, мақолоти публитсистӣ, чи бо фаъолияти рӯҳониву иҷтимоӣ ва аоширии худ дар таърихи ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ нақши равшан боқӣ гузошт. Вале чархи гардони сиёсат ба рӯи шахсият, фаъолият ва хидматҳои Беҳбудӣ чунон пардаи ғализи сиёҳ андохт, ки нишонаҳоеро аз онҳо дидану шинохтан даҳсолаҳо аз имкон берун монд.

Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ соли 1875 дар деҳаи Бахшитеппаи вилояти Самарқанд ба дунё омад. Маълумоти ибтидоиро аз тағояш Мулло Одил гирифт, ки муфтӣ буд. Соли 1894 падараш аз олам даргузашт ва Маҳмудхоҷа бино бар мӯҳтоҷии оилаашон қатъи таҳсил кард ва дар ҳузури тағои қозияш Муҳаммад Сиддиқ ба кори мирзогӣ

пардохт. Дере нагузашта тағояш аз қозигӣ маъзул шуд ва Беҳбудӣ низ аз кор маҳрум монд. Вале душвориву сахтиҳои моддиву маишӣ азми ӯро ба таҳсилу таълим натавонист қатъ бикунад. Ва дере нагузашта Беҳбудӣ дар Самарқанд аввал мирзои муфтӣ ва баъдтар муфтӣ таъйин шуд.

Маҳмудхоҷа аз овони наврасӣ аз тағояш забонҳои арабӣ ва туркиро омӯхта, ба нашрияҳои хориҷӣ ошноӣ пайдо карда буд. Дар танвири афкори иҷтимоиву маорифпарварии ӯ хусусан нашрияи «Тарҷумон», ки дар Боғчасарой чоп мешуд, роли муҳим бозид. Соли 1900 Беҳбудӣ озими ҳаҷ шуд. Дар ҷараёни мусофират ӯ дар шаҳрҳои Туркия ва Миср бо вазъи мактабу маориф ва усулҳои нави таълим ошно гардид. Сипас солҳои 1903 – 1904 ба Русия сафар карда, дар шаҳрҳои Петербург, Қазон ва Оренбург кори мактабҳо, матбуот, ҳамчунин адабиёти русу тоторро аз наздик омӯхт, хусусан ба усули таълими савтияи маорифпарвари машҳури тотор Исмоили Ғаспаронӣ (Гаспаринский) рағбат ҳосил намуд. Исмоилбек Гаспаринский (1851–1914) нависанда ва рӯзноманигор, яке аз асосгузорони тарзи нави таълим (усули ҷадида) дар мактабҳои исломӣ буд. Таълимоти ӯ ба ташаккули ҳаракати ҷадидия дар Тотористон, Туркистон ва аморати Бухоро таъсир расонидааст. Аз ин хусус дар «Таърихи инқилоби Бухоро» –и устод Айнӣ низ ҷо-ҷо сухан меравад. Дар айни авҷи Инқилоби якуми рус (1905-1907) Гаспаринский аз ҷумлаи ҳимоятгарони манфиатҳои умуми Россия буд ва чунин тарғибот мебурд: «Мусулмонон бояд ба муқобили Россия инқилоб барпо накунанд ва дар назди вай хоин нашаванд» (рӯзн. «Туҷҷор», 1907, № 15, 14 декабр). Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ низ зери таъсири ӯ баъди бозгашт дар Самарқанд мактаби усули ҷадид боз кард ва барои ин мактаб китобу дастурҳои таълимӣ навишт («Китоб-ул-атфол», «Мухтасари ҷуғрофияи

Русия», «Мунтахаби ҷуғрофияи умумӣ», «Мухтасари таърихи ислом», «Амалиёти ислом», «Мадхали ҷуғрофияи имронӣ»), ҳамчунин харитаи Туркистон, Бухоро ва Хеваро тартиб дод ва нашр кард. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ низ аз Инқилоби якуми рус умедвории зиёд дошт ва баъди эълони Манифести шоҳи Россия аз 17 октябри соли 1905 дар мақолааш «Ҳуррият-озодӣ-свобода-эркинлик» навишта буд: «Халқамон беҳад хурсанд ва муташаккир шуданд, ки боиродаи Оллоҳ ва марҳамати подшоҳамон аз як тараф ба озодӣ, аз тарафи дигар ба мартабаи вакил фиристодан ба Маҷлиси миллӣ ноил шуданд... Мо ва тамоми аҳли Русия дар як мартаба қарор мегирем» («Туркистон вилоятининг газетаси», 1906, 15 феврал, №7).

Дар ҷараёни омӯзиши кори мактабу маориф, хусусан баъди сар кардани кори амалии таълимӣ дар мактаби усули ҷадид Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дарёфт, ки дар доираи танҳо мактаб ва тағйири усули таълим наметавон табаддулоти чашмраси фикрӣ ба ҷомеа ворид кард. Воситаҳое лозим буд, ки имкони бо анбӯҳи васеътари мардум алоқа ва мусоҳиба карданро фароҳам оварад. Бинобар ин ӯ соли 1913 рӯзномаи «Самарқанд»-ро таъсис ва нашр кард. Худаш муҳаррири масъули рӯзнома низ буд ва дар таълифу тарҷумаи мақолаву хабарҳои рӯзнома фаъолона ширкат менамуд. «Самарқанд» аз моҳи апрел то сентябри соли 1913 ҳафтае ду бор ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбакӣ интишор меёфт. Дар таҳияи мавод ва нашри рӯзнома Саидризо Ализода хеле фаъолона иштирок мекард. Қисми асосии маводи рӯзнома аз мақолаҳое иборат буд, ки мафкура ва манфиати аҳли зиё ва тиҷоратро мунъакис менамуд. Дар баробари ин дар рӯзнома мақолаҳои фарҳангиву адабӣ, шеъру манзумаҳо низ нашр мешуданд, ки аҳамияти калони маърифатӣ доштанд. Аз ҷумла шеъри машҳури Сиддиқии Аҷзӣ «То

ба кай?», ки мазмуни тунду тези иҷтимоӣ дорад, дар ҳамин рӯзнома (6 августи соли 1913) нашр шуда буд. Ба тавассути мақолаҳои рӯзнома хонандагони маҳаллӣ бо чигунагии фарҳанги халқҳои Аврупо, хусусан маданияти халқи рус, ошноӣ пайдо мекарданд. Рӯзномаи «Самарқанд» хаводорони зиёдро ба худ ҷалб менамуд, теъдоди чопаш ба 600 расида буд, вале баъди нашри 45 шумора баста шуд.

Яке аз сабабҳои баста шудани рӯзномаи «Самарқанд» дар моҳи сентябри соли 1913 ин буд, ки аз моҳи августи ҳамон сол Беҳбудӣ ба нашри маҷаллаи «Ойина» шурӯъ намуд ва имконоти моддии ӯ ба чопи ду нашрия кифоят намекард. Аз ҷониби дигар, маводи маърифатӣ ва мақолоти тунду тези иҷтимоие, ки дар рӯзнома чоп мешуд, ғазабу норизоии аҳли хурофотро ангехта, боиси ҳамлаҳои ошкорову пинҳонӣ ба рӯзнома ва ношири он гардида буд.

Маҷаллаи «Ойина» аз августи соли 1913 то 15-уми июни 1915 аввал моҳе як шумора ва баъдан ҳар моҳ ду шумора чоп мешуд. Ношир ва муҳаррири он низ худи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ буд. Ин маҷалла дар як муддати кӯтоҳ тавонист доираи васеъи муаллифонро ба худ ҷалб кунад. Дар байни онҳо Сиддиқии Аҷзӣ, Саидризо Ализода, Абдурраufи Фитрат, Мирзосироҷи Ҳаким, Садриддин Айнӣ барин чеҳраҳои равшани он айём буданд, ки бо мақолаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ ва осори адабии худ саҳифаҳои маҷалларо зинат медоданд. Як қисми умдаи маводи ин нашрия аз мақолаҳои илмӣ ва маърифатӣ фароҳам меомад. Ба муҳимтарин воқеаҳои рӯз мақолаву хабарҳои худи Беҳбудӣ ҷавоб мегуфтанд. Масалан, 3-уми январи соли 1914 муллоёни иртиҷоӣ ба тавассути сӯфӣ Аббос ном рӯҳонии заҳматободӣ Сиддиқии Аҷзиро дар мадрасаи Улуғбек кофир эълон карданд. Маҷаллаи «Ойина» оид ба ин воқеа ду хабар чоп кард ва муаллифи ҳарду низ Беҳбудӣ буд. Дар яке (11.01.1914, №12) ӯ

баробари хабар додан, инчунин исбот менамуд, ки Аҷзиро «урус», «кофир» ва «рускунандаи» мардум хондани муллоён асосу заминаи мантиқӣ надорад. Дар хабари дуюм (18.01.1914. №13) омадааст, ки рӯҳониён даъват мекунанд, ки мардум ба «Анҷумани арвоҳ»-и Аҷзӣ бовар накунанд. Беҳбудӣ далелҳои шаръӣ ва ақлӣ надоштани ин даъвоҳоро нишон дода, бо ҳамин исбот кард, ки шахсоне мисли Аҷзӣ кофир нестанд ва такфири ӯ асос надорад. Сиддиқии Аҷзӣ воқеан аз зумраи маорифпарвароне буд, ки омӯзиши забон ва адабиёти русро яке аз василаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифати мардумони маҳаллӣ, аз ҷумла тоҷикон, медонист ва ин ғояро дар фаъолият ва осораш ҷазбмандона тарғибу ташвиқ менамуд. Аз ҷумла дар «Миръоти ибрат» гуфтааст:

*Забони русро тавсиф кардам,*
*Барои хонданаш таклиф кардам.*

Қиссаи «Шинел»-и Н.В. Гогол ва порчаеро аз «Қайдҳои шикорчӣ»-и И.С.Тургенев бо унвони «Шикор» тарҷума карда буд. Инчунин Аҷзӣ ба талабагони мактаби нави худ дар қатори китобҳои дигар «Афсонаи моҳигир ва моҳии тилло»-и А.С.Пушкинро дар тарҷума ба забони «мусулмонӣ» қироат мекард (Архиви марказии давлатии таърихи Ӯзбекистон, ф.181, делои 134, вароқи 63).

Баъди даҳсолаҳо устод Садриддин Айнӣ дар мактубе ба Муҳаммадҷон Шакурӣ аз таърихи 22 феврали соли 1950 оид ба ин самти фаъолияти Аҷзӣ навишта буд: «Фазилати бисёр муҳими Аҷзӣ ин аст, ки ӯ аз байни зиёиёни кӯҳна дар замони кӯҳна аввалин касест, ки забони русиро омӯхтааст ва ба омӯхтани забон ва маданияти рус мардумро ҷиддиёна ва гарму ҷӯшон ташвиқ кардааст».

Аҷзӣ ба такфиркунандагони худ дар як силсила шеърҳояш ҷавоб гуфтааст. Аз ҷумла:

*Умрест ба ростӣ сабақ мехонам,*
*Олӣ дарсе дар ин варақ мехонам.*
*Аз ҳақгӯӣ забон кашидан куфр аст,*
*То ҷон дорам, каломи ҳақ мехонам.*

Ё дар ҷои дигар мегӯяд:

*Маро санги сиёсат сурмаи овоз шуд, ё раб,*
*Зи нолиш мондаам, қонуни бемизробро монам.*
*Ба шохи ҳар дарахтам доми сайёде бувад, Аҷзӣ,*
*Аз он, к-аз ҳар нигаҳ рам хӯрдаам, санҷобро монам.*

Аз ҷониби Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ки ҳамчун муфтӣ ва ҳоҷӣ эътибори хеле баланд дошт, ҳимоят шудани Аҷзӣ дар он замон хеле муҳим буд. Дар «Ойина» ба ҷуз мақолаҳои иҷтимоимазмун ва маорифпарваронаи Аҷзӣ 18 шеъри тоҷикӣ ва туркии озарии ӯ ба табъ расида буд, ки ин худ гувоҳи равшани дастгирӣ дидани Аҷзии такфиршуда аз ҷониби Беҳбудӣ ба ҳисоб мерафт.

Ношир ва муаллифони «Ойина» ба инъикоси масоили мактабу маориф диққати махсус медоданд, дар ҳар шумора оид ба вазъи таълим ва роҳу усулҳои навсозии мактабу маориф мақолаҳои дастурӣ ва осори адабӣ чоп менамуданд. Аз ҷумла шеъри машҳури Айнӣ «Нидо ба ҷавонон» дар ҳамин маҷалла (1914, №5) ба табъ расида буд. Маводи маҷалла ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбакӣ нашр шуда, баъзан эълонҳои ба забони русиро низ фаро мегирифт. «Ойина» ба ҷуз Осиёи Миёна дар Қафқоз, Туркия, Эрон, Афғонистон ва Тотористон низ хонандагону муштариён дошт.

Рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина» дар ташаккули маданияти рӯзноманигорӣ ба забонҳои тоҷикиву ӯзбакӣ нақши ниҳоят равшан боқӣ гузоштанд. Ҳамчунин жанрҳои асосии рӯзноманигорӣ – хабар, мақола,

репортаж ба ин забонҳо низ дар саҳафоти ҳамин нашрияҳо шакл гирифтанд. Ва дар ин роҳ хидмати Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ шоистаи таҳсину такрим аст.

Фаъолияти рӯзноманигорӣ ва маорифпарварии Беҳбудӣ дар доираи рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Ойина» маҳдуд набуд. Ӯ инчунин дар матбуоти дигари он замон, мисли «Туркистон вилоятининг газетаси» («Рӯзномаи вилояти Туркистон»), «Шӯро», «Вақт» фаъолона иштирок мекард, оид ба масъалаҳои маориф, мактаб, тарбияи ҷавонон бисёр мақолаҳои публитсистӣ ба табъ мерасонд. Дар аксари ин мақолаҳо хурофоти феодалӣ, таълими схоластикии мадраса, ҷаҳолати сарватмандони замон аз дидгоҳи як нафар маорифпарвари ислоҳотхоҳ мавриди мазаммат қарор мегирифт. Аз ин лиҳоз хусусан мақолаҳои «Эҳтиёҷи миллат» (1909), «На ду, балки чор забон лозим» (1913), «Бухоро хонлигига саёҳат» («Саёҳат ба хонии Бухоро», «Вақт», Оренбург, 12-уми июли 1912) хеле тунду тез буданд.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба сифати як шахсияти маърифатпарвару ҷаҳондида хуб дарк мекард, ки тақдири халқҳои Осиёи Марказӣ дар он шароити сиёсиву иқтисодии мавҷуда танҳо ба худи онҳо вобаста нест. Бино бар ин ба воқеъаҳое, ки дар Русия ва мамолики Шарқи Наздик ба амал меомаданд, бо чашми таҳқиқу таҳлил менигарист. Ӯ мисли Ҳамза, Алвонӣ, Айнӣ, Тавалло, Аҷзӣ, М. Шермуҳаммадов ва бисёр зиёиёни дигари Туркистон ва аморати Бухоро инқилоби феврали соли 1917–ро дар Русия бо табрику таҳният истиқбол намуд. Ин гурӯҳи зиёиён умед доштанд, ки баъди барҳам хӯрдани ҳокимияти подшоҳӣ ва барқарор гардидани ҳокимияти буржуазиву демократӣ Туркистон аз занҷири мустамлика ва Бухоро аз вазъи ниммустамликаи Русия раҳоӣ меёбанд. 18-уми апрели соли 1917 Беҳбудӣ дар Қурултойи мусулмонони умуми Туркистон масъалаи аз Русия ҷудо

кардан ва давлати мустақили федеративӣ эълон намудани Туркистонро ба миён гузошт. Баъди Инқилоби октябр Беҳбудӣ борҳо «ба муқобили болшевикҳо эътироз» карда (Архиви вилоятии Самарқанд, ф.74, делои 6, варақҳои 23-26) изҳороташро дар ин мавзӯъ дар Думаи шаҳрии Самарқанд баён намудааст (рӯзномаи «Свободный Самарқанд», 1917, 9 ноябр, № 111). Ӯ инчунин дар воқеаҳои арафа ва рӯзи эълони фармони ислоҳот дар Бухоро (6-7 апрели соли 1917) дар ҳайати вакилони Самарқанд ҳамроҳи намояндагони сафорати Русия ва кумитаи иҷроияи Когон фаъолона иштирок намуд. Шӯҳрат ва эътибори Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба дараҷае буд, ки амир аз ҳузураш ибо дошт. Аз ҷумла дар маҷлиси мулоқот амири Бухоро «аз дари болоӣ даромада, бо тамоми аврупоиён мулоқот кард. Аз вакилони Самарқанд бо аврупоӣ мулоқот карда бошад ҳам, бо Беҳбудӣ ва Ҳайдарбек мулоқот накард» (Садриддин Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро. Душанбе, «Адиб»,1987, саҳ. 153-154). Ба ҳар ҳол ҷунбиши фикрӣ ва фаъолиятмандии аҳолии Туркистон ва аморати Бухоро дар дили Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ шӯълаи умедро ба беҳбудии ин минтақа фурӯзон карда буд.

Вале воқеаҳое, ки баҳору тобистони соли 1917 дар Русия, Туркистон ва аморати Бухоро (хусусан эъломи ислоҳот ва ҷадидкушӣ) рух доданд, Беҳбудиро водор намуданд, ки ин ақидаи худро тағйир диҳад ва моҳи июни ҳамон сол ӯ ба тарафдории дар ҳайати давлати буржуазиву демократии Русия ба сифати давлати худмухтор таъсис ёфтани Туркистон баромад кард. Вазъияти сиёсӣ чи дар Русия ва чи дар Туркистону аморати Бухоро чунон ба зудӣ тағйир меёфт, ки фавран таҳлилу таҳқиқ кардану хулосае баровардан аз онҳо барои як нафар сокини Осиёи Марказӣ, чи қадар он шахс бомаърифату сиёсатмадор бошад ҳам, имконнопазир буд.

Бо вуҷуди ин Беҳбудӣ ба сифати як зиёии ислоҳотхоҳ ва маорифпарвар тавонист дарк бикунад, ки Инқилоби Октябр моҳиятан як амри зӯроварист, ки дар Русия содир шуда, ба гӯшаҳои мустамликаи Русия, аз ҷумла ба Туркистон, иҷборан таҳмил гардид. Ин мавқеи ӯ дар Қурултойи чоруми фавқулъодаи мусулмонони умуми Туркистон (моҳи ноябри соли 1917) равшан намудор шуд. Вай дар ин Қурултой узви кумитаи Мухторияти Қӯқанд интихоб гардид. Баъдтар, дар ибтидои соли 1918, ки ҳокимияти шӯроҳо дар Туркистон барқарор шуда, дар Самарқанд созмони «Иттифоқ» маромҳои болшевиконро бо ҳар роҳ амалӣ менамуд, Беҳбудӣ иқдомоти зӯроварии ин созмонро маҳкум карда, аз ҷумла гуфта буд: «Ман тараққӣ ва эътидолпарварам. Аммо муносибати фирқаи меҳнаткаши Самарқанд бо болшевикон аст» («Ҳуррият», 12.01.1918)

Бо вуҷуди ин Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ муддате дар идораҳои ҳукумати шӯро фаъолият намуд. Аз моҳи майи соли 1918 ӯ дар Шӯрои мусулмонони коргар ва деҳқон дар Самарқанд ба сифати комиссари маориф ба кор шурӯъ кард. Моҳи июли ҳамон сол ба Тошканд рафта, бо роҳбарони ҳизб ва Шӯрои РАСС Туркистон вохӯрда, дар кори тайёр кардани лоиҳаи декрету ҳуҷҷатҳои расмӣ ширкат варзид. Ҳангоми кор дар идораи маорифи шаҳри Самарқанд Беҳбудӣ то ҷое, ки метавонист, ба муаллимон ва маорифпарварон А. Шакурӣ, С.Айнӣ, Ш.Раҳматуллоев ва ҳаммаслакони онҳо ёрӣ мерасонд, мактабҳо таъсис карда, дар таҳияи китобҳои нави таълимӣ кӯшиш ба харҷ медод.

Моҳи марти соли 1919 Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ аз Самарқанд озими сафар шуда, баъди гузаштан ба хоки аморати Бухоро дар Шаҳрисабз аз ҷониби амалдорони амир ба ҷурми кофиру ҷадид хонда шуданаш дастгир гардид. Сипас бо амри амир ба шаҳри Қаршӣ оваронда,

ба зиндон партофта ва дар ҳамон ҷо ваҳшиёна кушта шуд. Хабари кушта шудани Беҳбудӣ аҳли маърифат ва қалами тамоми Осиёи Миёнаро ба шӯр оварду аламзада кард. Махсусан Садриддин Айнӣ ва Абдуррауфи Фитрат, ки ҷабру ситами амирро ба ҷони худ эҳсос кардаву аз Бухоро фирорӣ ва дар Самарқанд паноҳанда буданд, аз ин воқеаи даҳшатзо сахт мутаассир шуданд ва дар рисои Беҳбудӣ марсияҳои ҷонгудоз гуфтанд. Ҳамчунин дигар адибони тоҷику ӯзбак низ дар асари ин фоҷеа шеъру мақолаҳо навиштанд, ду шумораи рӯзномаи «Шӯълаи инқилоб» ба воқеаи куштори Беҳбудӣ ва маросими дафни ӯ бахшида шуд.

То ибтидои солҳои 30 дар мақомоти расмии Ӯзбакистон ва дар матбуот аз хусуси хидматҳои Беҳбудӣ дар соҳаи маорифу маданият бисёр навиштаву гуфта мешуд, ба номи ӯ дар вилояту шаҳри Самарқанд маҳалҳову мактабҳову кӯчаҳо гузошта шуда буданд. Ҳар сол ба муносибати санаи фавти Беҳбудӣ маҳфилу маъракаҳои ёдбуд баргузор мегардид, дар матбуот мақолаҳо ба табъ мерасид. Хидмат, мақому манзалати Беҳбудиро дар болобурди маърифати мардум баробари хидматҳое мегузоштанд, ки Жан-Жак Руссо, Ломоносов, Чернишевский, Добролюбов, Ф.Охундов, Наҷафбек Вазиров, Ш.Марҷонӣ, Қ.Носирӣ барин маорифпарварон барои халқҳои худ анҷом додаанд (ниг.: Лазиз Азиззода. Беҳбудӣ. Маҷаллаи «Маориф ва уқитувчӣ», 1926, №2). Вале аз нимаи солҳои 30 ба шахсият ва мероси Беҳбудӣ (дар қатори аксари маорифпарварон ва адибони ибтидои асри XX) тамғаи ҷадидӣ зада шуд. Баъдан дар осори илмиву адабие, ки оид ба таърих ва адабиёти ибтидои қарни XX дар Тоҷикистону Ӯзбакистон нашр шудаанд, аз Беҳбудӣ фақат бо бадӣ ёд карда, ӯро ҳамчун намояндаи барҷастаи «ҷадидизм», ҳомии манфиатҳои буржуазияи маҳаллӣ маҳкум менамуданд.

Аз нимаи солҳо 80 дар Ӯзбакистон омӯзишу нашри мероси Беҳбудӣ ҷон гирифт. Дар Тоҷикистон ин кор ҳанӯз ҷиддан шурӯъ нашудааст, вале умед ҳаст, ки фаъолияти маърифатпарварӣ, рӯзноманигорӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии Беҳбудӣ таваҷҷуҳи олимони тоҷикро ба худ ҷалб хоҳад кард. Зеро бидуни шинохтани шахсият ва омӯхтани мероси Беҳбудӣ як гӯшаи муҳимми таърихи афкори иҷтимоӣ ва фарҳанги халқи тоҷик дар ибтидои асри XX норавшан мемонад.

Соли 1995 ба муносибати ҷашни 120-солагии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ камина намоишномаи «Падаркуш»-и ӯро аз туркӣ тарҷума кард, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (1996, № 1-4) ба табъ расид. Ин намоишнома, ки аввалин асари драматургии касбӣ дар адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, соли 1911 навишта шудааст. Марҳум Раҳим Ҳошим ҳикоят карда буданд, ки «дар Самарқанд Мирвафо ном бой буд ва ӯро соли 1911 писари ҳарису ношудаш бо дасти авбоше кушта гардонид. Мирвафобой почтаи Самарқандро созонда буд. Воқеаи кушонда шудани ӯ аз ҷониби писараш дар байни мардум шӯру ғавғое барпо кард. Ҳамин воқеа барои навишта шудани «Падаркуш»-и Беҳбудӣ асос шуд» (аз сӯҳбати Раҳим Ҳошим дар ҳузури банда ва Аслиддин Низомов, 15 июни соли 1990).

Ба сабаби тунду тез будани мазмун ва мавзӯи намоишнома чоп кардан ва ба саҳна гузоштани он душвориҳои бисёре ба миён овард. Аз як сӯ муллоҳову бойҳои ҷоҳил, аз сӯи дигар сензураи Руссия дар ин роҳ монеаҳо бунёд мекарданд. Беҳбудӣ намоишномаро аввал ба генерал-губернатори Туркистон фиристода, барои чоп ва гузоштани он ба саҳна иҷозат хост, вале ҷавоби рад гирифт. Сипас чораву тадбирҳои дигар ҷуст. Билохира дар муқоваи дастнавис ба забони русӣ «Ба ҷашни озод шудани Русия аз истилои Фаронса ва ба хотири ҷанги

машҳури Бородино мебахшам» навишта, ба шӯъбаи тифлисии сензураи Руссия фиристод. Баъд аз мурури ду сол 23 июли соли 1913 нусхаи иҷозатшудаи намоишнома ба дасти муаллиф расид, ки рӯи муқоваи он чунин навишта шуда буд: «Разрешено цензурою Тифлисского комитета по делам печати к постановке на сценах кавказского края. 23.03.1913 г.» Худи ҳамон сол намоишнома ба номи «Падаркуш» дар Самарқанд дар матбааи Газаров ва Сиянов ба забонҳои тоҷикӣ ва туркӣ ба табъ расида, дар як муддати кӯтоҳ дар Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Каттақурғон, Қӯқанд, Андиҷон, Намангон ва дигар маҳалҳо аз ҷониби театрҳои ҳаваскор ба саҳна гузошта шуд. Матбуоти он давра аз ин хусус хабарҳо чоп кардаанд.

Мутаассифона, нусхаи тоҷикии намоишномаи «Падаркуш» имрӯз дастрас нест. Дар тарҷума аз туркӣ кӯшиш ба харҷ додем, ки услуби матни асл ҳатталимкон риоя шавад.

***2005***

# СИРРУ СЕҲРИ СУХАН

Ҳаким Абулфатҳ Ғиёсиддин Иброҳим Умари Хайём (1040-1112) аз ситорагони осмони илму адаби тоҷику форс буда, ному шӯҳраташ тамоми ҷаҳони мутамаддинро тасхир намудааст. Чархи гардони таърих ба тақдири ӯ чунин ҳукмеро раво дид, ки осори гаронбаҳои илмиаш камтар мавриди таваҷҷӯҳ, таҳқиқ ва баҳсу талошҳои ворисон қарор гирифта, баръакс, рубоиёте, ки ба қавли аксари муҳаққиқон, ҳангоми фароғати Хайём аз баҳсу мутолиаи илмӣ навишта шудаанд, мояи ифтихори миллии ворисон ва боиси баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ гардид.

Нависандаи барҷастаи Эрон Содиқ Ҳидоят дар муқаддимаи китоби «Таронаҳои Хайём» (1934) оид ба сарнавишти рубоиёти Умари Хайём чунин навишта буд: «Шояд камтар китобе дар дунё монанди маҷмӯаи Хайём таҳсин шуда, мардуду манфур буда, таҳриф шуда, бӯҳтон хӯрда, маҳкум гардида, ҳаллоҷӣ шуда, шӯҳрати умумӣ ва дунёӣ пайдо карда ва билахира ношинос монда. Агар ҳамаи китобҳое, ки роҷеъ ба Хайём ва рубоиёташ навишта шуда, ҷамъоварӣ шавад, ташкили китобхонаи бузургеро хоҳад дод».

Аз ин навиштаи Содиқ Ҳидоят бештар аз 70 сол сипарӣ шуд ва баҳсу мунозираҳо дар тӯли ин солҳо идома ёфта, миқдори китобҳову мақолот дар бораи рубоиёти Хайём ва тарҷумаву нашри ин рубоиёт ба забонҳои гуногуни дунё афзуд. Аммо ҳанӯз ҳам наметавон гуфт, ки ду нуктаи асосии баҳсу талошҳои олимону адибон

дар хусуси рубоиёти Умари Хайём батамом равшан шуда бошад.

Нуктаи аввал ин аст, ки кадомҳо аз рубоиёте, ки дар давоми тақрибан 900 сол ба Хайём мансуб далиста шудаанд, воқеан ба қалами Умари Хайём тааллуқ доранд. Миқдори чунин рубоиёт аз 13 то 764 ва ҳатто аз ин ҳам бештар дониста мешавад. Аммо то ҳол пажӯҳиши интиқодие, ки асолату миқдори воқеии рубоиёти Умари Хайёмро дар сатҳи эътимодбахш муайян карда бошад, сурат нагирифтааст.

Нуктаи дувуми баҳс ин аст, ки рубоиёти Хайём мазмунан ва моҳиятан тасаввуфианд ё дунявӣ? Оё Хайём дар рубоиёташ фалсафаи моддигароиро талқин кардааст ё маъниҳои тасаввуфиро? Оё шахсияти Умари Хайём то куҷо озод аз мавҳумоти хурофӣ будааст ва дар рубоиёти ӯ чӣ ҳадафҳое ниҳонанд? Дар китоби «Ахборулуламо би ахборулҳукамо», ки ба соли 646 ҳ. (1247 м.) таълиф шудааст, доир ба ашъори Умари Хайём нуктае ҳаст, ки ба сабаби наздик буданаш ба замони Хайём шояд ба суолҳои боло равшанӣ андозад: «…ботини он ашъор барои шариат морҳои газанда ва силсилаи занҷирҳои залол (гумроҳӣ) буд. Вақте ки мардум ӯро дар дини худ таъйиб карданд ва макнуни хотири ӯро зоҳир сохтанд, аз кушта шуданаш тарсид ва инони забону қалами худро бозкашид ва зиёрати ҳаҷ рафт».

Содиқ Ҳидоят бо истинод ба ин нукта ва аз таҳлили муфассали рубоиёти Хайём чунин натиҷа мегирад, ки «гӯяндаи рубоиёт тамоми масоили диниро бо тамасхур нигариста ва аз рӯи таҳқир ба уламо ва фуқаҳое, ки аз он чи худашон намедонанд, дам мезананд, ҳамла мекунад. Ин шӯриши рӯҳи ориёиро бар зидди эътиқоди сомӣ нишон медиҳад ва ё интиқоми Хайём аз муҳити пасту мутаассибе буда, ки аз афкори мардумонаш безор буда».

Муҳаққиқони эронӣ Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва доктор Қосим Ғанӣ дар ин хусус чунин ибрози назар

крдаанд.: «ин ки Хайёмро сӯфӣ дониста ва ба рубоиёташ маънии тасаввуфӣ додаанд, иштибоҳ аст».

Аслан, тамоми баҳсу мунозираҳо дар бораи аз аҳли тасаввуф будан ё набудани Хайём дар рубоиёташ, мазҳабӣ ё таносухӣ будан ё набудани ӯ бар шарҳу тафсирҳои мафҳумоту таъбироти марказии рубоиёти вай асос ёфтаанд, ки шароб, соқӣ, май, кӯза, хум, майкада... аз ҳамин ҷумлаанд ва дар адабиёти сӯфия низ ба сифати рамзҳо зиёд истифода шудаанд. Дар «Наврӯзнома»-и Хайём, ки як фаслаш махсуси манофеъи шароб аст, чунин омада: «Ҳеҷ чиз дар тани мардум нофеътар аз шароб нест, хосса шароби ангурии талх ва софӣ. Ва хосияташ он аст, ки ғамро бибурад ва дилро хуррам кунад».

Ва дар ҷои дигар меафзояд: «Ҳама муттафиқ гаштаанд, ки ҳеҷ неъмате беҳтару бузургвортар аз шароб нест».

Таҳқиқи фалсафаи рубоиёти Умари Хайём пажӯҳиши ҷиддии домандореро тақозо мекунад, ки аз доираи тахассус ва вазифаи мо берун аст. Ҳамин қадар метавон гуфт, ки арзиши адабӣ ва фалсафии ин рубоиёт дар ибрози ҳаяҷони рӯҳ, ғалаёни тафаккур, шӯриши ҳиссиёт ва исёни хиради инсон аст. Ин ҳаяҷону ғалаён ва шӯру исён бо оҳанги дилфиреб, назари мӯшикоф, вусъати қареҳа, зебоии баён, истеҳкоми мантиқ, ташбеҳоти олии содда ифода гардида, дилҳо ва ақлҳоро тасхир кардаанд.

Инак, асрҳост, ки рубоиёти Умари Хайём барои мухлисон мӯниси беминнатест ва ихлосу иродаташонро ба нафосату қудрати шеъри ӯ пайваста меафзоянд, чунон ки худ дар «Наврӯзнома» фармудааст: «таъсири қалам салоҳу фасоди мамлакатро коре бузург аст ва худовандони қаламро, ки мӯътамад бошанд, азиз бояд дошт».

***P.S.*** Вақте ки ин мақолаи кӯтоҳ ба сифати пешгуфтор ба китоби «Умари Хайём. 100 рубоӣ» (Душанбе, «Адиб», 2000) аз чоп баромад, дӯсти шоирам Зиё Абдулло

китобчаеро мутааллиқ ба ҷаноби Г. Серебряков дастрасам намуд, ки дар он тамоми рубоиёти оламшумули Умари Хайём ба кадом як «шоири» қарни 19-и яҳудӣ Эмир Хайм нисбат дода шудааст. Мо то ин дам борҳо дидаву шунидаву хонда будем, ки баъзе аз аҳли сиёсат, илм ва эҷоди миллияту халқиятҳои гуногун ба мансубияти шахс ва мероси бузургони илму фарҳанги мо, тоҷикон, бо сабабу баҳонаҳои бофтаву сохта шак овардаву дастдарозӣ намудаанд. Онҳо воқеияти таърихиву замонӣ ва асосҳои шайъиву илмиро пушти по зада, танҳо ба марзбандиҳои ҳудудии давлатию миллии замони шӯравӣ такя мекарданд. Далелҳои ҷаноби Г. Серебряков бошад, ба ягон ақли солим тамос намегирад, биноан он китобчаро сазовори баррасиву интиқод ҳам намедонем. Ба ҳар ҳол аҳли қалами на танҳо Тоҷикистон, балки дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ алайҳи таҳрифкории бесобиқаи ҷаноби Г.Серебряков садои эътирози хашмолуд баланд карданд. Аз ҷумла Шоираи халқии Қирғизистон Светлана Суслова мақолае бо дифоъ аз Умари Хайём таҳти унвони «Тайна великой души» («Асрори рӯҳи бузург») фиристодааст, ки дар дасти чоп аст ва мо аз хонум С.Суслова миннатпазирем.

***2004***

# ТАНҲОӢ*

***(Очерки ҳуҷҷатӣ)***

## — 1 —

Дар яке аз рӯзҳои баҳори соли 1982 шӯрои Хонаи адибони ба номи Мирзо Турсунзода барои гузаронидани шаби эҷодии драманависи номии тоҷик Ғанӣ Абдулло тараддуд дошт. Шомгоҳон дар назди толори Хонаи адибон кормандони телевизион бо мошину дастгоҳҳои сабт такопӯ мекарданд, дар толор низ як-яку ду-ду мардум ҷамъ меомаданд. Соҳибҷашн бо ҳамсар, фарзандон ва наздиконаш либоси идона ба тан дар даромадгоҳи толор рост истода, ояндагонро истиқбол менамуданду хайра мақдам мегуфтанд. Ғанӣ Абдулло ба муборакбодии ҳамкасбон, шогирдон ва мухлисон асосан бе сухан, тавассути табассуми маҳину пурмаъно ҷавоби сипосгузорӣ ва миннатпазирӣ менамуд.

Наздикон ва ҳамсӯҳбатони Ғанӣ Абдулло шояд ба хотир дошта бошанд, ки табассуми вай сермаъно буд, ҳар кас аз он табассум ба таври худ маънӣ мебардошт. Касеро хоҳ таъриф кунӣ, хоҳ наҳ занӣ, аз воқеае изҳори хурсандӣ ё ғамгинӣ намоӣ, Ғанӣ Абдулло муносибати худро ба он кас ё воқеа бо табассуме иброз медошт. Ин табассум ҳар касро ба ҳар хулоса мебурд. Оё гурез аз изҳори ақида буд?!.. Ва ё нешханд ба воқеият?!...

---

*. Дар ҷамъоварии маводу ҳуҷҷатҳои ин очерк хонум Фирӯза Шаҳидӣ ёрӣ расонид. Муаллиф аз ӯ сидқан миннатпазир аст.

Он шом аз вақти муайяншудаи оғози шабнишинӣ қариб як соат гузашт. Мардум безобита мешуданд. Одам кам буд. Кӣ медонад, аз дили соҳибҷашн дар он лаҳзаҳо чиҳо мегузашт… Ниҳоят яке аз ходимони телевизион эълон кард, ки толорро дар ин ҳолати камодамӣ ба навор намегирад. Масъули шӯрои Хонаи адибон ба назди Ғанӣ Абдулло, ки ҳамоно дар иҳотаи аҳли хонавода ва хешу ақрабояш дар даромадгоҳ меистод, омаду узрхоҳона гуфт, ки шаби эҷодиро ба вақти дигар мавқуф мегузоранд. Боз аз хусуси сессияи имтиҳоноти донишҷӯён ва баҳонаҳои дигар чанд ҳарфи маъзаратомез мегуфт, ки Ғанӣ Абдулло бо ҳамон табассуми мастур сухани ӯро бурид: «Ҳеҷ гап не, писарам, мардум кам омада бошанд, чӣ илоҷ? Мо ба танҳоӣ одат кардаем…»

Танҳоӣ!.. Чӣ вазъу ҳолати нохушест! Хоса барои шахси эҷодкор, ки бояд ҳамеша бо мардум бошаду аз зиндагии мардум бинависад. Шояд ҳамин танҳоӣ боис шуд, ки Ғанӣ Абулло баъди баргаштан аз «муҳоҷират» батамом ба мавзӯъҳои таърихи дуру наздик рӯй овард, аз зиндагии ҷорӣ чизе нанавишт. Шояд барояш рӯбарӯ шудан бо ашхоси таърихӣ, иштирок дар воқеаҳои гузашта (оре, адиб дар ҳар воқеае, ки тасвир мекунад, ноаён ширкат меварзад) матлубтар буд? Шояд... агар худи ӯ то замони бозсозиву ошкорбаёнӣ зинда мебуд, аз танҳоӣ, аз маъниҳои табассуми мастураш, аз ҳамқисматону ҳамзамонону ҳамқаламон, аз «муҳоҷират» ва саргардониҳои баъди бозгашт ва ниҳоят аз тақдири падар, бародар ва язнаҳояш, ки аз «муҳоҷират»-и соли 1937 дигар барнагаштанд, ҳикоятҳои «аҷибе» барои мо мегуфту менавишт. Вале ҳайҳот!… Навиштае дар ин мавзӯъҳо аз ӯ намонда. Ба ҷуз хотирае дар бораи Рашид Абдулло, ки он ҳам ба табъ расид («Адабиёт ва санъат», 30 марти соли 1989). Маводе, ки дар дасти мо ҳаст, ҳуҷҷатҳо, мактубҳо, аризаҳо, тақризу тавсияномаҳое мебошанд, ки шояд тафсиру нашри онҳо барои пурратар тасаввур

намудани шахсияти Ғанӣ Абдулло, муҳит ва тақдири ӯ мадад расонад.

Аслан мақсад аз навиштани ин очерк ёфтану фош кардани гунаҳкорони бадбахтиҳои Абдулло Абдухолиқов (падари Ғанӣ ва Рашид Абдулло, падарарӯси М.Расулӣ ва Абдуҳаким Қосимов) ва фарзандони ӯ нест. Барои мо он чи муҳимтар менамояд, ки аз муҳити сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии солҳои 30-50, аз фаъолияти дастгоҳҳои зӯроварӣ ба инсон, аз вазъи психологии шахсиятҳо дар шароитҳои фаҷеъ, аз тақдири касони ҷабрдида, аз муносибати ҳамкасбон, доираҳои эҷодӣ, мақомоти ҳизбиву шӯравӣ ва маъмурии он солҳо ба чунин шахсон бештару беҳтар огоҳӣ ёбем ва сабақи талх гирифта бошем. Ва боз ба хонандаи имрӯз имконе пеш гузорем, ки аз тақдири Ғанӣ Абдулло, аз таърихи фоҷеаи як оилаи зиёиён, аз азоби танҳоие, ки солҳои мудҳиши зӯроварӣ мардумро ба он гирифтор карда буд, андеша намояд. Инак, аз тақдири сарвари ин оила сухан оғоз месозем…

## — 2 —

Тақдири Абдулло Абдухолиқов барои кушодани бисёр гиреҳҳои мавҳумоти солҳои 30, барои тасаввур кардани ҷараёни гунаҳгузорӣ ба мардумони бегуноҳ метавонад мисоли барҷаста бошад. Дар гирдоби воқеаҳои он солҳо ҳаёти худро зери хатарҳои мудҳиш гузоштан, дар хидмати фарҳанги халқ будан, ба мақсади ҷон ба саломат бурдан аз қурбон намудани дигарон ҳазар кардан дар симои ин шахси фозил, зариф ва поквиҷдон хеле равшан таҷассум ёфтааст.

Устод Раҳим Ҳошим ҳикоят карда буд: «Абдуллоҷон-ака (Абдулло Абдухолиқов дар байни мардуми Самарқанд бо ин ном маъруф буд) аз машҳуртарин одамони Самарқанд ба шумор мерафт ва дар зарофатгӯӣ, маъракаороӣ, покизагиву фазилати инсонӣ камназир буд.

Касе, ки як бор дар сӯҳбаташ менишаст, бо вай такроран ҳамсӯҳбат шуданро орзу мекард. Шеърдону шоиртабиат буд, латифаҳои бисёр медонист ва эҷод мекард. Инсони беозору раиятпарвар, меҳмонпазиру дилнавоз буд».

Нависандаи маъруфи тоҷик Ҷалол Икромӣ низ дар хотирааш «Абдуллоҷон-ака ва фарзандонаш» («Тоҷикистони Советӣ», 5 феврали соли 1989) ҳамин хислатҳои А.Абдухоликовро таъкид кардааст.

Шарифҷон Ҳусейнзода шиносоии аввалинашро бо А.Абдухоликов ба ёд оварда навиштааст: «Абдуллоҷон марди соҳибзавқ, адабдӯст ва шеършинос буд. Он рӯз ҳама аз сӯҳбати гарм ва зарофатҳои он кас ҳаззе вофир мебурдем. Ба назар мерасид, ки Абдуллоҷон шахси бисёр фурӯтан, вале хеле назарбаланд буда, аз пайи ҷоҳу мақом намедавидааст, нӯҳ курсии фалакро зери пои Қизил Арслон намениҳода будааст».

Ҳоло барои ошно шудан бо шахсияти ин марди бузурги хокӣ шиносномаи ӯро аз назар мегузаронем. Парвандаи ӯро варақ мегардонем. Ин шиносномаи №22 фаъолияти А.Абдухоликовро танҳо дар Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ аз 12 августи соли 1935 то 17 сентябри соли 1937 – то рӯзи сиёҳи ба ҳабс гирифта шудани ӯ дар бар мегирад (дар шиноснома амри аз кор озод кардани вай ба санаи 20 сентябри соли 1937 сабт шудааст).

Ин шиноснома, ки танҳо аз амрҳои маъмурияти китобхона, ариза ва роҳхатҳои хизматӣ (командировка) фароҳам омадааст, дар назари аввал як маҷмӯи қоғазҳои расмӣ менамояд. Вале агар он пораҳои қоғазро мазмунан ва моҳиятан ба муҳиту шароити таърихии солҳои сӣ бипайвандем, бисёр ҷиҳатҳои фаъолият ва шахсияти Абдулло Абдухоликов равшантар ба фаҳм мерасад. Масалан, дар варақи аввалини шиноснома қайд шудааст, ки «Абдухоликов Абдулло аз 12 августи соли 1935 ба вазифаи роҳбари шӯъбаи дастнависҳо қабул шуд».

Фавран ба ёд мерасад, ки ҳамон солҳо маҳз дастнависҳо сӯзонда, гӯронда ва ба об партофта мешуданд. Ҳарчанд ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҳузури Китобхонаи давлатӣ шӯъбаи махсуси дастнависҳо таъсис намуда, ба ҷамъоварии китобҳои қадима кӯшид, вале баъди таъқиби муллоҳо (ва умуман шахсоне, ки китобҳои ба ҳуруфи форсӣ навишташуда доштанд) ва «бадном» шудани алифбои форсӣ чун «алифбои Қуръон» бисёр китобдорон ба одамони ҳукумат бо назари шубҳаву ҳарос менигаристанд, китобҳои доштаашонро ё аз онҳо пинҳон мекарданд ва ё ба боди фано месупурданд. Бино бар ҳамин ба чунин вазифа таъйин шудани Абдулло Абдухолиқов барин шахси бомаърифат, китобдӯст, хушсалиқаву хушмуомила, зарифу дидадаро барои аз шаҳид шудан эмин мондани бисёр дастнависҳо ва ба тавассути шӯъбаи дастнависҳои китобхона ба хидмати мардум гузоштани онҳо сабаб шуд. Ва маҳз ҳамин кори хайраш ҳангоми ҳабс шудану «гунаҳгор» гардиданаш яке аз сабабҳои «фаъолияти зиддисоветии» ӯ дониста шуд.

Абдулло Абдухолиқов дар ҷараёни фаъолияти дусолааш дар шӯъбаи дастнависҳои Китобхонаи давлатӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳое, ки дар шиносномааш маҳфузанд, 24 маротиба ба муддатҳои ҳар дафъа аз 15 рӯз то 2 моҳ ба шаҳру деҳоти Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон барои харидани дастнависҳо ва китобҳои чопи кӯҳна мусофират кардааст.

Марҳум Шарифҷон Ҳусейнзода дар сӯҳбате нақл карда буд, ки бисёр дастнависҳо ва китобҳои чопи сангии пурарзиши Китобхонаи Фирдавсӣ маҳз ҳамон солҳо ва маҳз ба туфайли кӯшишу ҷадалҳои Абдулло Абдухолиқов гирд оварда шудаанд.

Он солҳо дастнависҳову китобҳои форсиҳуруф чун нишонаи сохти кӯҳна, чун боқимондаҳои идеологияи диниву феодалӣ маҳкум мешуданд ва барои нест кардани онҳо «муборизаи синфӣ» эълон шуда буд. Дар ҷараёни

ин «мубориза» на танҳо китобдорону китобхонон, балки пеш аз ҳама худи китобҳо шаҳид мешуданд. Ин буд, ки гули зиёиёни мамлакат, аз ҷумла бомаърифаттарин касони миллати мо, аз байн рафтанд, пурарзиштарин ва нодиртарин китобҳо нобуд гардиданд.

Духтари А. Абдухолиқов Музаффара Қосимова (ёдаш ба хайр, ҳамсари Абдуҳаким Қосимов), ки ҳангоми таълифи ин очерк 83-сола ва дар қайди ҳаёт буд, нақл мекард: «Падарам марди равшанфикр буданд, бино бар ҳамин моро пеш аз инқилоб на ба мактаби кӯҳна, балки ба мактаби нави Шакурӣ ба хондан монданд. Мо ҳамроҳи писарбачаҳо таҳсил мекардем, бо Раҳим Ҳошим ҳамдарс будем».

Дар матбуоти моҳҳои сентябрь ва октябри соли 1937 тақрибан дар ҳамаи мақолаҳое, ки ба мазмун ва мақсади «душманфошкунӣ» аз байни зиёиёни эҷодкор чоп мешуданд (масалан, муроҷиат шавад: «Қизил Тоҷикистон», 2 сентябр; ҳамон рӯзнома, 28 октябр; «Тоҷикистони сурх», 30 сентябр; ҳамон рӯзнома, 2 октябр; ҳамон рӯзнома, 18 октябр; «Барои адабиёти сотсиалистӣ», №7-8 ва ғ.), дар радифи Маъруф Расулӣ, Ҳаким Карим, Ғанӣ Абдулло, Рашид Абдулло, Алихуш, Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Қосимов, Раҳим Ҳошим, Дайламӣ ва ғ. номи А. Абдухолиқов низ ҳатман зикр меёфт. Ба ӯ гоҳ тамғаи «аксулинқилобчии фаъол» мезаданд, гоҳи дигар ба «ҳаракатҳои зиддисоветӣ» гунаҳгораш менамуданд. Вале ягон муаллиф дар ягон мақолаи «душманфошкунӣ» ягон айби мушаххасе ба ӯ часпонда натавонистааст, ҳарчанд ба ҳабс гирифтанду абадан аз озодӣ маҳрумаш карданд.

Музаффара Қосимова нақл мекард: «Падарам бо Абдурашид ва Абдуғанӣ (Рашид Абдулло ва Ғанӣ Абдулло – А.А.) дар як хоначаи бинои нависандагон, ки дар кӯчаи Орҷоникидзе воқеъ буд, зиндагӣ мекарданд. Соли 1937 омаду ба сари оилаи мо бало омад... Як шаб (манзур шаби 17 сентябри соли 1937 – А.А.) омаданду аввал

шавҳари ман Ҳаким Қосимовро бурданд. Пагоҳӣ барвақт ба хонаи укем Абдуғанӣ мешитофтам, ки сари роҳ кадоме аз ҳамсояҳо – Аминзода буд ё каси дигар – гуфт, ки ҳамин шаб омада дадетону укетон Абдуғаниро гирифта бурданд. Абдурашид дар курорт буд. Маълум шуд, ки аввал шавҳарамро, баъд сари роҳ даромада дадем ва укемро якҷоя гирифта бурдаанд. Баъдтар Абдуғанӣ ҳикоя мекард, ки дадем бечора раҳбараҳ мегуфтаанд: «Абдуғанӣ, боз гапҳои дурӯға нагӯӣ, будагеша гӯ, росташа гӯ…» Моҳи январи соли 1938 буд магар, ки дадемро этап карданд, аввал ба Тошкент, баъд ба Сирдарё бурданд. Либоси зимистона надоштанд, як чиз-ним чиз барам, коргарҳои НКВД сагҳоро сар медоданд. То нимаҳои шаб дар гирди ҳабсхона мегаштам. Дадем бечораро чӣ қадар заданд, ба хориҳо андохтанд…».

Ба ҳамин минвол А. Абдухолиқов баъди тақрибан чор моҳи дар маҳбаси Комиссариати халқии корҳои дохилӣ азобу хорӣ кашидан, ҷазову шиканҷаҳои ҷисмонӣ дидан моҳи январи соли 1938 бидуни муҳокимаи суд аввал ба Тошканд, баъд ба лагери №4-и маҳбусон ба совхози «Малик» ба мӯҳлати 10 сол бадарға карда шуд. Дар давоми зиёда аз 3 сол ӯ ба мақомоти суд, прокуратура ва адлия аризаҳои бисёре навишта, мехост, ки мурофиа барпо бишаваду бегуноҳии худро исбот бикунад. Вале ҳайҳот, ба додаш касе нарасид. Ӯ мисли миллионҳо маҳбусони ҳамтақдираш бовар дошт, ки ба маҳбас афтиданаш натиҷаи хатои кадом касонест ва намедонист, ки дар ин гирудори оммавӣ қонунмандии сиёсие ниҳон аст. Қонунмандие, ки сиёсатмадорони давр соз карда буданд, қонунмандие, ки аз сиёсати зӯроварӣ ба «инсони озоду хушбахти советӣ» бармеомад. Аммо вай ба адолат бовар мекард, додрас меҷуст, умедвор мешуд… Ин ҷо мехоҳам бидуни шарҳу эзоҳ як аризаи додхоҳии А. Абдухолиқовро манзур гардонам, то ки бисёр ишкелҳои муҳит, коргардонӣ ва қонунгузории он солҳоро хонандаи

имрӯз равшантар тасаввур карда бошад. Асли ариза ба забони русист.

*«Ба нозири корҳои дохилии РСС Тоҷикистон, шаҳри Сталинобод.*
*Аз Абдулло Абдухолиқов, ки аз ҷониби тройка (сегона-А.А.) ба 10 сол маҳкум шуда, дар лагери №4-и маҳбусон дар совхози «Малик» иқомат дорад ва рақами шиносномааш 190072 аст.*

***А Р И З А***

*Ман дар соли 1878 (61-сола) дар маҳалли Хайрободи гузари Сӯфӣ Розиқи шаҳри Самарқанд таваллуд ёфтаам. Саводам паст аст, танҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ хонда ва навишта метавонам. Дар хориҷа набудаам. На пеш ва на баъд аз инқилоб хидмати ҳарбиро нагузаштаам. Суд ҳам нашуда будам. Собиқаи фаъолияти меҳнатиам аз соли 1896 то соли 1937 41 солро ташкил медиҳад (ба истиснои 3 сол, ки аз соли 1922 бо баззозӣ шуғл меварзидам). То инқилоб дар магазин ва анборҳои якчанд соҳиби корхонаҳои бофандагӣ кор мекардам. Баъди инқилоб се сол дар Ӯзбекматлубот (аввал дар Самарқанд, сипас бо роҳхат дар шӯъбаи навташкили Ӯзбекматлубот дар Сталинобод), чор сол дар магазини Тоҷикнашр ва се сол, то ба ҳабс гирифта шуданам, дар Китобхонаи марказии Тоҷикистон кор кардаам. Ҷамъан дар Тоҷикистон 10 сол – аз соли 1927 то соли 1937 кор кардаам ва ягон тини давлатро беҳуда ба харҷ надодаам, боре ҳам эрод нашунидаам, озода ва аз рӯи инсофу виҷдон меҳнат мекардам. Аз ҳама корхонаҳо барои меҳнати софдилонаам танҳо ташаккурнома ва мукофотҳои пулӣ гирифтаам.*

*17 сентябри соли 1937 маро органи НКВД-и РСС Тоҷикистон дар шаҳри Сталинобод ҳабс кард. Тахминан*

*охирҳои октябри соли 1937 маро ба истинтоқ даъват намуданд. Муфаттиши ман ҳуҷҷат ва далеле надошт, то ба ман бигӯяд, ки ту фалон ё беҳмадон ҷиноятро содир кардаӣ. Зеро ин гуна ҳуҷҷату далел умуман дар дунё вуҷуд надорад, чунки ман ҷинояте содир накардаам. Муфаттиши ман метавонист танҳо бо суханони умумии беасос бигӯяд, ки ту аксиинқилобчӣ ҳастӣ, иқрор шав, кӣ туро ба фаъолияти аксиинқилобӣ тарғиб мекард ва ту киро, кадом корҳои аксиинқилобиро иҷро мекардӣ. Ман ба ӯ ҷавоб додам, ки ҳеҷ гоҳ аксиинқилобчӣ набудаам, кори аксиинқилобие накардаам ва аз аввал то ҳол бар зидди ҳокимияти советӣ сухане нагуфтаам.*

*Маро бетанаффус 8 шабонарӯз истинтоқ карданд. Дар давоми ин 8 шабонарӯз намегузоштанд, ки лаҳзае хоб равам, чунон мезаданд ва азоб медоданд, ки тоқати кас тоқ мешуд. Хусусан як бегоҳ маро тақрибан 6 нафар чунон заданд, ки аз даҳону биниам хун рафт, чунон ба биқинҳоям заданд, ки нафас кашидан муҳол шуд. Тамоми баданам кабуд гашт, пойҳоям варамиданд ва ҳангоме ки тоқатам тоқ шуду фарёд кашидам, даҳонамро бо кулоҳ бастанд. Дигар ҳеҷ илоҷи тоб овардан набуд. Ман ҳазор бор ба мурдан розӣ будам, то ки аз ин азоби тоқатфарсо халос шавам. Бино бар ҳамин аз онҳо зориву тавалло мекардам, ки маро фавран бикушанд ё бипаронанду ин қадар азоб надиҳанд. Онҳо дар ҷавоби ман гуфтанд, ки «мо туро намекушем, намепаронем, балки чунон азобат медиҳем, ки аз марг вазнинтар бошад. Мо туро ба устухон, ба халтаи ахлот мубаддал мекунем. Ва агар хоҳӣ, ки дигар азобат надиҳем, бигӯй, туро кӣ тарғиб кардааст ва ту киро. Вале азбаски ман ҳеҷ гоҳ амали аксисоветӣ накардаам ва то ҳабс шуданам ҳатто истилоҳи тарғиби аксисоветиро (вербовка) намедонистам, маҷбур будам, ки боз ин ҳамаро рад бикунам. Онҳо аз нав задани дастаҷамъонаро шурӯъ мекарданд. Ниҳоят баъди чандин карат такрор шудани ин гуна заданҳои дастаҷамъона ман маҷбур шудам ба онҳо*

*бигӯям, ки «майлатон, ҳар чӣ хоҳед, нависед, ман имзо мегузорам». Ин суханони ман онҳоро қонеъ накард, зеро чӣ навиштан ва киро ба ман пайвастанашонро намедонистанд (ба ин маънӣ, ки маро кӣ тарғиб кардааст у ман киро) ва боз ба задани ман даромаданд. Ба ҳамин тариқ, азбаски ман инсон будам, на санг (санг ҳам тоб намеовард, мешикаст), барои халос шудан аз ин азоби тоқатфарсо маҷбур будам суханони тамоман дурӯғе бигӯям, ки бар зидди худам ва дигарон буданд.*

*Маро барои рафтан ба ин роҳ чунин шароит низ водор намуд, ки касони дар камераи мо буда ва то ман ин азобҳоро чашида ба ман ва ба дигарон мегуфтанд, ки ҳеҷ ҷинояте содир накарда бошӣ ҳам, ба ғайр аз суханони тамоман дурӯғро бар зидди худ ва табъи дили онҳо гуфтану имзо гузоштан роҳи халосие аз ин азоби алим нест. Ман ҳам баъди шахсан чашидани ин азобҳо ва роҳи дигареро ба халосӣ надидан маҷбур шудам, ки табъи дили онҳо маълумоте бидиҳам, ки дурӯғи маҳзанд.*

*Ман маҷбур будам ин дурӯғро бигӯям, то ки халос шавам ва баъд дар суд дурӯғи маҳз будани гуфтаҳоямро ба исбот расонам. Аввалан, агар ман ба онҳо номи шахсони зиндаро бигӯям, фавран ба ҳабс мегирифтандашон ва ба азобу шиканҷа гирифтор карда, ба ҷавобгарӣ мекашиданд, ки ба ин виҷдонам роҳ намедод. Бинобар ин ман номҳои касони фавтидаро мегуфтам. Масалан, ба саволи «Кӣ туро тарғиб кард ва кай тарғиб кард?». Ман ба онҳо ҷавоб додам, ки маро Беҳбудӣ соли 1920 тарғиб кард. Ҳол он ки Беҳбудӣ соли 1918 аз ҷонибиби беки Қаршӣ кушта шуда буд. Яъне ки маро тарғиб кардани ӯ дурӯғ аст.*

*Аз шахсоне, ки гуфтам ман онҳоро тарғиб кардаам, яке бародари худам Абдухолиқов Абдураҳим буд, ки ҳанӯз соли 1926 фавтидааст. Ба замми ин вай ба дараҷае кар буд, ки агар дар наздаш тӯп ҳам паронӣ, намешунид. Ва азбаски ӯ кар буду бо касе гап зада наметавонист, ҳамеша*

*дар хонааш менишаст, бо касе муомила надошт ва ба ҷое намерафт.*

*Каси дуввум – Мирмансуров Миркамол, ки соли 1932 вафот карда буд. Вай соли 1932 бисту панҷ сол дошт. Ман гуфтам, ки ӯро соли 1921 ба таъсири худ гирифтаам, яъне вақте ки вай ҳамагӣ 14-сола будааст.*

*Каси севвум – Оймуҳаммадов Абдусамад, мӯйсафеди 70–сола, тамоман бесавод, аз сиёсат бакуллӣ бехабар, нашъаманд. Касбаш мӯзадӯзӣ буд, тамоми умр пойафзоли кӯҳнаи маҳаллиро тармим мекард ва аз ҳамин ҳисоб рӯз мегузаронид. Чанд сол пеш фавтида буд.*

*Ба ҳамин тариқ, аз тавсифҳои шахсони мазкур шумо итминон ҳосил мекунед, ки ин одамон ба сиёсат ягон муносибат надоранду ҳама фавтидаанд ва аз ин бармеояд, ки ман ҳеҷ гоҳ аксиинқилобчӣ набудаам, касе маро ба ин роҳ тарғиб накардаву ман ҳам каси дигареро ва барои ман исбот кардани ин ҳама дар суд душворие надошт. Аммо ҳазорон афсӯс, ки кори маро ба суд намедоданд ва бидуни эълон кардани моддаи гунаҳгузорӣ маро ҳамроҳи 850 нафари дигар моҳи январи соли 1938 ба Тошканд раҳсипор намуданд. Сипас дар роҳ эълон карданд, ки кадоме аз мо ба чанд сол маҳкум шудааст. Ҳама 8-солӣ ва 10-солӣ гирифтанд, маро ба 10 сол маҳкум карда, ба совхози «Малик» №1-Сирдарё фиристоданд. Яъне ки ман аллакай қариб ду сол дар ин лагер ҳастам. Дар давоми ин ду сол ман бисёр азобҳо кашидам, даврони пиронсолиам ба азият мегузарад. Комиссияе, ки ба қарибӣ аз Тошканд омада буд, маро маслуқ донисту аз ин хусус акт ҳам тартиб дод. Ба ҳамин тариқ агарчи ман ба меҳнати ҷисмонӣ машғул нестам, вале азоби қалбиам ниҳоят вазнин аст, зеро ҳеҷ наметавонам розӣ шавам, ки заррае ҷинояти аксисоветӣ содир накарда, аксиинқилобчӣ, миллатчӣ, душмани ҳокимияти советӣ ном бардорам, ҳол он ки ман ҳеҷ гоҳ чунин набудаам ва ҳоло низ чунин нашудаам. Ман ҳамеша кӯшидаам, ки ба ҳокимияти советӣ на зарар, балки фоида расонам…*

*Ба ҳамин тариқ, ман аз рӯи имкон кӯшидаам, ки ба фоидаи халқ, ба фоидаи ҳокимияти советӣ кор кунам. Ман душмани халқ, душмани ҳокимияти советӣ набудаам ва аз ҳамаи касоне, ки маро мешиносанд (маро ҳам дар Самарқанд ва ҳам дар Сталинобод бисёр касон мешиносанд), бипурсед ва агар онҳо бигӯянд, ки ман одами бад ҳастам, маро нобуд кунед ва агар онҳо ба фоидаи ман сухан гӯянд, ки ман ба ин бовар дорам, пас хоҳиш мекунам, аз ман гуноҳеро бардоред, ки номамро доғдор кардааст, аз лагер озодам кунед, то айёми пириамро дар озодӣ гузаронам…»*

Дар ариза санаи китобат гузошта нашудааст, вале аз «аллакай қариб ду сол дар ин лагер ҳастам» гуфтани муаллиф маълум мешавад, ки тақрибан дар охири соли 1939 ё ибтидои соли 1940 навишта шудааст. А.Абдухолиқов бовар дошт, ки арзаш ба додрас мерасаду ба додаш мерасанд. Вале ҳайҳот!.. Азобҳои ҷисмонӣ ва хусусан аламҳои рӯҳонии мӯйсафед, ки синнаш аз 60 гузашта буд, аз мактубҳои ӯ ба духтараш Музаффара ҳувайдоанд. Вай то охирин дами умраш итминон дошт, ки маҳбусии ӯ натиҷаи саҳву хато ва тӯҳматҳои касони ҷудогона аст. Умедвор буд, ки Нозири корҳои дохилӣ адолатро нисбати ӯ барқарор мекунад. Аризаи мазбур бе ҷавоб монд, вале Абдухолиқов ин дафъа ҳам ноумед нашуд. Тобистони соли 1940 ба номи Прокуратураи Тоҷикистон боз ариза навишт, ки 16 июли ҳамон сол таҳти рақами 8/1128 ба қайд гирифта, барои тафтиши иловагӣ муқаррар карда шуд. Рӯзҳову ҳафтаҳову моҳҳо дар азоби интизориву умедворӣ мегузаштанд, вале аз прокуратура низ ҷавобе намерасид. Ҳар ариза барояш мисли хаси рӯи об буд, ки шахси ғарқшаванда бо ҳазорон умед даст ба сӯяш дароз мекард. Ин рӯҳияи умедвории ӯро яке аз охирин мактубҳо ба духтараш Музаффара хеле равшан акс менамуд, ки матнаш ин аст.

*«Духтари меҳрубонам Музаффара-хонум!*

*Баъд аз салом чунон расонида мешавад, ки ман ҳанӯз зинда буда, сиҳҳату саломатии шумоҳо, фарзандони азизамро ҳамеша хоста ва хоҳонам. 3 сентябр фиристодагӣ посилкаатонро, ки як дона курта, як сачоқ, 2 парноскӣ, чойи фомил, чойи кабуд, як халтача шакар, як қадар нон, ду сум пул, як собуни дастшӯӣ будааст, 10 сентябр расид. Аммо хате, ки ба даруни посилка монда будед, ҳанӯз нагирифтам, чаро ки агар вақти посилкаро кушодан хат бошад, нигоҳ дошта, аз назар гузаронида, баъди чанд рӯз медиҳанд. Ман 3 сентябр ба Муҳаррама навишта, ин чизҳоро фиристонед гуфта, илтимос карда будам: як дона маҳсии кӯҳна ҳам бошад, мешавад, як дона курта, лозимӣ… 30 сӯм пул, як ремент барои брукро бастан, як дона собуни ҷомашӯӣ… Агар ҳанӯз нафиристода бошед, 30 сум пулро нафиристонед, чаро ки аввалан, ҳоло даркор не ва дигар ин ки ба даруни посилка пул монда фиристодан мумкин не гуфта, манъ кардаанд. Гапи дигар ин ки 18 сентябр як извишенӣ (извещение)… дар лагер омада ба ман расид. Мазмунаш ин ки «Маълум карда мешавад ба Абдухолиқов Абдулло, нумери 190072, заявлении онро прокуратур тобистони 16/VIII соли 40 нумери 8/1128 дида шуда, чора дида шуд барои аз нав дидан. Баробари ҷавоб гирифтан натиҷааш зуд маълум карда мешавад». Бинобар ин ки аз он таърих ҳоло аз ду моҳ зиёд гузашта, натиҷаи он ба ман маълум нашуд, илтимос аз шумо менамоям, ки агар мумкин бошад, ба идораи прокурор рафта пурсед, ки ҳамин кори маро дида тамом карда бошанд, илтимос намоед аз тарафи ман, ки зудтар дида шавад, чаро ки дилам бисёр танг мешавад, барои ин ки ҳеҷ гуноҳ надорам. Аз се сол ҳам зиёд шуд, ки дар ҳабс нишастаам, синнам ба 62, қариб ба 63 расида, он қадар касалҳоба гирифтор шудагӣ, ки агар ин ҷо нависам, гап бисёр дароз шуда, ба мехондагӣ ва тарҷума мекардагӣ заҳмат мешавад… Инвалид шудагӣ ва дигар ин ки агар мумкин бошад, аз тарафи ман ба*

*прокурор гӯед, ки дар вақти кори маро дидан худи маро ҳам бурда гап пурсанд, то ки ман ҳам ба бегуноҳ буданам фактҳо нишон дода, дурӯғ будани гапҳои ба протокол будагиро исбот карда, худамро озод кунам. Фактҳои ман аз барои бегуноҳ будани худам бисёр аст. Ба ариза кам навиштагӣ, чаро ки худам ариза навишта наметавонам, касе ки аризаро навишт, «гапи бисёр даркор не» гуфта, ҳама гуфтаҳои маро нанавишта, камтар навишта буд. Падаратон Абдулло. 21 сентябри 1940».*

Мегӯянд, ки одамӣ ҳамеша ба умеди рӯзи нек зинда аст, вагарна кӯшишу ҷадал, сабру тоқат, инсофу қаноат аз ниҳоди инсон бадар мерафт ва зиндагӣ аз маънову мазмуни аслиаш тиҳӣ мешуд, моҳияти инсониашро гум мекард. Абдулло Абдухолиқов низ то охирини нафас ба умеди рӯзи нек, ба умеди озодӣ ва дидори фарзандону пайвандони азизаш мезист. Вале ба он рӯз нарасид, ба ташкили мурофиа муваффақ нашуд, дурӯғҳои протоколро фош кардан барояш муяссар нагардид, далелу бурҳонҳоеро, ки барои озод кардани худ дошт, ҳамроҳи орзуву армонҳои ширинаш дар дил бурд.

Аз Абдулло Абдухолиқов, ки дар радифи зиёиёни эҷодкор ҷурми «душмани халқ»-ро ба номаш баста буданд, навиштаи бадеие боқӣ намонда, балки номи нек, хотираи некаш дар дили зиёиёни тоҷик – устод Айнӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Раҳим Ҳошим, Ҷалол Икромӣ, Ғанӣ Абдулло, Расул Ҳодизода, ки ҳар кадом дар сатре чанд аз ӯ ёд кардаанд, инчунин дар дилҳои авлодаш, дар ҷилдҳои кутуби ба шӯъбаи дастнависҳо бо ҳазор азоб гирдовардааш зинда монд. Ва ин саҳифаҳое, ки мо аз рӯзгори талхи он мард пур кардем, агар равшание ба симои ӯ андохта бошад, худро сарфароз хоҳем пиндошт. Чунон ки Саъдии бузург фармудааст:

*Зиндаву ҷовид монд ҳар ки накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

Баъди 15 соли фавт, 4 августи соли 1956 Суди Олии РСС Тоҷикистон қарори ҳукми сегонаро аз 10 декабри соли 1937 дар нисбати Абдухолиқов Абдулло аз эътибор соқит донист.

## — 3 —

Хонандаи нуктасанҷ шояд ба ҳайрат афтода бошад, ки дар номаи иқтибосшуда А.Абдухолиқов аз фарзандони дигараш пурсон намешавад – аз писараш Ғанӣ Абдулло, ки он вақт аллакай дар шимоли Шарқи Дур азоби алими ҷисмониву рӯҳонӣ мекашид; аз домодаш Абдулҳаким Қосимов, ки ҳангоми иншоди он нома дар озодии муваққатии сесола буд; аз домоди дигараш Маъруф Расулӣ, ки дар ҷараёни истинтоқҳои ваҳшиёна то мурофиаи суд нарасида, зимистони соли 1938 вафот карда буд ва ниҳоят аз фарзанди марҳумаш Рашид Абдулло…

Рашид Абдулло… Ин ном дар матбуоти солҳои сӣ аз машҳуртарин ва маъмултарин номҳои адибони он айём буд. Ӯ аз зумраи нависандаву шоирони ба истилоҳ насли комсомол буда, бо ҳазорон орзуву умед, бо як олам ҷаҳду ҷадал ва эътиқоду бовар ба идеалҳои олии сохтмони сотсиализм ба роҳи навини адабиёти куҳан қадам гузошт. Шеъру достон эҷод мекард, лавҳаву мақола менавишт, котиби масъули маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ», мудири шӯъбаҳои адабии рӯзномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, дар деҳоти водии Вахш бо роҳхати Комитети Марказии комсомол муаллимӣ мекард. Сарбози сипоҳи маданият буд. Ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ шеър ва мақолаҳо менавишт. Соли 1933 дар бораи корномаи сохтмони Вахш ба забони ӯзбекӣ достоне эҷод

кард, ки соли 1934 дар тарҷумаи Мунзим дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (№3-4, саҳ. 15-16) ва худи ҳамон сол дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба шакли китоби алоҳида чоп шуд (дар раҳнамои тоҷикиву русии «Адибони Тоҷикистон», ки то кунун ягона сарчашмаи маълумот оид ба Рашид Абдуллост, соли нашри достони «Вахш»-и ӯ саҳван 1936 омадааст). Тадқиқи эҷодиёти Рашид Абдулло дар пеш аст. Ҳоло биравем ба соли 1937…

Болотар ишора шуд, ки шаби 17–уми сентябри соли 1937 Абдулло Абдухолиқов, писараш Ғанӣ Абдулло ва домодаш Абдуҳаким Қосимовро ба ҳабс гирифтанд. Рашид Абдулло он вақт дар Сталинобод набуд. Вале дар саҳифаҳои матбуоти ҷумҳурӣ ӯ дар қатори падару бародар ва язнаҳояш, инчунин як зумра нависандагони «душмани халқ» яке аз «қаҳрамонон»-и мақолаҳои «танқидӣ» гардида, барои маҳбус шуданаш баъди омадан ба Сталинобод заминаи «мусоид» омода буд. Масалан, 22 сентябр рӯзномаи «Қизил Тоҷикистон» мақолаи Қ. Аҳрорӣ ва М.Юлдошевро таҳти унвони «Душманони ашаддии халқро аз пайу решааш нест мекунем» чоп кард, ки дар он аз ҷумла навиштаанд: *«Миллатчиёни буржуа одамони худ Абдураҳим Шоҳмансур, Рауф Расулиҳоро ба давлатҳои хориҷӣ фиристода ба воситаи онҳо бо разведкаҳои давлатҳои хориҷӣ алоқаи мустаҳкам доштанд. Мисли ана ҳамонҳо Бектош ҳам, Абдураҳим Солеҳ, Акрам, Р. Абдулло, Ғ. Абдулло, Комилӣ ва дигарон дар рӯҳияи хизмат кардан ба гурӯҳи миллатчиёни буржуазии аксиинқилобӣ тарбия ёфтаанд. Инҳо ҳақиқатан ҳам ба сифати ҷосусони мамлакатҳои хориҷӣ хизмат кардаанд»*…

Дигар на ягон далелу на ягон бурҳон! Тамға задан бидуни далелу бурҳон дар он замон яке аз усулҳои маъмули гунаҳгузорӣ ба мардум буд. Кас дар матбуот (ё дар маҷлис) бадном мешуд, бо ҳамин роҳ гӯё афкори умумро ба вуҷуд меоварданд, замина тайёр мекарданд

ва сипас меомаданду мегирифтанду мебурданд. *«Қоида ҳамин буд, ки пас аз чоп шудани мақола, – ёдовар шудааст Ҷалол Икромӣ, – шабона аз НКВД бо мошина меомаданду сарсахтони бегуноҳро даст баста гирифта мебурданд».*

Усули дигари айбгузорӣ чунин буд, ки дар матбуот (ё дар маҷлис) касро дар радифи касони ҳабсшуда ном мегирифтанд ва бо ҳамин ӯ ба қатори «душманон» медаромад. Ин роҳи маъмултарини айбгузорӣ буд, ки мисолашро аз мақолаи беимзои «Душман ва ҳомиёни онҳоро то охир фош кунем» («Қизил Тоҷикистон, 28-уми сентябри соли 1937; таваҷҷӯҳ фармоед, ки унвонҳои мақолаҳо чи қадар ба ҳам монанданд. Шӯхӣ нест – услуби ягона ба вуҷуд меомад!) ва тарҷумаи он – «Душман ва ҳомиёни онҳо дар Союзи нависандагони Тоҷикистон» («Тоҷикистони сурх», 30-юми сентябри соли 1937, бо имзои «Ду рафиқ») равшан дидан мумкин аст: *«Барои нависандагони ҷавони талантнок ва ҳаваскорони адабиёт дари Союзи нависандагон пӯшида аст. Аммо Улугзода, М.Раҳимӣ, Алихуш, Турсунзода, Ғанӣ Абдулло, Рашид Абдулло, Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим ва Деҳотӣ барин нависандагон Союзро ба хонаи гарме табдил дода, ҳар чизе ки хостаанд, бо худсаронагӣ кардаанд».*

Он рӯзҳо аз ин миён Алихуш, Ғ. Абдулло, Ҷ. Икромӣ ва Ҳаким Карим маҳбус буданд. М. Раҳимӣ гуреза буда, Улуғзода ва Деҳотӣ маҷбур шуданд, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (2-ми октябр ва 18-ми октябр) мақолаҳо навишта, худро мудофиа кунанд. Албатта, чунин шуд, ки онҳо зимни мудофиаи худ ба дигарон осеб низ расониданд.

Боз як роҳи «душман кардани» кас ин буд, ки падар, бародар ва хешони нафаре ҳабс шуда бошаду дар мақолае пайванди хунӣ ва табории ӯ таъкид шавад, кофӣ буд, ки биёянду бубаранд. Ва гуноҳи азиме, ки дар он айём ба Рашид Абдулло аз ҷониби мақоланависон часпонда мешуд, низ ҳамин буд, ки падар, бародар ва язнаҳояш

«душмани халқ» эълон ва ҳабс карда шуда буданд. Масалан, таваҷҷӯҳ фармоед, ки дар мақолаи С.Улуғзода «Зараррасониҳои миллатчиёни буржуазӣ дар соҳаи адабиёт» («Тоҷикистони сурх», 2-юми октябри соли 1937) Рашид Абдулло ба чӣ ваҷҳ «гунаҳгор» дониста мешавад: *«Бародари Ғанӣ – Рашид Абдулло дар тамоми корҳои зиддисоветии бародар ва падари худ, инчунин хешонаш Расулӣ ва Қосимов шарик буд. Лекин вай дар маҷлиси нависандагони комсомол на танҳо худ, балки бародар ва падари худро сафед карданӣ шуд. Рашид Абдулло ҳамчун миллатчии дурӯя аз комсомол ва аз ИНС (Иттифоқи нависандагони советӣ – А.А.) ронда шуд».*

Мо аз осори бадеӣ ва асноди ҳуҷҷативу таърихӣ медонем, ки дар замони гӯё «қувват гирифтани муборизаи синфӣ» бародаркушиву падарфурӯшӣ баҳри идеал ва мароми иҷтимоиву сиёсӣ иқдоми «нек» ва ҳатто «қаҳрамонӣ» дониста мешуд. Даҳсолаҳо фарзандони мардуми советиро мекӯшиданд дар намунаи Павлик Морозов тарбия кунанд ва ҳеҷ намеандешиданд, ки истеҳкоми ахлоқи ҷамъият ба истеҳкоми ахлоқи шахс ва оила вобаста аст, аз байн рафтани меҳри таборӣ ба касодии маънавии умум мебарад, пояҳои ҷамъияти солимро суст мегардонад, адоватро бар меҳру муҳаббат боло мегузорад. Ҳоло, албатта, ба касе «бародар ва падари худро сафед карданӣ шуд» гӯён айб монед, хандаовар менамояд, лекин он солҳо ин кор «гуноҳи азим» ҳисоб мешуд. Ва «гуноҳи» Рашид Абдулло низ маҳз аз ҳамин иборат буд, ягон муаллифи мақолаҳои зиёди тирамоҳи соли 1937 ба ӯ айби мушаххасе намондааст. Танҳо Самад Ғанӣ бе таҳлилу далел «Муҳаббат» ном асари ӯро ба символизм айбдор кардааст: *«Рашид Абдулло ҳам мақсадҳои худро дар зери пардаи символизм пинҳон мекард. «Муҳаббат» ном асари охирини вай айнан ба ҳамин шакл тартиб дода шудааст. Роҳбарони собиқи нашриёт… Дайламӣ, М. Расулӣ, Қосимов ва дигарон барои ҳамин гуна*

*асарҳои аксиинқилобӣ оғӯши худро калон кушода пешвоз мегирифтанд...». (БАС, 1937, №7-8, саҳ.56).*

Акнун бубинем, ки симои инсонӣ ва адабии Рашид Абдулло дар ёддошту хотираҳои ҳамқаламону наздиконаш ба чӣ тарҳ ҷилва мекунад.

Ҷалол Икромӣ навиштааст: *«...Рашид аз падар баъзе хислатҳоро – озодагӣ, дилтангӣ, неккхисолӣ, ахлоқи нек, шоирӣ, донишҷӯиро гирифта буд. Вай ҷавони қадбаланд, хушрӯ, меҳрубон ва улфат буд; шоирмиҷоз, як дараҷа содда, ошиқ ва ҳассос буд... То як дараҷа ринд буд... Шеърҳояш низ мисли худаш нафис буданд, пур аз эҳсос буданд, ишқӣ ва лирикӣ буданд»... («Тоҷикистони советӣ», 5-уми феврали соли 1989).*

Марҳум Шарифҷон Ҳусейнзода, ки аз овони ҷавонӣ бо Рашид ва Ғанӣ Абдулло ошноии наздик дошт, шиносоии аввалинашро бо ин хонавода ба хотир оварда, дар бораи Рашид Абдулло чунин навиштааст: *«Абдурашид – бародари Ғанӣ низ як ҷавони дилҷӯ, хеле шакибо ва ҳалим буда, дар вуҷудаш бештар ибораҳои шоирона мисдоқии босазо дошт. Гоҳе мо бо вай дар зимни сӯҳбат ашъори нагзу ҷонпарвар, ки дар латофат чун борони баҳорӣ ва сафои чашмаи зиндагӣ менамуд, радду бадал мекардем. Дар ҳақиқат Абдурашид он рӯз шамъи фурӯзони сӯҳбат ва гули хандони ҷамъомадагон буд; зудошно ва маҳфилоро, бовафову бериё буд»...*

Ғанӣ Абдулло дар «Суруди нотамом» шахсияти бародарашро чунин ёдовар шудааст: *«Бародарам табиатан марди нек, мулоим ва одами бисёр зудмутаассиршаванда буд. Баъзеҳо ӯро ринд ҳам мегуфтанд... Вай ба ҳаққу ҳаққоният ва адолату адолатпарастии ҷамъияти мо боварӣ дошт ва онро дар эҷодиёташ акс менамуд».*

Мегӯянд, ки аз эътиқод то яъсу навмедӣ ва ҳатто беэътиқодӣ фосилаест ҳам ниҳоят дароз ва ҳам ниҳоят кӯтоҳ. Аз ин рӯ барои Рашид Абдулло, ки шахсияти ҳассос буд, аз самими дил ба ғояҳои замони сохтмони

сотсиализм бовар ва эътиқод дошт, ҳабс ва «бадном» шудани падару бародар ва хешонаш, ки ӯ ҳамаи онҳоро беҳтар аз кулли гунаҳгузорони мақоланавис медонисту мешинохт, фоҷеаи пурдаҳшат буд. Ва мо ҳеҷ тасаввур карда наметавонем, ки чунин шахс дар маҷлиси комсомолӣ, дар суд – дар ҳар куҷое бошад ва ҳар гуна ҷазое ба ҷону номусаш таҳдид кунад, дурӯғ бигӯяд, бародару падар ва хешонашро ба хотири эминии ҷони худ бифрӯшад. Ба ақидаи гунаҳгузорони он замон, ӯ агар падару бародар ва наздикони хешро сиёҳ мекард, наҳ мезад, аз онҳо рӯй мегардонд, «одами пок», «комсомоли ростқавл», «гражданини советӣ» мебуд ва шояд ҳабс ҳам намешуду зинда ҳам мемонд. Вале Рашид Абдулло шарафу номуси инсонӣ ва адабии хешро аз зиндагии бешарафона авлотар донист ва шууран тӯъмаи аждаҳои замони зӯровариву бедодӣ гардид.

Аз фоҷеаи Рашид Абдулло ҳуҷҷате ба даст наомад. Вале мо кӯшидем дар асоси нақлу ҳикоятҳои Музаффара Қосимова, ки шоҳиди он ҳама воқеаҳо будааст, манзараи фоҷеаро тасаввур карда, рӯи қоғаз оварда бошем. Сӯҳбатҳои мо бо М.Қосимова ниҳоят шавқангез ва дар айни замон хеле вазнин ҷараён меёфт. Барои піразани 83–сола, ки айёми зӯроварӣ падар, ду бародар, шавҳар ва хоҳаршӯяшро ба коми бало партофта буд, аз он воқеаҳо ёдовар шудан осон набуд. Вай ҳангоме ки овони бачагӣ, бо додарону хоҳараш ҳамроҳ ба воя расиданашон, мактаби Шакурӣ ва солҳои аввали хонадориашонро бо Абдуҳаким Қосимов ба ёд меовард, ба ваҷд меомад, мешукуфт, механдид, гӯё худро дар ҳамон лаҳзаҳо ва дар ҳалқаи азизонаш тасаввур мекард. Аммо ҳамин ки сухан аз он айёми шуми соли 1937 мерафт, зор-зор мегирист, садо дар гулӯяш мепечид, фиғон мекард…

Инак баргардем ба моҳи сентябри соли 1937. Музаффара Қосимова нақл мекунад. Нақл аз сабти тасмаи магнитафон айнан оварда мешавад:

*«Тақрибан баъд аз 5-6 рӯзи ба ҳабс гирифта шудани падарам, Абдуғанӣ ва Абдуҳаким Қосимов аз курорт Абдурашид баргашта омад. Зиқ шуд, хафа шуд. Як дам дар ҷояш нишаста наметавонист. Дар Иттифоқи нависандагон муҳокима карданд, аз Иттифоқ ва аз комсомол хориҷ намуданд. Худи вай як аҷиб буд: ниҳоят нозук, нарм, батамкин, мӯрчаро озор намедод. Ҳис мекард, ки анамана нагуфта ӯро низ мегиранд. Як рӯз гуфт, ки биёед, ойтӣ, ман ба шумо аз касса камтар пул гирифта диҳам. Ба кассаи амонатӣ рафтем. Абдурашид даромада, пул гирифта баромад, ман дар берун нигоҳ карда истодам. Баромада буд, ки мошини НКВД омаду гирифта бурд. Мани ҳайратзадаву кулфатзада мондам. То ҳол ба худ намебахшам, ки чаро бо вай нарафтам, аз пасаш нададидам. Хайр, ман фикр кардам, ки боз почош ин туру он тур гуфта, ба вай аз тарафи ман бадие нарасад (шавҳари М. Қосимова– Абдуҳаким Қосимов, яъне почои Рашид Абдулло он вақт аллакай маҳбус буд – А.А.). Бинобар ин қатӣ нарафтам. Укем бечора чӣ қадар умедвор шудагист (гиря). Ягон бори дигар ӯро надидам.*

*Баъд як рӯз маро аз комсомол баровардан͞ӣ шуданд. Гуфтанд, ки дар бораи падарат, шавҳарат, додарҳоят, дар бораи гуноҳҳои онҳо – ҳамаашро мегӯӣ. Ман фикр кардам. Фикр мекардаму ягон бадие аз онҳо ёфта наметавонистам. Дурӯғ ҳам гуфта наметавонистам. Хайр, маҷлис сар шуд. Тоҳирова ҳам омада буд. Хайр, ҳама шиштем. Навбати ман омад. Гуфтанд, ки гӯед айби падару шавҳару укаҳотона. Гуфтам, ки айб надоранд, хато рафтааст. Гуфтанд, ки шумо ба орган бовар надоред? Ҷавоб додам, ки бовар дорам, лекин хато рафтааст. Таклиф карданд, ки маро аз комсомол бароранд. Як русдухтар гуфт, ки ин кас дар ячейкаи мо будаанд, корашон тафтиш шавад, ҳоло монда истем. Ҳамина гуфту ба бало монд. Ӯро низ ҳамроҳи ман хориҷ карданд. Он духтарро намешинохтам, номашро ҳам намедонам. Вайи бадбахт ҳам дар бало монд.*

*Маро аз кор ҳам ронданд. Кор мекофтам, ба кучҷое равам, хурсанд мешуданд, одами даркорӣ мегуфтанд, маоши калон ваъда мекарданд. Чунки он вақтҳо аз занҳои тоҷик босаводашон кам буданд, боз ман дар Маскав хонда будаму русиро ҳам хуб медонистам. Лекин ваъда медоданду баъди ду рӯз аз фикрашон мегаштанд, чунки ҳабс шудани падарам, шавҳарам ва додарҳоямро мефаҳмиданд. Қоида он замон ҳамин хел буд…*

*Корам ба ҳабсхона тугунчабарӣ буд. Инҳо, ки чор нафар буданд (маҳбусонро дар назар дорад: падар, шавҳар ва ду бародар – А.А.), ба ҳар якашон тугунчаи алоҳида мебурдам. Аз они се нафарашонро мегирифтанд, лекин ҳамин ки навбати Абдурашид мерасиду савгоро дароз мекардам, назоратчӣ мегирифту ба дур ҳаво медод. Чизҳо чиркин мешуданд. Аз нав шуста мебурдам. Барои дигарҳо мегирифтанд, барои Рашид не.*

*Баъд фаҳмидам, ки Абдурашид аз рӯзи ҳабс шуданаш ба ин бедодиву беадолатӣ эътироз карда, гуруснагиро ихтиёр карда будааст. Вайро бисёр азоб доданд. Бечора укема касали рӯҳӣ ҳам эълон карданд, ба ҳамин мақсад муоина ҳам гузарониданд. Як рӯз як кас гуфт, ки укетона аҳволаш бад. Ман касалхонаҳоро кофтам. Дар касалхонаи бемориҳои сироятӣ гуфтанд, ки як-ду рӯз шуд аз ин ҷо бурданд. Як ҳамшира гуфт, ки се рӯз пеш мӯи сарашро тарошиданд, мӯйи бисёр зебо доштааст ва афсӯс хурд, ки ҳамин як нишони зебоиро ҳам намонданд, ки бо худ барам… Маълум шуд, ки вафот кардаасту ҷасадашро бо ахлот бароварда партофтаанд. Дар саҳни касалхона як тӯда мурда хоб буд. Барф меборид, ҳаво хунук буд. Одамони сафедпӯш мурдаҳоро бор карда ба кучҷое бурданд. Аз паси мошин давидам, меафтидам ва боз хеста медавидам… (гиря).*

*Баъди чанде Ҳамробоев ном як марди конибодомӣ аз ҳабс халос шуд. Бо Абдурашид дар як камера будааст. Ҳикоя карда буд, ки Абдурашидро бисёр азоб додаанд,*

*аз се-чор соат то як шабонарӯз мебурдаанду зада-зада беҳуш карда оварда мепартофтаанд. Ба ҳуш меомадаасту мегуфтааст, ки кушанд ҳам, дурӯғ намегӯям. Дурӯғу дурӯғгӯиҳо, риёву риёкорҳоро чашми дидан надошт. Ҳамробоев ҳикоя мекард, ки вайро мекӯфтанд, мезаданд, девона мегуфтанд. Вале ӯ аз ман зориву тавалло мекард, ки ҷон бародар, шумо коре карда зинда монед ва баъди аз ин ҷо баромадан ба наздикони ман шаҳодат диҳед, ки ман девона нестам…*

*Баъд як-ду либосашро ба ман доданд, дидам, ки пури хун, аз даҳону биниаш хун омада будааст. Ба ман гуфтанд, ки вай дар роҳ вақти ба этап рафтан мурд. Лекин ман аниқ медонам, ки вай ҳамин ҷо мурд. Бечора укем, ҳамту як омаду рафт, ношукуфта хазон шуд. Ба падарам ҳам, ба шавҳарам ҳам, ба Абдуғанӣ ҳам, ба почоям Расулӣ ҳам хуб сӯхтам. Вале доғи Абдурашид дигар, барои вай то ҳол месӯзам».*

Аз Музаффара Қосимова пурсидам, ки оё падаратон аз марги писарашон Рашид Абдулло хабар доштанд ва агар бохабар бошанд, чаро дар номаҳояшон боре ҳам аз ӯ ёд намекунанд? Ва ё дар мулоқотҳое, ки Шумо бо он кас доштед, аз ин хусус пурсон мешуданд? М. Қосимова оҳи пурдарде кашид ва ҷавобаш ба чунин мазмун сурат гирифт:

…Падарам шояд аз марги Абдурашид, аз тақдири Абдуғанӣ ва домодҳояшон бохабар бошанд. Вале ҳеҷ чиз намепурсиданд ва аз ин хусус гап ҳам намезаданд. Мумкин набуд, чунки дар бораи ягонтои онҳо гап заnанд, ҳам ӯро ва ҳам худро ба балои бадтар гирифтор мекарданд. Дар он маҳбасу лагерҳо қоидаҳои махсуси хабарёбиву хабарфиристӣ буд. Лекин дар мактуб ва ё ҳангоми сӯҳбат маҳбусон аз ҳоли ҳамдигар ошкоро намепурсиданд. Ман гумон мекунам, ки падарам то охир аз фавтидани Абдурашид бехабар буданд. Ва агар хабардор

бошанд ҳам, ба мо изҳор наменамуданд. Як воқеаи аҷиброе мехоҳам нақл кунам. Баъд худатон мефаҳмед, ки маҳбусон барои чӣ на танҳо аз наздикони маҳбуси худ намепурсиданд, балки умуман аз сӯҳбат бо ҳама кас худдорӣ менамуданд. Метарсиданд, ки мабодо бо касе сӯҳбат кунанду ӯро низ ба бало монанд. Соли 40-ум буд магар, ки ман ба дидори падарам, ба совхози «Малик-1» рафтанӣ шудам. Хешовандонам гуфтанд, ки ба он лагер танҳо рафтани як худи ту – каси заиф хуб нест. Ва маро набераи аммаам Иброҳимҷон-ака, бародари Фотеҳ ва Шавкат Ниёзиҳо, ҳамроҳӣ карданд. Хайр, то назди падарам расидем. Он касро дидем. Дадем бо ман хеле пурсупос карданд, вале бо Иброҳимҷон-ака ҳамин тур бо ишораи сар, чун бо бегонае салом карданду дигар гап ҳам назаданд, напурсиданд ҳам. Ман аз ин рафтори падарам бисёр дар хиҷолат мондам ва ҳангоме ки баргаштем, худамро дар назди Иброҳимҷон-ака барои рафтори дадем хиҷил ҳис мекардам. Иброҳимҷон-ака инро зуд пай бурдану ба ман гуфтанд: Музаффарахон, шумо беҳуда ғам мехӯред, дадетон тамоман дуруст рафтор карданд, он кас ғами маро хӯрданд, ба худашон, ба «душмани халқ», каси наздик будани маро зоҳир нанамуданд…

Маълум мешавад, ки маҳбасҳои солҳои сӣ мардумро на танҳо ҷисман аз ҷамъият берун мекард, балки аз хешон, падарро аз фарзандон ва фарзандонро аз падар бегона менамуд, риштаҳои пайванди одамиро мебурид. Чунин даҳшат ба ҳадди тасаввурнопазир аст, ки на Абдулло Абдухолиқов ва на Ғанӣ Абдулло ҳатто ҳақ надоштанд, ки ба марги фарзанд ва бародари худ Рашид Абдулло мотам бигиранд, изҳори ғуссаву алам кунанд.

Шоҳиди вафоти Рашид Абдуллои ноком духтуре будааст, ки Ғанӣ Абдулло ин манзараро дар «Суруди нотамом» («Адабиёт ва санъат», 1989, 30-юми март) ном ёддошташ овардааст:

«...Хоҳари шафқат баромада рафт. Дигар дар духтурхона ғайр аз ману худи духтур каси дигар набуд. Вай пасу пеш қадам заду рост ба назди ман омад ва бо овози паст гуфт:

— ...Шумо бародар доред?

— Ҳа, дорам.

— Рашид Абдулло ном дорад?

— Ҳа, бале. Чӣ буд?

Духтур қиёфаашро дигар накарда, ба гапаш давом кард:

— Ман мӯяшро гирифтанӣ шудам. Наздаш рафтаму ҳамин ки мошинкаро андохтанӣ шудам, як овози аҷибе шунавидам:

— Духтур, фоида надорад. Мӯямро мегиред, ё ришу мӯйлабамро, ҳеҷ фарқ надорад. Ман маргро интихоб кардаму онро мардона қабул мекунам... Шумо духтуред, духтурҳо душман надоранд. Аз шумо хоҳишмандам, охирин як илтимосамро ба ҷо оред...

— Канӣ, гӯед, чӣ илтимос доред, – гуфта пурсидам.

— Додаре дорам, ки – гапашро давом кард бародаратон,– дар камераи 14 мебошад. Ба сари вай ҳам муқаррар балоҳои зиёде омадагист. Лекин вай ҷавон аст... Ҷавон бошад ҳам, тоқатовар аст... Ба вай гӯед, ки ман дигар тоқат карда натавонистам... Аммо вай бояд тоқат кунад. Вай зинда монаду шоҳиди бегуноҳ будани бародараш шавад...

Гапҳои охиринашро канда-канда гуфту чашм пӯшид...».

Оре, ин воқеа моҳи декабри соли 1937 дар касалхонаи бемориҳои сироятии шаҳри Сталинобод рӯй дода буд. Вале на санаи вафоти Рашид Абдулло маълум асту на гӯри ӯ. Баъди зиёда аз 20 сол мувофиқи такопӯву мурофиатҳои Музаффара Қосимова суди халқии ноҳияи

Роҳи Оҳани шаҳри Сталинобод 6-уми майи соли 1958 маълум кард, ки:

«Абдуллоев Абдурашид (Рашид Абдулло) соли 1937 фавтида ҳисоб карда шавад». Он вақт «фавтида» дониста шуда буд. Вале ҳоло мо медонем, ки Рашид Абдулло, мисли садҳо «гунаҳгорони» бегуноҳ, дар натиҷаи шиканҷаву азобҳои ваҳшиёна ҳалок гардид. Вақти он расидааст, ки дар ҳузури Маҷлиси Олии Тоҷикистон, Вазорати адлия, Прокуратураи Ҷумҳурӣ ва Суди Олии Тоҷикистон комиссияи махсусе таъсис гардида, сабабу ҳолатҳои «фавтидагон»-и он солҳоро муайян кунад ва бо кадом роҳе бошад, гӯри онҳоро ёбад, хотираи торикашонро равшаной бахшад.

## — 4 —

Ба тақдири Абдулло Абдухолиқов, Рашид Абдулло ва Ғанӣ Абдулло дар гирдоби воқеаҳои он солҳо тақдири ду нафар аз зиёиёни намоёни тоҷик – Маъруф Расулӣ ва Абдуҳаким Қосимов сахт вобастагӣ дошт. Ин ду нафар домодҳои Абдулло Абдухолиқов ва язнаҳои Рашид ва Ғанӣ Абдулло буданду қариб дар ҳамаи мақолаҳои «гунаҳгузорӣ» дар як радиф бо онҳо номбар мешуданд. Бинобар ин лозим аст, ки чанд сухан дар бораи эшон гуфта шавад, то тасаввури хонанда аз ҷараёни воқеаҳои мавриди тасвир равшантар ва пурратар гардад.

Маъруф Расулӣ яке аз зиёиёни номии тоҷик дар солҳои сӣ буд. Дар бораи ин шахси фозилу фидокор телевизиони тоҷик соли 1989 филми ҳуҷҷатие намоиш дод. Вале бояд гуфт, ки корномаи маърифатии ӯ шоистаи тадқиқи ҷиддиву муфассал аст. Мутаассифона, номи ин шахсияти барҷастаи таърихи маданияти мо ҳатто ба «Энсиклопедияи советии тоҷик» дохил нашудааст. Умед ҳаст, ки муаррихон ва адибони мо дар оянда аз ҳаёт ва фаъолияти Маъруф Расулӣ навиштаҳои ҷолибе

ба миён мегузоранд. Ҳоло, хушбахтона, дар Тошканд китобе дар арафаи ба итмом расидан аст ва муаллифи ин китоб бародари Маъруф Расулӣ, доктори илми филология Масъуд Расулист*. Марҳум Ғанӣ Абдулло низ дар бораи Маъруф Расулӣ навиштае аз худ ба ёдгор гузошта, ки дар он оид ба шахсияти инсонӣ ва ҷамъиятии ӯ чунин сатрҳо ҳастанд:

«… Язнаам одами аҷибе буд. Ба маънои томаш зиёӣ буд… Ҳавлии вай ҳамеша пур аз меҳмон буд… Аз Вадуд Маҳмудӣ, Чӯлпон, Фитрат, Абдулло Алавӣ сар карда то Ромизу Боту, Зиё Саид, Комил Алиев ва Муҳиддин Қорӣ, Тамара-хонум, оқои Уйғур – тамоми зиёиён, аҳли адаб ва санъат дар хонаи ӯ омаду рафт доштанд. Симпозиум ки мегӯем, ба маънои томаш дар ин ҳавлӣ мегузашт. Шабҳои адабӣ, мусиқӣ ва суруд барпо мешуд…

Расулиро одамони зиёде дӯст ва рафиқи худ медонистанд. Вай ба бисёр одамон дастӣ ёрӣ дароз кардаасту мушкилашонро осон намудааст. Вай он ҷое, ки некӣ бошад, бадиро раво намедид. Он ҷое, ки сулҳ бошад, ҷанг чӣ лозим мегуфт. Ин хусусиятҳои вай буд, ки соли 1932, вақте ки ташкилотҳои адабӣ аз нав сохта шуд, бисёр ба кор омад. Вақте ки КМ Компартияи Тоҷикистон мувофиқи қарори КМ ВКП(б) дар бораи аз нав сохтани ташкилотҳои адабӣ қарори худро баровард, дар бораи ба кӣ супоридани ин кор хеле ба фикру андеша афтод. Дар сари ин кори нав, ин коре, ки нависандагони парокандашудаи моро ба як марказ ҷамъ орад, онҳоро иттиҳод намояд, бисёр мушкилиҳо буд. Комитети Марказӣ чунин шахсеро пайдо кард, ки вай бо ақлу дили худ ба ин талаби партия ҷавоб дода метавонист. Ин Маъруф Расулӣ

*. Нусхаи дастнависи ин китобро мо дорем, вале баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ хабаре аз муаллиф, нашр шудан ё нашудани асараш ба мо нарасидааст.

буд!.. Ба ҳамин тариқ Расулӣ ба ғайр аз он ки мудири нашриёт буд, раиси оргкомитети Иттифоқи нависандагон ва муҳаррири журнали «Барои адабиёти сотсиалистӣ» таъин гардид.

Аз миён солҳои зиёд гузашта бошад ҳам, рафиқон хусусияти кори он давраро ба ёд оварда, хизмати Расулиро тақдир мекунанд. Ӯро зиёии ҳақиқии замонаш медонанд. Расулӣ дар ҳақиқат одами накӯ буда, накӯкориро барои худ шиор медонист».

Аз устод Раҳим Ҳошим, ки солҳои сӣ аз фаъолони нашриёт ва нашриёҳо буданд, оид ба Маъруф Расулӣ пурсон шудам. Нақлашон (аз 6 июни соли 1989) ба ин мазмун буд:

«Маъруф Расулиро метавон гули сари сабади зиёиёни он замон шумурд. Забондон буд, тоҷикӣ, русӣ ва туркиро хуб медонист. Шахси ниҳоят одил ва покизакор буд. Ҳайф шуд...»

То он ҷое, ки маълум аст, кори Маъруф Расулӣ ба суд нарасид ва ӯро дар маҳбаси истинтоқу шиканҷа охирҳои соли 1937 нобуд карданд.

Абдуҳаким Қосимов низ аз зиёиёни намоёни тоҷик дар он солҳо буд. Забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва туркиро хуб медонист, солҳои 20 дар Москва таҳсил карда, ҳамсараш Музаффара Қосимоваро низ ба таҳсили илм дар он ҷо ҷалб намуда будааст. Сипас дар тарҷума ва таҳрири осори классикони марксизм–ленинизм фаъолона ширкат карда, шаби 17–уми сентябри соли 1937 ҳамроҳи Абдулло Абдухолиқов ва Ғанӣ Абдулло ба ҳабс гирифта шудааст. 19–уми июни соли 1939 ба сабаби набудани далелҳои кофии ҷиноят аз маҳбас озод гардид. Вале баъди озод шудан хомӯш намонд, балки аз беадолатиҳое, ки нисбати мардуми бегуноҳ содир мешуд, ба мақомоти ҳизбӣ ва советӣ аризаву номаҳо менавишт, додрас меҷуст, гумон мекард, ки он ҳама воқеаҳо натиҷаи хатои танҳо як гурӯҳест. Аз амали мошини зиёикуш ё бехабар буд ва

ё наметавонист онро иқрор кунад. Ин ҷо мехоҳем як аризаи Абдуҳаким Қосимовро ба унвони котиби КМ ҲК Тоҷикистон Протопопов бо андаке ихтисор биёварем, зеро ин ариза низ метавонад ба муҳити торики сиёсӣ, маданӣ ва қисман адабии он солҳо равшание андозад. Ариза соли 1939, баъди аз маҳбас озод гардидан навишта шудааст (аслаш русист):

**АРИЗА**

14/1Х с.37 ташкилоти ибтидоии партиявии Тоҷикнашр маро аз сафи партия хориҷ кард.

17/1Х с. 37 ман аз тарафи мақомоти Коммисариати халқии корҳои дохилии РСС Тоҷикистон дар Сталинобод ба ҳабс гирифта шудам.

23/Х с. 38 сессияи сайёри коллегияи ҳарбии Суди Олии СССР дар асоси «материалҳои» тафтиши пешакӣ ба ман ҳукми парон дод.

Пленуми Суди Олии СССР ин ҳукмро бекор кард ва тафтиши нав таъйин намуд.

19/1V с. 39 ба муносибати мавқуф гузоштани корам аз ҳабс озод карда шудам.

Ба комитети партиявии шаҳри Сталинобод ариза навишта будам, ки маро дар сафи ВКП(б) барқарор кунад. Комитети партиявии шаҳр ин масъаларо дар бюро муҳокима намуда, бо чунин далел (ба ҷои далели кӯҳна: миллатчии буржуазӣ) хоҳиши маро рад кард:

Барои таҳрифи осори рафиқ Сталин дар тарҷума ба забони тоҷикӣ, барои алоқааш ба ташкилгари дастаи босмачиён Бектош, инчунин барои он ки Бектошро ҳамчун ташкилгари дастаи босмачиён медонисту инро пинҳон медошт.

Нукта ба нукта таваққуф мекунам.

1) Оид ба таҳрифҳо дар «Масъалаҳои ленинизм».

То гузаштани ман ба Тоҷикнашр китоби «Масъалаҳои ленинизм»-и рафиқ Сталин аз ҷониби як қатор

тарҷумонҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда буд. Бо пешниҳоди шӯъбаи маданияту тарғиботи КМ ПК(б) Тоҷикистон Расулӣ, Тошпӯлодов ва ман ба таҳрири ин тарҷумаҳо камар бастем ва корро анҷом додем.

Вақте ки с. 1932 нусхаи назоратӣ аз тарафи мо тафтиш карда шуд, як қатор носаҳеҳиҳои тарҷума, хатоҳои техникие, ки аз мошиннавис дар Семфиропол ва аз мусаҳҳеҳ дар Ленинград гузаштаанд, ошкор гардиданд. Маълум шуд, ки мо ҳангоми таҳрир носаҳеҳиҳои тарҷумаро ислоҳ намуда, бо сабаби набудани таҷрибаи кори таҳриру нашр ва надоштани тахассуси кофӣ ҳамаи ин хатоҳоро ислоҳ карда натавонистаем ва баъзе аз онҳо номаълум аз чашми мо гузашта, ислоҳ нашуда мондаанд. Вақте ки ин носаҳеҳиҳоро маълум кардем, худи мо КМ-ро аз ин огоҳ намудем ва КМ соли 1932 дар бюро ин масъаларо аз рӯи гузориши Расулӣ муҳокима карда, ба Расулӣ, Тошпӯлодов ва ман танбеҳ (выговор) дод. Яъне ман ва дигарон дар вақташ барои он хатоҳоямон ҷазо гирифта будем. Гузашта аз ин ман ҳамчун коммунист барои чунин оғози номақбули корам ғам мехӯрдам ва то ҳол низ ғам мехӯрам. Аз ин бармеояд, ки барои мани коммунист ин азоби рӯҳӣ ҷазои дуюм ва на камтар аз танбеҳи КМ буд.

Оё баъди ин лозим аст, ки он хатоҳои ҳафт-ҳашт сол пешина барои аз партия хориҷ кардан асоси гуноҳ дониста шаванд?

Гумон мекунам, ки лозим нест.

2) Ба ҳамин тариқ, гӯё алоқаи ман бо Бектош мемонад, ки барои хориҷ кардани ман аз партия далел шуда буд.

Ман қаблан бояд бигӯям, ки кормандони Комитети шаҳрии партия беҳуда маро ба Бектош мепайванданд, онҳо барои пайвастани ман ба ӯ ҳеҷ асос надоранд, зеро чунин асос умуман нест.

Ман на танҳо ягон алоқае бо Бектош надоштам, на танҳо ӯро пуштибонӣ накардаам, балки баръакс, ӯро фош менамудам, бо ӯ то тавонистанам ва то ҷое, ки ӯро мешинохтам, мубориза бурдаам. Ман вақтҳое бо Бектош мубориза мебурдам ва ӯро фош менамудам, ки на танҳо кормандони шӯъбаҳои КМ (Глазнов – собиқ мудири шӯъбаи маданият ва тарғиботи КМ, Гусейнов ва Бройдо) ӯро дастгирӣ мекарданд, балки эътиборашро баланд мебардоштанд.

Охир чунин шуда буд, ки Трегулов бо супориши Гусейнов дар маҷлиси умумии тантанавии нависандагон (с. 1932) дар хонаи матбуот баромад карда, ба Бектош таърифу тавсиф хонда, бо таҳдид ман ва Расулиро танқид карда буд, ки мо бо исрори ман китобчаи Бектошро дар бораи Айнӣ ва эҷодиёти ӯ чоп накардаем, зеро чунин мешумурдем, ки ӯ барои баҳо додан ба эҷодиёти нависандагон ва шоироне мисли Айнӣ ва Лоҳутӣ салоҳият надорад. Трегулов дар ҳамон ҷо ба Бектош ваъда дод, ки ба воситаи КМ тамоми чораҳоро мебинад, то ки «чаправиҳои бемаъние, ки дар Тоҷикнашр ҷой доранд, зуд барҳам дода шаванд». Инро ҳама иштирокдорони маҷлис, аз ҷумла рафиқон Улуғзода ва Ҳилол Каримов, медонанд ва ба ёд доранд…

Зимнан бояд арз кунам, ки ман ӯро (Бектошро – А.А.) ҳамчун иштирокчии ҳаракати босмачигӣ медонистам, аз ин хусус қариб тамоми ташкилоти партиявӣ ва матбуот низ медонист, вале дар бораи он ки вай ташкилгари дастаи босмачиён бошад, ман чизе намедонистам ва то ҳол низ намедонам…

Ин аст муносибати ман ба Бектош. Вале, новобаста ба ин ҳама, чӣ касе буд, ки бо ҳар роҳ маро ба ин душман пайвастанӣ мешуд?

Чунин кас дар навбати аввал собиқ муфаттиши ман Сидоренко буд, ки дар давоми «пурсиши» 22 шабонарӯзаи пуразоб, дар шароити тамоман тоқатфарсо мекӯшид бо

ҳар роҳ маро ба Бектош бипайвандад. Вай партия ва ҳукуматро фиреб дода, сохтакорона дар рӯи коғаз, бо зӯри истинтоқҳои тоқатфарсо мехост маро ба «миллатчии аксулинқилобӣ», «душмани халқ» табдил диҳад.

Оё ӯ дар роҳи ин мақсадҳои худ ба чизе ноил шуд? Не, ба ҳеҷ чиз ноил нашуд. Зеро ман розӣ будам дар он шароити тоқатфарсо аз шиканҷа бимирам, то ки протоколи тамоман бардурӯғи аз ҷониби ӯ сохташудаи «пурсиш»-ро имзо кунаму худро ҳатто дар рӯи коғаз бо Бектош бипайвандам ва дар рӯи коғаз бошад ҳам, доғи барои коммунист ва ҳар гражданини поквиҷдон ношустании «миллатчии аксулинқилобӣ», «душмани халқ»-ро ба худ раво донам.

Чунин каси дигар муфаттиши дуввуми ман Гаритский буд – душмани ошкорнашуда, ки ба коммунистон, ба болшевикони поквиҷдони партиявиву бепартиявӣ дандон дошт ва бо роҳҳои фиреб ба мақомоти Комиссариати халқии корҳои дохилӣ ҷойгир шуда буд.

Ин душман Бектошро маҷбур мекард, ки ба коммунистон, ба болшевикони поквиҷдони партиявиву бепартиявӣ тӯҳмат занад ва баъд ба ҳабс кардани он касони тӯҳматзада муваффақ мешуд. Бектош бошад, парвои садҳову ҳазорон коммунистонро надошт ва агар медид, ки дар қатори ӯ дар маҳбас болшевикони поквиҷдони партиявиву бепартиявии тӯҳматзада нишастаанд, дарди худро сабуктар ҳис мекард.

Гаритский маҳз бо ҳамин роҳ муваффақ шуд, ки ман аввал аз сафи партия хориҷ ва сипас ҳабс карда шавам.

Ин душман барои он ки мани коммунистро ба Бектоши босмачӣ бипайвандад ва барои он ки дар рӯи коғаз зӯран маро ба «душмани халқ» бадал созаду нобуд гардонад, бар зидди ман дастаи панҷнафараи ситамгаронро бо сардории худаш ташкил намуд. Ин даста маро бетанаффус дар давоми чандин соат мезаданд, маҷбур мекарданд, ки борҳо аз ҳуш равам. Агар ин

шиканҷа боз чанд дақиқа давом мекард, ҳаёти маро мерабуд. Аммо ӯ (Гаритский – А.А.) низ ба чизе ноил нашуд. Чунки ман ин дафъа низ қатъиян қарор додам, ки беҳтар аст аз шиканҷа бимирам, то дурӯғи маҳзро бо имзои худ тасдиқ бикунам, номи покамро доғдор намоям ва душманони баттолтарину ғаддортарини коммунизмро шод гардонам. Ва кори ман бо имзоҳои қалбакии худи Гаритский ба суд дода шуд.

Ба ҳамин тариқ, ҳатто дар чунин вазъият маро ба Бектош, ба ин тӯҳматчии душман, натавонистанд бипайванданд. Ва ба шарофати тантанаи ҳақиқат, тантанаи қувваи партия ман сафед ва озод карда шудам…

Бинобар ин дигар суханро кашол надода, аз Шумо хоҳиш мекунам, ки масъалаи маро дар КМ дида, ба сафи ВКП(б) барқарорам кунед…»

Оё Абдуҳаким Қосимов тавонист ҳаққонияти кору мароми худро ба субут расонад? Албатта, не! Оқибат беҳуда будани ин ҳама кӯшишҳояшро фаҳмид, муддате ба сифати ҷонишини муҳаррири «Газетаи муаллимон» кор ҳам кард. Вале озодии ӯ дер давом накард, касони «дандондор» баҳона мекофтанду пайт мепоиданд. Ва ниҳоят баҳонае ҳам ёфт шуда, пайт ҳам расид.

Ҳамсари Абдуҳаким Қосимов – Музаффара Қосимова накл мекунад:

«Охирҳои соли 1942 буд магар, ки шабе омаданду дубора шавҳарамро бурданд. Сабаби ин дафъа ҳабс карданашон ин будааст, ки вай ҳангоми тамошои шоҳмот-бозии ду нафар дар ҳузури тамошобинон гӯё гуфта бошад, ки «сафедҳо бозиро мебуранд». Ҳамин гапи гуфта ва ё нагуфтааш баҳона шуду ба бало монд. Як кас аз наздаш халос шуда омада гуфта буд, ки ӯро бисёр мезаданд, 17 шабонарӯз дар пояш рост нигоҳ доштаанд, 40 рӯз дар камераи яккаса хобидааст, ҳар рӯз чоркаса омада мезадаанд. Ду-се моҳ нагузашта гуфтанд, ки шавҳарат

аз белокровие (камхунӣ) мурд. Не, вай касал набуд, мемурдагӣ набуд, вая куштанд, зада-зада куштанд…»

Баъд аз 14 сол – 8-уми майи соли 1957 Коллегияи Суди Олии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои ҷиноятӣ қарори машварати махсуси Комиссариати халқии корҳои дохилии СССР-ро аз 10-уми феврали соли 1943 дар хусуси Қосимов Абдуҳаким ба сабаби набудани нишонаҳои ҷиноят бекор ва қатъ намуд…

❁ ❁ ❁

Оре, воқеаҳои солҳои зӯроварӣ аз «мошини қимасози гӯшти одамӣ» беҳтарин зиёиёнро мегузаронд, мисли морони Заҳҳок буд, ки майнаи халқро мехӯрд. Аз як оила, аз панҷ марди маҳбус чор нафар ҷисман нобуд шуд, зану фарзандони онҳо ба бадбахтӣ ва мотами якумра маҳкум гардиданд. Танҳо як нафар аз он панҷ тан аз «мошини қимасози гӯшти одамӣ» ҷон ба саломат бурд. Ҷон ба саломат бурду азоби алими ҷисмонӣ ва рӯҳонии ҳам худаш ва ҳам чаҳор азизи шаҳидашро тани танҳо кашид. Заҳри танҳоӣ чашид…

## — 5 —

Ӯ то лаҳзаҳои охирини умраш ният дошт, ки драмаи зиндагӣ ва саргузаштҳои талху ҷонгудози худро бинависад. Ё ҷуръат намекард (моргазида аз ресмони ало метарсад!), ки дар замони рукуд ва «музаффариятҳои сотсиализми мутараққӣ» он воқеҳои даҳшатангези пурҷиноятро рӯи коғаз биёраду ба рӯҳияи ҳукмрони ғолибиятпарастӣ сояи яъс афканад ва ё аз фарҷоми умр бехабар монд. Ба ҳар ҳол саргузашти пураламии худро нанавишт. Танҳо ҳуҷҷатҳо, нақлҳову ҳикоятҳои ҷудогона, инчунин ёддоштҳояш дар бораи баъзе шахсиятҳо ва лаҳзаҳо боқӣ мондаанд, ки як қисми онҳо дар матбуоти ҷорӣ ба табъ ҳам расидаанд.

Шояд имрӯзҳо зинда мебуд, худаш саргузашташро хеле муфассал, аниқ ва дақиқ менавишту дилашро холӣ мекард… Мо танҳо метавонем аз рӯи ҳуҷҷатҳо, баъзе ёддоштҳо, ки аз ӯ монда ва инчунин дар асоси сӯҳбатҳо бо Музаффара Қосимова ва дигар наздиконаш аз зиндагии он марди таъқибдидаву ҷафокашида чанд саҳифаро пур бикунем, то аз роҳи ниҳоят ноҳамвори умр, аз муҳити ниҳоят мураккаби зисту эҷод ва тақдири талхаш хонандаро андаке ҳам бошад, иттилои тозае дода бошем.

Ғанӣ Абдулло дар ёддошташ «Зиёӣ», ки ба ёди язнааш Маъруф Расулӣ бахшидааст, чанд лаҳзаи ҷолибро аз овони бачагии худ оварда, ки барои шинохтани роҳи ташаккули шахсияти ӯ хеле муҳиманд: «Мо бародарон (худ ва Рашид Абдулло манзур аст – А.А.), – навиштааст, – аз модар хеле хурд монда будем. Ҳамин ки модарам аз дунё чашм пӯшид, моро падарам ба дасти хоҳарам, дурусттараш ба дасти язнаам, супорид ва худаш ба Душанбе омад…

Язнаам ба ҳама меҳрубон буд. Ҳар як навовариро дӯст медошт ва дастгирӣ мекард. Ман ва бародарам дар ишқи газетаи деворӣ баровардан афтода будем. Мазмуни газета ҳолу аҳволи ҳавлӣ будагонро инъикос кардан буд. Дар вай махсусан масъалаи тарбияи бача ва озодагарӣ аҳамияти махсусро касб мекард. Инчунин дар қатори шеърҳои иҷтимоӣ шеърҳои ҳаҷвӣ ҳам буд, ки камбудиҳои ҳавлӣ будагонро танқид мекард.

Мо кружоки драмавӣ доштем ва ҳайати он аз бачаҳои ҳавлӣ иборат буд. Ман барои ин кружок менавиштам ва ба вай мудирӣ мекардам… Росташ, ки саҳнаро дӯст доштани ман, драманависии ман ҳанӯз аз ҳамон солҳои бачагиам сар шудааст…».

Музаффара Қосимова низ ҳикоят мекунад: «Абдуғанӣ аз бачагиаш хеле фаъол ва эҷодкор буд. Песаҳо менавишт ва мо ролҳоро бозӣ мекардем. Дар байни мо

Мушаррафа Усмонова, ки ҳоло актрисаи машҳур аст, низ ролҳоро бозӣ мекард».

Дар мукаммалтарин тарҷумаи ҳоле, ки Ғанӣ Абдулло 9-уми июли соли 1962 ба муносибати дохил шудан ба сафи КПСС навиштааст, саҳифаҳои муҳимтарини зиндагии худро инъикос намудааст, ки мухтасаран чунинанд: аз соли 1920 то 1925 дар мактаби ибтидоии шаҳри Самарқанд, аз соли 1925 то 1927 дар мактаби миёнаи шаҳри Боку таҳсил карда, соли 1929 ба сафи комсомол дохил шуд. Аз тирамоҳи соли 1929, баъди хатми институт, дар донишкадаи адабиёти Академияи педагогӣ хондааст. Соли 1932 аз курси охирини академия ӯро ба муддати як сол ба таҷрибаомӯзӣ фиристоданд. Ҳамин тавр ӯ ба Душанбе омада, бо исрори Комиссариати маорифи халқ ва шӯъбаи маданияти КМ ПК Тоҷикистон дар соҳаи адабиёт ва санъати тоҷик ба кор шурӯъ намуд. Як сол дар институти тадқиқоти илмӣ, аз соли 1934 то 1937 муддате дар идораи Иттифоқи нависандагон ва чанде дар Театри ба номи Лоҳутӣ ба вазифаи ходими адабӣ кор кард.

Баъд соли 1937 фаро расиду гӯё замин аз зери пояш бадар рафт. Осмон ба сараш фурӯ афтод. Даҷҷол бо хараш омаду ӯро дар радифи ҳазорон ҳамтақдираш ба паллаи оташбори хурҷин андохт ва тану ҷонашро ба азоби алим гирифтор кард. Даҳ соли азобу шиканҷаи ҷисмониву рӯҳонӣ ва боз чанд соли дигар… Ҳазорон шабу рӯз пайи ҳам мегузаштанд, ҳазорон шабҳои бехобӣ, ҳазорон рӯзҳои ормонӣ бо таассуфу таҳайюр сипарӣ мешуданд. Ҳазорон бор тамоми рӯзҳо, соатҳо, дақиқаву сонияҳои гузаштаро бо тамоми ҷузъиёташон ба хотир меовард, сабаби гирифтории худро ҷӯё мешуд…

Ӯ аз бачагӣ пуртакопӯ буд, ба муҳити атроф бо чашми ҳайрат ва иштиёқи тамом менигарист. Ниҳоят ҳассос буд. Аз навсозиву ибтикороти мардум ба ваҷд меомад, шеър мегуфт. Ҳамагӣ 19 сол дошт, ки аввалин маҷмӯаи шеърҳояш ба забони туркӣ ба табъ расид: Ғанӣ

Абдулло. «Қурулиш сатрлари» («Сатрҳои сохтмон»), Тошкент – 1931– Боку (дар раҳнамои тоҷикиву русии «Адибони Тоҷикистон» соли нашри ин маҷмӯа саҳван 1932 омадааст). Баъди ду сол маҷмӯаи дуввуми ашъори ӯзбакияш таҳти унвони «Бо номи Ведуинг» чоп шуд. Шеърҳои тоҷикӣ низ эҷод мекард (маҷмӯаи «Садо», 1935 ва достони «Ду соҳил», 1935), мақолаҳои интиқодӣ ва адабиётшиносӣ ҳам менавишт: «Устоди бузурги мо» (дар бораи М.Горкий –«БАС», 1932, №2), «Ҷалол Икромӣ ва эҷодиёти ӯ» («БАС», 1932, №5; 1933 ба шакли китобчаи алоҳида чоп шудааст), «Дар бораи баъзе масъалаҳои драматургия» («БАС», 1935, №4) ва ғ. Албатта, шеърҳои ҳам туркиву ӯзбакӣ ва ҳам тоҷикӣ тибқи рӯҳияи он замон асосан аз шиорзаниҳо таркиб ёфта, ҷиҳатҳои зоҳирии воқеиятро тавсиф мекарданд. Мақолаҳои адабиётшиносӣ ва интиқодӣ, аз як тараф, мувофиқи тақозои давр ниҳоят тунду тез, аз мавқеи сотсиологизми вулгар иншо шуда, аз ҷониби дигар, дар онҳо хусусиятҳои шахси муаллиф – андак дуруштӣ, тундхӯӣ ва пархошҷӯии ӯ – нақш гузошта буданд. Баъдтар маҳз баъзе нуктаҳои ҳамин мақолаҳо аз ҷониби «рафиқон» боз ҳам дағалонатар, вулгартар, таҳрифомез тафсир ёфта, дар «гунаҳгузорӣ» ба Ғанӣ Абдулло боис шуданд, ки аз ин хусус поёнтар сухан хоҳад рафт.

Навиштани шеъру мақолаҳо барои Ғанӣ Абдулло, чунин ба назар мерасад, ки дар роҳи мақсади асосӣ – драманависӣ як зина ва манзари эҷоди бадеӣ буд. Аввалин песаи ӯ «Вахш» соли 1933 навишта ва соли 1934 таҳти унвони «Водии бахт» ба саҳна гузошта шуд. Сипас дар мавзӯъҳои осори классикон асарҳои саҳнавии «Рустам ва Сӯҳроб» (1935, бо ҳамқаламии Абдушукур Пирмуҳаммадзода), «Хусрав ва Ширин» (1937, бо ҳамқаламии А. Деҳотӣ ва М. Турсунзода), инчунин дар мавзӯи таърих песаи «Шӯриши Восеъ» (1936)-ро таълиф

кард. Фаъол буд, пайраҳаи мушаххаси худро меҷуст, то ба шоҳроҳи адабиёт бароядд. Аммо…

Аммо шаби 17–уми сентябри соли 1937 фаро расиду он пайраҳаи Ғанӣ Абдулло, ки ба шоҳроҳи эҷоди бадеӣ қариб пайваста буд, ба муддати тӯлонӣ қатъ гардид. Болотар, дар мавриди ҳикояти ба маҳбас бурдани Абдулло Абдухолиқов, Ғанӣ Абдулло ва Абдуҳаким Қосимов гуфтугӯи байни падару писарро дар мошини Комиссариати халқии корҳои дохилӣ аз забони Музаффара Қосимова оварда будем. Айни ҳамин суҳбатро Ғанӣ Абдулло ба писараш Рашид Абдуллоев ба мазмуни зайл нақл карда будааст, ки баъди нашр шудани порчае аз ин очерк («Омӯзгор», 25–уми сентябри соли 1989) Р.Абдуллоев аз Димишқ дар мактубаш чунин навиштааст: «…дадем табиатан одами сентименталӣ ва мулоим буданд. Дар характерашон дуруштӣ бештар маълум шуда меистод… Айни ҳамин вақеаро ман аз дадем дар варианти дигар шунида будам. Ба гуфти дадем, ҳангоме ки баъди ҳабс онҳоро ба тарафи зиндон ё ҳабсхона мебурданд, дар мошин бобом гӯё пурсида бошанд: бачаҳо (ё Абдуғанӣ – Р.А.), агар ягон гуноҳ дошта бошетон (дошта бошӣ – Р.А.), росташро гӯед (гӯй). Дадем гӯё гуфта бошанд, ки: не, ман гуноҳе надорам ва худро гунаҳкор намедонам. Дар он сурат бобоям гуё гуфта бошанд: дар қавлат устувор бош, ҳар воқеае ба сарат ояд, аз сухану қавлат нагард, дурӯғ нагӯй.

Аз дадем ман ана ҳаминро шунида будам. Дар ин ҷо ба ин нукта аҳамият додан даркор аст, ки пеш аз ҳама худи бобоям фарзандашонро истинтоқ карда, пас аз он ки дар бегуноҳии фарзанд яқин ҳосил намудаанд, ба ӯ матонат ва устувориро ҳам ваҳй ва ҳам тарғиб кардаанд. Амалан бошад, бо ин суханон дар дилу замир ва ҳастии Ғанӣ Абдулло, ки аслан шахси хеле тобовар буд, матонат ва қувваи идориро пайдо кунониданд. Шояд маҳз дар ҳамин вақт дар замири Ғанӣ Абдулло ҷавҳари он устуворӣ,

субот ва иродаткорӣ ташаккул ёфт, ки тӯли солҳои дароз ҳамаи рафторашонро дар ҳабсхонаҳо, лагерҳо ва баъдтар низ муайян мекард. Ба ҳар ҳол ба яке аз нависандагон гуфта буданд: мо кучола хурдагӣ бошем ҳам, ба ҳар ҳол, Ҷ…хон, Шумо барин… нахӯрдаем, яъне ягон касро зери дору тиру ҳабсхона наовардаем… Суханҳое, ки ман аз дадем шунидаам, бобоямро қавитар нишон медиҳанд, ном, номус, суннати худ ва фарзандон барояшон мақоми хеле баланд доштанд»…

Ғанӣ Абдулло баъди ҳабс шуданаш яке аз «қаҳрамонони» маркази мақолаҳои гунаҳгузорони соли 1937 қарор гирифт. Дар мақолаҳое, ки дар рӯзномаи «Қизил Тоҷикистон» 22–юми сентябр бо имзои Қ. Аҳрорӣ, М. Юлдошев, 28–уми сентябр бо имзои «Ду рафиқ» чоп шуда, болотар аз онҳо иқтибосҳо овардем, Ғ. Абдулло чун яке аз «душманони ашаддии халқ ва ҳокимияти советӣ» маҳкум шудааст. Аз ҷумла бо суханони умумӣ, бе ҳеҷ гуна таҳлилу далел эълон намуданд, ки «душмани халқ Ғанӣ Абдулло дар «Водии бахт» ном асараш ҳукумати советӣ ва коммунистонро айбдор кардааст… «Восеъ» низ асари зиддисоветӣ мебошад»… («Қизил Тоҷикистон», 22.09.1937). Дар ин мақолаҳо на танҳо Ғанӣ Абдулло ва дигар нависандагоне, ки то он дам ба ҳабс гирифтор буданд, маҳкум мешуданд, балки муаллифони корчаллон мехостанд ҳар чи бештар касонро ба «душманон» пайванданд. Лошахӯрҳоро мемонданд онҳо, қурбонӣ ҳар қадар бисёр бошад ҳам, ба назарашон кам менамуд. Масалан, навишта буданд: «Турсунзода бо Ғанӣ Абдулло ва Деҳотӣ чандин маротиба ба Самарқанд рафта, он вақтҳо ҳамаашон майхӯрӣ ва сӯҳбатҳо кардаанд. Турсунзодаи дурӯя то ҳол аз ин хусус даҳан накушодааст». Ба ҳамин тариқ, ба Турсунзодаву Деҳотӣ низ хавфи «душмани халқ» ва ё ақаллан «думи душмани халқ» шудан таҳдид мекард. Ин буд, ки Деҳотӣ мақолаи «Доғҳои шармовар»-ро («Тоҷикистони сурх», 18.10.1937) навишта, кӯшида

буд, ки он «доғҳоро» бишӯяд. Аз ҷумла дар хусуси «гуноҳи» ҳамкорӣ бо Ғанӣ Абдулло навишта буд: «Ман ва Турсунзода бо Ғанӣ Абдулло песаи «Хисраву Ширин»-ро навиштем. Барои ин кор якуним моҳ дар Самарқанд дар хонадони ӯ истиқомат кардем. Дар ҳақиқат дар ин муддат, чи тавре ки «Қизил Тоҷикистон» қайд мекунад, бо ӯ майнӯшӣ ва зиёфатхӯрӣ ҳам кардем, аммо дар ин ҷо ҳам кӯрии сиёсии мо иборат аз ин аст, ки бо вуҷуди ин қадар наздикӣ ҳаракатҳои зиддисоветии Ғанӣ, падари ӯ ва бародари ӯро ҳис карда натавонистем…»

Дар мақолаи Деҳотӣ факти «ҳаракатҳои зиддисоветӣ» ва «душмани халқ» эълон шудани Ғанӣ Абдулло ва дигар ҳамтақдирони ӯ қайд гардида, ба ҳар ҳол мақсади асосии муаллиф сафед кардани худ, баъди мақолаи мазкури «Қизил Тоҷикистон» коре карда аз маҳбас эмин мондан буд. Инро касе, ки мақоларо бо диққат мехонад, ҳам аз оҳанг ва ҳам аз мазмуну услуби он метавонад пай барад.

Дар айни замон он рӯзҳо, ки Ғанӣ Абдулло дар маҳбаси Комиссариати халқии корҳои дохилӣ гирифтори истинтоқу шиканҷаҳои ваҳшиёна буд, дар матбуот мақолаҳое низ чоп мешуданд, ки ошкоро мазмуну оҳанги маҳкумкунанда доштанд. Аз ҷумла Самад Ғанӣ дар мақолаи «Оқибатҳои зараррасониро барҳам дода, ҳушёрии синфиро ба дараҷаи баланд бардорем» («Барои адабиёти сотсиалистӣ», 1937, №7-8) Ғанӣ Абдуллоро чунон ба гирдоби бало маҳкум карда буд, ки баъди ин гуна «гунаҳгузорӣ» он солҳо метавонистанд касро бе суду муҳокима ба дорулфано фиристанд: «Аксиинқилобчӣ Ғ. Абдулло тамғаи «драматургӣ»–ро ба гардан овехта, зарарҳои бисёре расонид. «Водии бахт», «Восеъ» ном асарҳои зиддисоветии он, ки фақат ба душманон фоида расонида метавонанд, бо ёрдами директори собиқи театр, душмани халқ Бобоҷонов ба саҳна гузошта шуданд. Душманони халқ Шотемур, Раҳимбоев, Махсумов,

М.Расулӣ ӯро бардор-бардор карда, ба мукофотҳои баланд соҳиб кунонданд. Душмани халқ Бобоҷонов ба корҳои Ғ. Абдулло ёрмандӣ мекард. Ҳарчанд дар назари халқ бо ҳамдигар «муноқиша» карда бошанд ҳам, лекин дар амал ҳар ду аз як гиребон сар бароварда буданд. Лекин мо то ҳол ҳам башараи эҷодии ин муртадҳоро дар чашми омма кушода надодаем».

Кас имрӯз ҳазорон бор афсӯс мехӯраду ангушти ҳайрат мегазад, ки ин гуна «айбгузориҳо» на аз ҷониби намояндагони суду прокуратура ё Комиссариати халқии корҳои дохилӣ, балки аз тарафи адибон нисбат ба ҳамқалам ва рафиқи ҳамкори худ сурат мегирифт. Баъзан мо шояд аз рӯи соддалавҳӣ бошад, чунин ҳам меандешидем, ки чӣ тавр ва чаро он солҳо адибон ба ҳимояи ҳамдигар намекӯшиданд. Маълум мешавад, ки баъзе аз онҳо на танҳо ба дифоъ аз рафиқи ҳамқалами худ намекӯшиданд, балки ба намояндагони Комиссариати халқии корҳои дохилӣ бо мақолаву баромади худ дар кори ҳабс кардан, маҳкум намудан, табъиду парондани онҳо «баҳонаву сабабу далел» пеш мегузоштанд ва ҳатто ба мақомоти расмӣ маълумот низ медоданд.

Аз байни мақоланависон касоне низ ёфт мешуданд, ки бо айбгузорӣ ба «қурбонии худ» қаноат намекарданд, балки ба Иттифоқи нависандагон, рӯзномаҳои ҳизбӣ ва ташкилотҳои роҳбари соҳаи маданият таҳдидҳо мекарданд, ки «душманони халқ»-ро кам фош менамоянд, онҳоро дасисаангезона ба «душманфошкунӣ» таҳрик медоданд.

Ин нукта аз иқтибоси зерин аз мақолаи «Душман ва ҳомиёни онҳо дар Союзи нависандагони Тоҷикистон» («Тоҷикистони сурх», 30.09.1937) ба таври хеле равшан ошкор мегардад: «Душмани халқ Ғ. Абдулло бо асари «Водии бахт» аз номи худ ба ҳукумати советӣ ва Партияи коммунистӣ бӯҳтонҳо зад. Ӯ бо ин асари худ коммунистонро яксара ҳақорат мекард. Барои ҳамин

«асар» Ғ. Абдулло бо ёрмандии Махсум, Ҳоҷибоев ва якчанд нависандагони хушомадгӯй 10 ҳазор сӯм мукофот гирифт.

Ин асари вай то рӯзҳои аз тарафи газетаи «Қизил Тоҷикистон» фош карда шудан дар саҳна монда мешуд. Чаро дар Союзи нависандагон будагиҳо дар бораи ин асар то фош шудани он чизе нагуфта омаданд, чаро онҳо барои дар саҳна гузошта шудани ин асар имкон доданд? Албатта ин бечиз набуд.

Ғ.Абдулло «Восеъ» ном асари дуввуми худро ҳам ба театр дод. Вале ин асар ҳам аз ҷиҳати мафкура зарарнок буд. Ин асар ба реализми советӣ тамоман муқобил буда, иборат аз ба омма қалбакӣ карда нишон додани қаҳрамонони халқ буд. Дар ин асар тарғиб намудани миллатчигии буржуазӣ ва ҷабр-зулмҳои давраи гузаштаро қалбакӣ нишон додан мавҷуд буд. Дар ин масъала ҳам Союзи нависандагон хомӯш нишаста омад…»

Дар чунин ҷараёни айбгузорӣ кор ба ҷое мерасид, ки «душман» каси андак не, балки ба тарғиботчии «мафкураҳои зиддисоветӣ» табдил ёфта, бо шахсиятҳои умумииттифоқиву ҷаҳонӣ пайваста мешуд ва бо ҳамин роҳ «хавфу хатари ӯ ба сохти советӣ» даҳчанду садчанд меафзуд ва гӯё ба исбот мерасид: «Ба муқобили ба адабиёти советӣ кашида даровардани мафкураҳои ифлоси Овербах ва Бруно Ясенский ва идеяҳои тротскичигии Киршон, ки Ғ. Абдулло мекард, муборизаи қатъӣ ва пайдарпай набурданд. Дар ин ҷо ҳаминро ҳам қайд кардан лозим аст, ки газетаҳои «Тоҷикистони сурх» ва «Қизил Тоҷикистон» дар бораи ин асар («Восеъ»–и Ғанӣ Абдулло – А.А.) бо фикри қатъӣ ба майдон набаромаданд. Ҳатто душмани халқ Removeбоҷонов муваффақ шуд, ки мақолаи дар бораи песаи «Восеъ» навиштаи худро дар ин газетаҳо чоп намояд. Ин мақола ҳам моҳияти песа ва рӯи сиёсии Ғ. Абдуллоро руст мекард. Газетаи «Коммунисти Тоҷикистон» бошад, дар ин бора чизе нагуфт».

Натиҷаҳои ҳамин гуна таҳдиду таҳрикҳо ва дасисаҳои ошкорои сиёсӣ буд, ки баъзе кормандони масъули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон водор шуданд нисбат ба ҳамқаламони худ мақолаҳои сар то по тӯҳматомез, таҳрифкорона ва маҳкумкунанда бинависанд. Аксари ин мақолаҳо аз рӯи мазмуну оҳанг бештар ба ҳукмномаҳои суд шабоҳат доштанд, на ба асарҳои интиқодӣ. Дар онҳо қабеҳтарин бӯҳтонҳо ба шахсияти «душман», дағалтарин таҳрифҳо дар ҳаққи осори ӯ бе ҳеҷ ибову изо раво диниста мешуд. Масалан, С.Улуғзода дар мақолаи «Зарарзаниҳои миллатчиёни буржуазӣ дар соҳаи адабиёт» («Тоҷикистони сурх», 2.10.1937) ба ҳамин усулу минвол Ғанӣ Абдуллоро ба хоки сиёҳ яксон карда будааст: «Чанде пеш аз ин дар ташкилоти комсомолии Иттифоқи нависандагони советӣ масъалаи корҳои зиддисоветӣ, бадахлоқӣ ва хулиганиҳои Ғанӣ Абдулло дида шуд. Як унсури тамоман зиддисоветӣ, миллатчии буржуазӣ, бадмаст ва хулиган будани Ғанӣ бо фактҳо ба исбот расида буд. Лекин бо вуҷуди ин Мавлонбеков тамоми нуфузи худро ба кор даровaрда нагузошт, ки Ғанӣ аз комсомол ва аз ИНС ронда шавад. Ғанӣ бо як огоҳии хушк халос шуда рафт… Миллатчии буржуазӣ Ғанӣ Абдулло бо ҳимояи ҷосус Раҳимбоев, Абдинов ва Мавлонбеков дар муддати чандин сол ҳам дар асарҳо ва ҳам дар мақолаҳои худ мафкураҳои аксиинқилобии тротскийчигӣ–овербахчигиро таблиғ ва тарғиб намуда омад…

Ғанӣ бо аксиинқилобчиёни фаъол Бектош, Муинзода, падари худаш Абдухолиқов алоқаи маҳкам дошта ва ҳамшишаи онҳо будааст»…

Чӣ кас ва то кадом андоза «аксиинқилобчии фаъол» будани А. Абдухолиқовро мо болотар дида будем, лекин дар иқтибоси мазбур нуқтаи аз ин ҳам аҷибтар ҳаст: ба фарзанд алоқаи маҳкам доштан бо падари худ айб диниста шудааст! Муҳим он буд, ки айб гузошта шавад,

он тарафашро касе таҳқиқ намекард, ба мазмуну мантиқи айбгузорӣ касе коре надошт.

Дар мақолаи мазкура ба ғайр аз айбгузориву бадномкуниҳо нисбат ба шахсияти Ғанӣ Абдулло «кӯшише» дар роҳи «интиқоди» осори ӯ низ ба харҷ рафта, ки дар мисоли он сабабҳои якрангиву якнавохтӣ, маҳдудият ва қолабсозиҳои адабиётамонро дар солҳои сӣ ва чанд соли баъдина равшан тасаввур кардан мумкин аст: «Ғанӣ дар соли 1932 дар саҳифаҳои журнали «Барои адабиёти сотсиалистӣ» ба мудофиаи Бектош мебарояд. Дар соли 1934 дар шумораи 4-уми ҳамин журнал мақолаи дигари ӯ дар бораи драматургия чоп мешавад. Дар сар то сари ин мақола Ғанӣ назарияи Овербахро гузаронида, ба нависандагон ҳамин фикрро талқин менамояд, ки онҳо бояд дафъаи аввал ба нишон додани камбудиҳои қаҳрамонон ва хусусан коммунистон ҳаракат кунанд. Худи Ғанӣ дар песаи худ «Водии бахт» ҳамин тавр ҳам кардааст...»

Ҳоло мо, вақте ки асарҳоеро аз адибони рус мехонем, ки солҳои сӣ навишта шуда, ба сабаби ғайриқолабӣ будани тасаввуру тафаккур дар он айём ба чоп нарасидаанд, ҳазорон афсӯс мехӯрем ва ҳайрон мешавем, ки чаро адибони мо чунин асарҳо нанавиштаанд, ё ақаллан дастнависе аз ин қабил осор боқӣ нагузоштаанд? Албатта, дар манзари таърихӣ ва сиёсиву мадании он солҳо сабабҳои психологии ба як маҷро, ба як қолаб даромадани нависандагони тоҷик тасаввурпазир аст. Вале заминаҳои аниқу мушаххаси чунин қолабписандӣ ва қолабгироии тафаккури бадеиро, ба назари мо, аз ҳамин гуна навиштаҳо бояд ҷӯё шуд. Ба адибон тавсифу таърифи нишондодҳои расмӣ, ҷиҳатҳои зоҳирӣ ва болописанди воқеият ошкоро талқин карда мешуд, дидану тасвир намудани нуқсонҳову тарафҳои манфии зиндагӣ ва хислатҳои ношоями «инсони советӣ» қатъиян мамнӯъ буд. Ба ҳамин минвол андак-андак ба адабиёт

конфликти сохта (қаҳрамонони мусбат дар симои инсонҳои советӣ, персонажҳои манфӣ дар тимсоли «боқимондаҳои табақоти доро», «ҷосусони кишварҳои хориҷӣ», «хоинон», «душманони халқ» ва ғ.) ва баъдтар умуман ғояи бeконфликтӣ роҳ меёфту маъмул мегардид. Агар адибе ба хислатҳои манфии ҳамзамонони худ ишорае мекард, мисли Ғанӣ Абдулло, чунон ки аз иқтибоси мазбур дидем, маҳкум карда мешуд. Хусусан агар чунин адиб «душмани халқ» эълон гардида ва ҳабс шуда бошад, «интиқодгараш» бе ҳеҷ андешаву тааммул метавонист фикрҳои ӯро таҳриф бикунад, симои ӯро дар оинаи каҷи ғаразҳои худ нишон бидиҳад. Масалан, дар давоми мақолаи мазкура чунин иқтибоси ошкоро таҳрифомез аз навиштаи Ғанӣ Абдулло оварда ва мувофиқи мақсади муаллиф шарҳ дода шудааст: «Дар мақолаи мазкур Ғанӣ дар бораи характер дар драматургия сухан меронад. Ин тротскийчӣ, миллатчии буржуазӣ дар инсонҳои советӣ кадом хусусиятҳоро мебинад ва характер меномад? Ин аст характерҳои ҷудокардаи ӯ: «лаққӣ, хасис, тарсончак, худбин, худбовар, танбал, хаёлпараст, мешчан, бадқаҳр ва дағал» ва монанди ҳамин ёздаҳ хусусият».

Акнун бубинем, ки аслан сухани Ғанӣ Абдулло чӣ сурат дошта ва оппоненти ӯ ин суханонро чӣ гунаву ба чӣ мақсад бидуни ҳеҷ аломати ишора «ихтисор» кардааст. Ғанӣ Абдулло: «Маълум аст, ки дар зиндагонӣ инсонҳои гуногун мешаванд ва ҳар кадоми онҳо сифати махсус доранд. Масалан, лаққӣ, хасис, тарсончак, худбин, худбовар, танбал, **<u>боғайрат</u>**, хаёлпараст, мешчан, бадқаҳр, дағал**, <u>мулоимқалб</u>, <u>нотарс</u>** (таъкидҳо аз мост – А.А.) ва ғайруҳу» (БАС, 1935, №4, саҳ. 17-18; дар мақолаи С.Улуғзода соли нашри ин асари Ғанӣ Абдулло саҳван 1934 зикр шудааст).

Чунон ки мебинем, дар матни Ғанӣ Абдулло на «ёздаҳ хусусият», балки сездаҳ хислати на «инсонҳои советӣ», балки умуман инсонҳо дар зиндагӣ номбар

шудаанд. Ва хусусиятҳое, ки дар иқтибос «ихтисор» гардидаанд (боғайрат, мулоимқалб, нотарс), ба муаллифи мақолаи «Зарарзаниҳои миллатчиёни буржуазӣ дар соҳаи адабиёт» барои хулосаи сохтаву таҳрифомез баровардан халал мерасонанд. Ва он «хулоса» чунин аст: «Бӯҳтонгари тротскичӣ Ғанӣ Абдулло хусусиятҳои ҳақиқии характери ҳақиқии инсонҳои советиро, ки партияи бузурги Ленин–Сталин тарбият намудааст: нотарсӣ, фидокорӣ, садоқати беҳад ба ватани худ, ғаюрӣ, ба манфиатҳои иҷтимоӣ тобеъ кунонидани манфиатҳои шахсии худ, самимияту шикастанафсӣ ва монанди онҳоро ҳаргиз намехоҳад бинад».

Чунин ба назар мерасад, ки ин гуна «танқидҳо» на танҳо шахсияти Ғанӣ Абдулло ва ӯ баринҳоро аз лиҳози сиёсиву идеологӣ «маҳкум» мекард, балки, шояд ғайри ихтиёри муаллиф, ба мақсадҳои «бузургтар», барои иҷрои вазифаҳои «муҳимтар» хидмат менамуд: тафаккури эҷодиро душманӣ, шуҷоати адабиро мамнӯъ медонист, ба қолабҳо на танҳо дар эҷоди бадеӣ, инчунин дар тафаккури инсон роҳи васеъ мекушод, ақидаву андешаҳои ғайриқолабиро қабулнопазир ва ҳатто ҷиноят эълон мекард, тарсу ҳарос ва ваҳму гумонбариро чун шакли мутлақи шуури ҷамъият талқину таблиғ менамуд.

Ба ҳамин тариқ шахс, инсон, ки танҳо дар ҷамъият, танҳо бо инсонҳо метавонад рӯҳану маънан зинда ва фаъолиятманд бошад, дар ҷамъияте, ки бар иттифоқҳо асос ёфта буд, – Иттифоқи Советӣ, иттифоқи синфи коргар ва деҳқон, иттифоқи нависандагон ва ғайраву ҳоказо – ба танҳоӣ маҳкум мешуд, аз ҷамъият истисно мегардид. Бо «айбҳои» худ, бо ғаму аламу дардҳои бедавои худ танҳо ба танҳо мемонд…

Ва Ғанӣ Абдулло бо ҳамин ва бисёр «айбҳои» сиёсиву идеологиву адабиву шахсӣ шаби 17–уми сентябри соли 1937 ба ҳабс гирифта шуд.

Азобу шиканҷаҳои маҳбаси Комиссариати халқии корҳои дохилӣ, лагерҳои консентратсионӣ, сарсониву саргардониҳое, ки Ғанӣ Абдулло баъди озод шудан аз ҳабсу бадарға аз сар гузаронидааст, таъқиботи расмиву ғайрирасмии шахсияти инсониву адабӣ ва эҷодиёти ӯ дар солҳои 1947–1955, муносибатҳои бадхоҳонаву хайрхоҳонаи ашхоси гуногун ба шахсият ва эҷодиёти нависанда як қиссаи махсусу тӯлониест, ки дар ҳаҷми ин очерк ғунҷоиш надорад ва ният ҳаст, ки шомили китоби алоҳида гардад. Ҳоло ин ҷо ҳамин қадар бояд гуфт, ки Ғанӣ Абдуллоро аз рӯзи ҳабс шуданаш ишқи зиндагӣ, бовар ба қудрату имконоти ҷисмониву рӯҳонии хеш, ҳирси озодӣ ва мақсади исбот кардани бегуноҳии худ ва наздиконаш қуввату умед мебахшид, ба сабру бурдборӣ ва тоқату умедворӣ ҳидоят менамуд. Ин рӯҳияву ин мақсад дар як шеъре, ки Ғанӣ Абдулло аз бадарға дар покети номае ба Музаффара Қосимова фиристодааст, акси равшан дорад:

*Ба машғулони дарди субҳгоҳӣ,*
*Ба мақбулони даргоҳи илоҳӣ,*
*Ба рӯзи тираи дилҳои сӯзон,*
*Ба шабҳои сиёҳи тирарӯзон,*
*Ба ҷони бегуноҳи хурдсолон,*
*Ба шоми бечороғи тангҳолон,*
*Ба маҳбусе, ки умраш рафт дар банд,*
*Ба ғамноке, ки бо ғам гашт хурсанд,*
*Ба беморе, ки бекас мурду бадҳол,*
*Бад-он кӯре, ки дар раҳ гашт помол,*
*Бад-он вайронаҳои меҳнатобод,*
*Бад-он дилҳо, ки аз меҳнат бувад шод,*
*Дар ин навмедиям умеди нав кун,*
*Умедамро ба коми дил гарав кун.*

Ғанӣ Абдулло аз лагер соли 1947 баргашта бошад ҳам, дар чанд нусхаи тарҷумаи ҳоле, ки дар архиваш

ҳаст, солҳои 1947–1955–ро чун солҳои озодии худ зикр накардааст. Дар он айём, ба қавли худи нависанда, «ҳамаи дарҳо ба рӯяш баста буданд». Ва танҳо аз 14–уми августи соли 1956, баъди аз ҷониби Трибунали ҳарбии округи ҳарбии Туркистон таҷдиди назар шудани дафтари аъмол ва бегуноҳ дониста шуданаш ӯ оҳи сабуке кашид, худро андак озод ҳис кард ва барои баровардани қусури солҳои барҳадаррафтаи умр бо тамоми вуҷуд ба кори эҷодӣ дода шуд.

Дар рӯи мизи мо нусхаи Таъйинномаи Трибунали ҳарбии округи ҳарбии Туркистон аз 14–уми августи соли 1956 хобидааст, ки онро духтари Ғанӣ Абдулло – Абдуллоева Фирӯза Ғаниевна лутфан ба ихтиёрамон доданд ва матнаш ин аст:

## «ТАЪЙИННОМАИ ТРИБУНАЛИ ҲАРБИИ ОКРУГИ ҲАРБИИ ТУРКИСТОН»

*Дар ҳайати: раисикунанда подполковники адлия Николайчик ва аъзоён: подполковники адлия Иванов ва майори адлия Никитинский дар маҷлиси аз таърихи 14–уми августи соли 1956 эътирози прокурори ҳарбии Округи ҳарбии Туркистонро нисбат ба қарори машварати махсуси назди Комиссариати ҳарбии корҳои дохилии СССР аз 8–уми майи соли 1938 муҳокима кард, ки мувофиқи он Ғанӣ Абдулло, мутаваллид ба соли 1912, зодгоҳаш шаҳри Самарқанд, барои фаъолияти зиддисоветӣ ба мӯҳлати ҳашт сол аз озодӣ маҳрум ва ба лагери тарбиявиву меҳнатӣ маҳкум карда шудааст.*

*Трибунали ҳарбии округ маърӯзаи подполковники адлия Иванов ва истинтоҷи ёвари прокурори ҳарбии Округи ҳарбии Туркистон майори адлия Кореевро дар бораи қонеъ гардонидани эътироз шунида,*

*МУҚАРРАР КАРД:*

*Ғанӣ Абдулло ба он гунаҳгор дониста шудааст, ки ӯ соли 1932 дар Тоҷикистон ба ташкилоти миллатчигии зиддисоветӣ дохил шуда, бо супориши он дар соҳаи адабиёт зарррасониҳо кардааст, песаи «Водии бахт»–ро, ки мазмуни ошкоро миллатчигӣ дошт, навиштааст, инчунин тарғиботи зиддисоветӣ бурдааст.*

*Прокурори ҳарбии округ дар эътирози худ нишон медиҳад, ки Ғанӣ Абдулло беасос суд карда шудааст.*

*Гунаҳгузорӣ ба Ғанӣ Абдулло дар фаъолияти зиддисоветӣ бар маълумотҳои иқроршавии ӯ ҳангоми тафтиши пешакӣ, инчунин бар маълумотҳои Икромӣ Ҷалол ва Иброҳимов, ки аз рӯи аъмоли дигар ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуда буданд, асос меёфт.*

*Ҳангоми тафтиши ҳамин дафтари аъмол соли 1956 Ғанӣ Абдулло маълумоти қаблан додаи худро рад кард ва арз намуд, ки он маълумотро ҳангоми тафтиш дар асари зӯроварии ҷисмонӣ додааст, тамоми навиштаҳои протоколи пурсиши соли 1938 ба ҳақиқат мувофиқат намекунад.*

*Икромӣ ва Иброҳимов, ки маълумоти тасдиққардаи худро ба мавҷудияти ташкилоти зиддисоветие, ки гӯё онҳо ҳамроҳи Ғанӣ Абдулло ба он дохил бошанд, ҳанӯз соли 1938 рад намудаанд ва вобаста ба ҳамин дафтари аъмоли онҳо соли 1938 баста шуда буд.*

*Узви вобастаи Академияи улуми Тоҷикистон Раҷабов (манзур Зариф Шарифович аст – А.А.) ва Улугзода, ки соли 1956 ба ҳайси шоҳидон пурсида шудаанд, инчунин артистони халқии РСС Тоҷикистон Валаматзода ва Бурҳонов, ки Ғанӣ Абдуллоро аз тариқи ҳамкорӣ медонанд, ӯро чун инсони хуб, ба ҳокимияти советӣ содиқ ва корманди боистеъдоди адабиёт тавсиф намудаанд.*

*Дар дафтари аъмол ҳеҷ гуна исботи гунаҳгории Ғанӣ дар фаъолияти зиддисоветӣ мавҷуд нест, бино бар ин дар эътироз аз хусуси бекор кардани қарори машварати махсуси назди Комиссариати халқии корҳои дохилии СССР аз таърихи 8-уми майи соли 1938 дар нисбати Ғанӣ Абдулло ва бастани дафтари аъмоли ӯ бино бар набудани нишонаҳои ҷиноят масъала гузошта шудааст.*

*Трибунали ҳарбии округ маводи дафтари аъмолро баррасӣ намуда ва бо далелҳои дар эътироз омада розӣ шуда, Указа Президуми Совети олии СССР –ро аз 19 –уми августи соли 1955 ба роҳбарӣ гирифта,*

*м у а й я н к а р д :*

*Қарори машварати махсуси назди Комиссариати халқии корҳои дохилии СССР аз таърихи 8–уми майи соли 1938 дар нисбати Ғанӣ Абдулло бекор карда, дафтари аъмоли ӯ бино бар набудани нишонаҳои ҷиноят баста шавад…».*

***1990***

# II

# *Ингорхо*

## ФИРЕБИ ОИНА

***Ба ҳамсабақи шоирам Гулрухсор***

Шаб дар чамани оинаи синаи сӯзон
Бо чашми дилам рӯи накӯи ту бидидам.
Махмурии чашмони сиёҳи ҳавасатро,
Лабҳои ба лабҳои сабӯи ту бидидам.

Аз ваҷд дилам сахт биларзиду таб овард,
Ҳам моили майхонаи он оина гардид.
Оҳе зи вуҷудам бадар омад, ки саросар
Аз гармияш он манзара дар оина таркид.

***1982***

## МАШҚИ ҒАЗАЛ

Чашми дил дар роҳи дил боз аст, дилбозам, биё!
Нозанини нозанинон, нозаниннозам, биё!

Гуфта будӣ, мефиристам муждае то ними шаб,
Дам ба дам шаб ҳам гузашт, ҳамрозу дамсозам, биё!

Рози дил гуфтам ба ту, девонаам пиндоштӣ,
Авф кун девонаро, эй маҳрами розам, биё!

Дил ба дил додам, агар бошад пазиро арзи дил,
Нози ту бар ҷон пазирам, ёри таннозам, биё!

***1989***

# ТАМАННО

Булбули ман, гули ман, ишқи ману ҷони манӣ,
Ҳастиам садқаи ту, марҳаму дармони манӣ.

Рӯзу шаб аз ғами ҳаҷри ту паёпай сӯзам,
Шамъи ман, шӯълаи ман, оташи сӯзони манӣ.

Хонаи дил зи ҳаводис шуда буд тираву тор,
Равшании дили ман, моҳи шабистони манӣ.

Сарнагун гашта буд аз лашкари ғам имонам,
Бахти фирӯзи ману шавкату имони манӣ.

Дар ғаму шодиям андар назарам ғайри ту нест,
Шоми торики ману кавкаби рахшони манӣ.

Гар маро айб ба нопокии виҷдон бикунанд,
Ба Худо, шукр кунам, покии виҷдони манӣ.

Гарчи тақдир туро бар дигаре бахшидаст,
Дар дили содаи ман боз ту аз они манӣ.

Рамақе то бувад андар дилу андар ҷонам,
Бандаи ишқи туям, то ки ту султони манӣ.

***1989***

## ЛАҲЗАИ ҶУДОӢ

Булбуле рахти сафар барбасту рафт
Дар хурӯши навбаҳори зиндагӣ,
Пеши чашм ин лаҳза гулҳои чаман
Ҷо ба ҷо гаштанд хори зиндагӣ.

Пардаи торики ваҳмангези ғам
Чеҳраи хуршеди уммедам бубаст,
Риштаи пайванди ноқилҳои дил
Дар замирам лаҳзае гӯё гусаст.

Ман мисоли шабнами афтодае
Бар кафи барги наҳифу пурнишеб:
Дар ниҳодам тарси лағжидан ба хок,
Дар нигоҳам илтиҷои бешикеб…

Булбуле рахти сафар бардоштаст
Аз гулистон дар хурӯши навбаҳор.
Як гуле афтода андар роҳи дил
Булбули худро ҳамеша интизор…

***1989***

## БОҒИ ХАЁЛ

Дар боғи хаёли ман, ки дишаб
Гулҳои ҳавас шукуфта буданд,
Ғамҳои фироқи ошиқона
Дар барги гуле нуҳуфта буданд.

Боде зи диёри фурқати ту
Дар боғи хаёли ман вазон шуд.
Бӯе зи баҳор чун наоворд,
Гулҳои ҳавас ҳама хазон шуд.

Эй кош, баҳори орзуҳо
Дар шохаи дил шукуфта мемонд.
Ишқи ману ту чу накҳати гул
Дар ғунчаи гул нуҳуфта мемонд.

***1990***

# НИЁИШ

Бодо ба фасли навбаҳорон
Дар бӯстон биншаста бошем.
То лаб ба лаб, дида ба дида
Аз банди ғам вораста бошем.

То дам ба дам, ҷуръа ба ҷуръа
Бода зи ҷоми лаб бинӯшем,
То пай ба пай, лаҳза ба лаҳза
Ҳарфи дилу ҷонро ниюшем.

Ду навдаи як ток бошем
Дар печу тоби ошиқона.
Ё раб, чунин гар метавонӣ,
К–ин лаҳза созӣ ҷовидона,

Бӯсе зи дигар лаб нахоҳам,
Бар чашми кас дида надӯзам,
Майле дигар бо кас насозам,
Бо ёди рӯи кас насӯзам!

***1990***

## ГИРИФТОРӢ

Гирифтори банди хаёли туям,
Саропой маҳви ҷамоли туям.

Туро ҳеҷ ҳоҷат ба банде мабод,
Ки дил бастаи хатту холи туям.

Ҳамехоҳам аз ту, бинозӣ ба худ,
Ба парвози нози ту боли туям.

Ба чоҳи малолат ҳам, эй пурҷафо,
Дуогӯи ҷоҳу ҷалоли туям.

Ҷаҳоне асир аст бадри туро,
Мани зор лоли ҳилоли туям.

***1991***

## ГУРЕЗ АЗ СИЁСАТБОЗӢ

***Илҳом аз Ахавони Солис***

Дар ин паҳно барои худ фазои дигаре дорам,
Ба зоҳир байни халқам, лек ҷои дигаре дорам.

Нигоҳи дӯст торик асту дар дил рӯшноӣ нест,
Ҷаҳоне бесафо шуд, ман сафои дигаре дорам.

Дар ин шаҳри пур аз ғавғову ин даҳри пур аз иғво
Ба пайвандони бепарво вафои дигаре дорам.

Ҳаёҳу мекунад мардум сари майдону минбарҳо,
Ман андар худ ба худ хилватсарои дигаре дорам.

Чарову чун макун бо ман, сиёсатбози афсунгар,
Ки ман бо хайли ту чуну чарои дигаре дорам.

Ба дод омад замину осмон аз доду фарёдат,
Биё, биншину бишнав, ман навои дигаре дорам.

Навозиш мекунад ёрам ҳариферову ман бо дил
Зи шаб то бомдодон моҷарои дигаре дорам.

Зи сӯзи рӯз ин шабҳои бехобӣ писандидам,
Вагарна бо хаёлаш хобҳои дигаре дорам.

***1992***

# ҒАЗАЛИ ДАРЁ

***(Назира ба ғазали шоири Афғонистон Абдулаҳади Адо)***

Шунидам аз Адои мӯҳтарам афсонаи дарё,
Шудам мафтуни дидори рухи ҷононаи дарё.

Парии гул ҳамоил карда буд гесӯи мушкинаш
Ба сӯи мавҷи дарёву ба рӯи шонаи дарё.

Чу дар оинадарё ҷуз гули рӯят намебинам,
Магар аз чашми ман пинҳон шуда гулхонаи дарё?

Чи рӯз аст, эй азизи ман, ки умре бе шаби мӯят
Маро бар дида нанмояд яке дурдонаи дарё.

Биё бар соҳили уммеду аз рӯят ҳиҷоб андоз,
Ки аз васлат ба рақс ояд дили мастонаи дарё.

Сари мӯе зи ҳоли мову дил воқиф шудан хоҳӣ,
Назар кун бар туланги мавҷ дар кошонаи дарё.

***1992***

# ПАДРУД

***Ба Ф.Ш.***

Фазо дар пеши чашмам мисли хокистар,
Нигоҳам зери поямро намебинад.
Ту гӯӣ тирамоҳи умри ман омад,
Чи сон дил лек мехоҳад, ки гул чинад!

Баҳори рӯзгори ман хазон гашта,
Дарахти умрро рангеву боре нест,
Гули уммедро бингар, ки пажмурда,
Саробустони ишқамро баҳоре нест.

Гумон кардам, ки ишқи безавол омад,
Барои сӯзи ширинам дилам сӯзад.
Қасам бо номи покат, эй Худои ишқ,
Дигар ошиқ шавам, обу гилам сӯзад!

Бас аст, охир, бирав аз ман, ки тобам нест,
Ҳавасҳои туро чун ишқ пиндорам.
Ҷавонӣ ҳам гузашт, афсӯси дилпирӣ
Ва падруд, эй гули хушбӯи пурхорам.

***1994***

## АҶЗ

Лабони хушки дилам
Ташнаи оби ҳаёт аст,
Аммо чӣ кунам,
Ки чашмаи об дар авҷи нигоҳ аст
Ва мурғи дил
Қудрати парвоз надорад.

***2001***

# ЯЪС

Туро ошуфта дидам дар хиёбон,
Ки аз оҳи дили худ мерамидӣ.
Магар дар рӯи зарди барги гулҳо
Нишон аз ишқи худ ногоҳ дидӣ?

Дилатро панҷаи бераҳми ҳасрат
Гиребонгир гашта мефишорад?
Ва ё рангин хаёли ошиқона
Ба лавҳи хотират пай мегузорад?

Ҷилои чашми фаттонат куҷо шуд?
Нигоҳи пур зи эҳсонат куҷо шуд?
Ба рӯи дил ҳама ин сояи яъс
Чаро омад, нигаҳбонат куҷо шуд?

***2003***

## ФАРЁДИ ЛОЛ

Ба навои резаборон дили ман наво надорад,
Ба ҳавои навбаҳорон ҳавасу ҳаво надорад,
Ба нишот ҷо надорад.

Ба саройи бесаробон ҳама дардаму фиғонам,
Ба куҷо равам, надонам, ки ба лаб расида ҷонам,
Аламам садо надорад.

Сари соликони раҳгум сухан аз ирода гӯяд,
Ба ҳавои бода гӯяд, ба Худо, ки сода гӯяд,
Суханаш бақо надорад.

Ба баҳори нобаҳангом зи хазон ҳамекунам ёд,
Ки ба бод додаст он ҳама неъмати худодод,
Хабар аз Худо надорад.

Чи кунам, сари баландам нашавад ба назди кас хам
Ва худ аз гаронии ғам ба дарун кашидаам дам,
Нафасам фазо надорад,
Аламам садо надорад…

***2004***

## ПАЗМОНӢ

Ёд кардам накҳати мӯи туро,
Эй гули хушбӯи ман, дер омадӣ.
Дида бар роҳи ту, сабри дил намонд,
Эй маҳи хушрӯи ман, дер омадӣ.

Бе нафасҳои шарарборат кунун
Рӯҳи оташзои ман хомӯш монд.
Канда шуд аз осмон истораам,
Хуни гармам сард шуд, аз ҷӯш монд.

Бенишоту холӣ аз айёми ид
Монда тақвими дили сарсони ман.
Бетаваққуф сӯзад ин бечора дил
Бар ману бар ёди саргардони ман…

***2004***

## ХУМОРИ ЁР

Баҳори умри ман, биё, ки навбаҳор омада,
Ки фасли бӯсаву канор бо нигор омада.
Ғубори хотиру дилат ба боди раҳгузар бидеҳ,
Ки пайки нек аз насими раҳгузор омада.
Сабӯи васли ошиқон ба дасти боди маст буд,
Гузашт лашкари шитоъ, даври ёр омада.
Зи дурди ҷоми ҳаҷри ту басо, ки нӯш кардаам,
Расо хурӯш кардаам, дами қарор омада.
Навои уди ман куҷо, садои рӯди ман куҷо,
Набуду буди ман куҷо? Маро хумор омада…
Хумори ёр омада…

***2005***

## БА ДӮСТ

Эй он ки дӯст дорамат аз ҷон зиёдатар,
Оё шабонгаҳе ту маро ёд мекунӣ?
Печидаам ба худ зи ғами бемурувватат,
Боре дилам раҳонда зи ғам, шод мекунӣ?

Ман тоирам,
Вале нарасам то ба осмон,
То оқибат раҳо шавам аз хешу чанги ту.
Ман бандаям,
Нишастаи бар хок интизор,
Кай мерасад садои телефони занги ту?!

Хондам туро баҳори дили хештан,
Вале…
Ҳайфо, камари сабзи дилат боғи дигар аст.
В-он рӯшанӣ, ки буд ба хоби парешабам,
Як шӯълаи чароғи дили доғи дигар аст…

***2005***

*А.П.Чехов*

# БЕУНВОН

Дар асри V низ, чун ҳоло, офтоб ҳар саҳар тулӯъ ва ҳар шом ғуруб мекард. Субҳ, вақте ки нурҳои аввалини хуршед рӯи қатраҳои шабнамро мебӯсид, замин ҷон мегирифт, ҳаво аз садоҳои суруромез, ҳаяҷонангез, умедбахш пур мешуд, шомгоҳ бошад, худи ҳамин замин ором мегардиду ба қаъри торикӣ фурӯ мерафт. Рӯз ба рӯзу шаб ба шаб мемонд. Гоҳ–гоҳе абри сиёҳе пайдо шуда, раъду барқ садои қаҳролуд мебаровард, ё ситораи ғафлатзадае аз осмон канда мешуд ва ё роҳиби рангпаридае аз роҳ мегузашту ба ихвон ҳикоят мекард, ки дар қарибии дайр паланге дидааст – вассалом, сипас боз рӯз ба рӯзу шаб ба шаб мемонд.

Роҳибон кор мекарданду Худоро шукр мегуфтанд, муршиди мӯйсафеди онҳо арғунун менавохт, шеърҳои лотинӣ менавишт ва оҳангҳо эҷод менамуд. Ин мӯйсафеди аҷиб истеъдоди фавқулъодае дошт. Арғунунро чунон моҳирона менавохт, ки ҳангоми аз ҳуҷраи ӯ расидани садои арғунун ҳатто куҳансолтарин роҳибоне, ки гӯши начандон шунаво доштанд, оби дида мерехтанд. Вақте ки аз ягон хусус, ҳатто дар бораи оддитарин чизҳо, масалан, оид ба дарахтон, ҳайвонот ё баҳр сухан мегуфт, ӯро бе табассум ва ё бе оби дида гӯш кардан имконнопазир буд ва чунин ба назар мерасид, ки торҳои дилаш низ мисли торҳои арғунун садо медиҳанд. Вале агар қаҳр

мекард, ё беҳад хурсанд мешуд ва ё дар хусуси ягон чизи даҳшатангез ва бузург сухан оғоз менамуд, ҳаяҷони беандозае фаро мегирифташ, дар чашмони дурахшонаш қатраҳои ашк ҳалқа мезаданд, рухсорааш сурх мешуд, садояш мисли раъд меғуррид ва роҳибон ӯро гӯшкунон ҳис менамуданд, ки ҳаяҷону илҳоми вай ба дилашон чӣ тазйиқе меоварад; дар ин гуна лаҳзаҳои аҷибу ҳайратангез соҳиби ҳокимияти беҳадду каноре мегардид ӯ ва агар ба мӯйсафедонаш фармон медод, ки худро ба баҳр андозанд, ҳамаашон бидуни истисно мекӯшиданд, ки ҳарчи зудтар ва бо дилу ҷон ҳукмашро ба ҷо оваранд.

Мусиқӣ, овоз ва шеърҳое, ки вай дар онҳо Худо, осмон ва заминро меситуд, барои роҳибон манбаи сурури ҳамешагӣ буданд. Баъзан чунин мешуд, ки аз якрангии зиндагӣ дарахтон, гулҳо, баҳор, тирамоҳ ба дилашон мезад, садои баҳр гӯшашонро хаста мекард, аз хониши мурғон ғашашон меомад, вале истеъдоди муршиди мӯйсафед, мисли нон, ҳар рӯз лозим буд.

Даҳҳо сол мегузашт ва ҳамоно рӯз ба рӯзу шаб ба шаб мемонд. Ба ҷуз мурғону ҳайвоноти ваҳшӣ дар наздикии дайр ҷонзоде наменамуд. Наздиктарин манзили одамӣ дар дуродур воқеъ буд ва барои аз дайр то он ҷо ва ё аз он ҷо то дайр расидан тақрибан сад чақрим аз биёбон роҳ рафтан лозим меомад. Ба убури биёбон танҳо касоне ҷуръат мекарданд, ки аз зиндагӣ безор шудаву онро тарк гуфта, ба дайр, чун ба гӯр, раҳсипор мегардиданд.

Аз ҳамин рӯ, вақте ки дар яке аз шабҳо шахсе дарвозаи дайрро кӯфт ва маълум шуд, ки он кас аз бошандагони шаҳр, як осии зиндадил ва ҳаётдӯст будааст, тааҷҷубу ҳайрати роҳибон ҳадду канор надошт. Ин шахс пеш аз он ки аз муршид дуои хайр бигирад, шаробу таом талаб намуд. Ба суоли роҳибон, ки ӯ чӣ хел аз шаҳр ба биёбон афтидааст, бо ҳикояти дуру дарози шикорчиёна ҷавоб гардонд: ба шикор рафта, аз меъёр зиёдтар нӯшида, раҳгум задааст. Ба ташвиқи роҳибиро ихтиёр намуда,

гуноҳҳои худро шустан ӯ ҷавобан табассуме карду гуфт: «Ман ёри шумо нестам».

Вай баъди шикамсерӣ хӯрдану нӯшидан ба роҳибон, ки хизматашро адо менамуданд, як чашм давонд, маломатомезона сар ҷунбонд ва гуфт:

— Шумо, роҳибон, бекорхӯҷаед. Фақат хӯрдану нӯшиданро медонеду бас. Магар ҷонро аз гуноҳ ҳамин хел мераҳонанд? Як фикр кунед: тамоми муддате, ки шумо дар ин оромгоҳ нишаста, мехӯреду менӯшед ва дар қайди роҳату ҳаловат ҳастед, муқаррабини шумо ҷон ба даргоҳи Худованд месупоранду ба ҷаҳаннам раҳсипор мешаванд. Як бубинед, ки дар шаҳр чӣ воқеаҳое рух медиҳанд! Гурӯҳе аз гуруснагӣ мемирад, гурӯҳе дигар ба чи роҳ харҷ кардани зару зеварашро надониста, худро ба дарёи фасодат мезанад ва чун магасҳои ба асал дармонда ҳалок мешавад. Одамон на дин доранду на диёнат! Кӣ бояд онҳоро наҷот диҳад? Кӣ бояд онҳоро ба роҳи ҳақ андозад? Оё ман, ки аз субҳ то шом масту аластам? Магар рӯҳи осуда, қалби пурмеҳр ва эътиқодро Худо ба шумо барои он ато намуд, ки ин ҷо даруни чор девор нишинеду коре накунед?

Суханони мастонаи шаҳрӣ аз доираи одоб берун ва густохона буданд, вале ба тарзи аҷибе ба муршид асар карданд. Мӯйсафед ба роҳибони худ назаре афканд, рангаш парид ва гуфт:

— Ихвон, охир, ӯ рост мегӯяд! Воқеан ҳам одамони бечора аз беақливу сустӣ дар гирдоби фасоду бедиёнатӣ ҳалок мешаванд, вале мо аз ҷой намеҷунбем, гӯё ин ба мо дахле надошта бошад. Пас чаро ман нараваму Масеҳоро, ки онҳо фаромӯшаш кардаанд, ба ёдашон наорам?

Суханони шаҳрӣ мӯйсафедро ташвиқ карданд; рӯзи дигар вай асояшро гирифт, бо ихвон хайру маъзур намуд ва ба шаҳр раҳсипор гашт. Ва роҳибон аз мусиқӣ, аз нутқҳову шеърҳои ӯ бенасиб монданд.

Онҳо як моҳу ду моҳ бесаброна интизорӣ мекашиданд, вале мӯйсафед барнамегашт. Ниҳоят пас аз се моҳ садои гӯшошнои асои ӯ шунида шуд. Роҳибон ба пешвози вай шитофтанду суолборонаш карданд, вале ӯ ба ҷои он ки аз дидори эшон хурсанд шавад, талх гирист ва ҳарфе ба забон наовард. Роҳибон пай бурданд: вай бисёр пир ва лоғар шудааст; чеҳрааш хаста буду андӯҳи бузурге ба он соя меафканд ва ҳангоме ки ӯ инони гиряро сар дод, аз ваҷоҳаташ шахси таҳқирдидаро мемонд.

Роҳибон низ гиристанд ва ҳамдардона ба пурсиш даромаданд, ки чаро мегиряд, аз чи сабаб чеҳрааш чунин ғамгин аст, вале вай ҳарфе дар ҷавоб нагуфт ва ба ҳуҷраи худ рафту дарро баст. Ӯ ҳафт рӯз дар ҳуҷрааш нишаст, чизе на хӯрду на нӯшид, арғунун наменавохт, мудом мегирист. Ба даркӯбӣ ва хоҳиши роҳибон аз хусуси он, ки барояду дарди дилашро ба онҳо холӣ кунад, бо сукути пурдавом ҷавоб мегардонд. Ниҳоят ӯ баромад. Тамоми роҳибонро гирди худ ҷамъ кард, бо чеҳраи гирёну пурандӯҳ ва нафратбор аз хусуси он, ки дар се моҳи охир чиҳоро аз сар гузаронд, ба нақл шурӯъ намуд. Вақте ки вай роҳи худро аз дайр то шаҳр тавсиф мекард, садояш орому чашмонаш пурнақши табассум буд. Дар роҳ, мегуфт ӯ, барояш мурғон мехонданд, ҷуйборон наво мекарданд, умедҳои ширину ҷавон ба дилаш ҳаяҷон мебахшиданд; вай роҳ мерафту худро аскаре мепиндошт, ки ба ҷанг меравад ва ба ғалабаи худ итминон дорад; ӯ хаёлманд роҳравон, шеър мегуфту суруд мехонд ва пай набурд, ки чи тавр роҳ ба охир расид.

Вале садои ӯ ларзид, чашмонаш дурахшиданд ва ҳамин ки аз шаҳру шаҳриён сухан оғоз кард, тамоми вуҷудашро ҳисси ғазаб фаро гирифт. Он чизҳоеро, ки вай баробари ба шаҳр ворид шудан дид, дар умраш надида буд ва ҳатто ба тасаввурашон ҷуръат намекард. Танҳо ин ҷо, бори аввал дар зиндагӣ, дар пиронсолӣ ӯ дид ва фаҳмид, ки иблис чи гуна тавонову зиштӣ чи гуна зебост,

одамон чи гуна махлуқи нахифу тарсуву ночизанд. Аз тасодуфи носозгор аввалин хонае, ки вай ворид шуд, хонаи фисқу фаҳш буд. Тақрибан панҷоҳ каси серпул бе ҳеҷ гуна меъёр хӯрок мехӯрданду шароб менӯшиданд. Онҳо масти шароб шуда, сурудҳо мехонданд, бебокона чунон суханони қабеҳу хунук мегуфтанд, ки шахси худотарс ба гуфтанашон ҷуръат намекунад; беҳад озод, бардам, хушбахт буданд онҳо, на аз Худо, на аз иблис, на аз марг метарсиданд, балки ҳар чи мехостанд, мегуфтанду мекарданд, ҳар ҷо дилашон мехосту пояшон мекашид, мерафтанд. Шароби арғувонӣ бо ҷилои тиллоиаш дилу ҳуши ин тоифаро ба қайд гирифта ва, аз афташ, ниҳоят лазизу хушбӯй буд, зеро ҳар кас баъди нӯшиданаш қаноатмандона табассум менамуд ва боз нӯшидан мехост. Ба табассуми кас шароб низ бо табассум ҷавоб мегардонд ва вақте ки онро менӯшиданд, хушбахтона ҷило медод, гӯё медонист, ки чи лаззати аҳриманонае дар худ нуҳуфтааст.

Мӯйсафед ҳамоно бештар ба шӯр омада, аз ғазаб гириста, чизҳои дидаашро нақлу тавсиф мекард. Дар рӯи миз, дар байни айёшон, мегуфт вай, зани гумроҳи нимбараҳнае меистод. Махлуқе аз он зеботар ва дилкаш-тарро тасаввур кардан ва дар табиат пайдо намудан амри муҳол аст. Ин махлуқи ҳаром ҷавон, мӯйдароз, сабзина буд, чашмони сиёҳу лабони сергӯшт дошт, лоқайдонаву бешармона дандонҳои барф барин сап–сафедашро намоиш дода табассум менамуд, гӯё мехост бигӯяд: «Бубинед, чи беҳаё ва чи зебоям ман!» Қабатҳои шинами шоҳиву парча рӯи китфони ӯ мехобиданд, вале зебоӣ намехост зери либос пинҳон бимонад ва чун сабзаи навхези баҳорон аз зери хок, аз зери қабатҳои либос зӯран бадар меомад. Зани беҳаё шароб менӯшид, суруд мехонд ва худро ба ихтиёри ҳар касе медод, ки ӯро мехост.

Сипас мӯйсафед бо дастони аз шиддати ғазаб ларзон аз хусуси пойгаи аспон, ҷанги говон, театрҳо, коргоҳҳои

рассомон, ки он ҷо сурати занони бараҳнаро мекашанду аз лой месозанд, ҳикоят кард. Ӯ бо ҳаяҷон, ниҳоят бо шавқ ва лаҳни ағонӣ сухан мекард, гӯё ба торҳои ноаёне нохун мезад, роҳибони ҳайратзада ҳар сухани ӯро бо тамоми вуҷуд гӯш мекарданд ва аз шиддати ҳаяҷон ҳатто нафас намекашиданд... Мӯйсафед тамоми наҷобати иблис, дилкашии бадӣ, ҷаззобияти бемисоли ҷисми ҳароми занро тавсиф карду иблисро лаънат хонд, сӯи ҳуҷрааш роҳ гирифт ва аз пасаш дарро баст...

Вақте ки ӯ субҳи рӯзи дигар аз ҳуҷрааш бадар омад, дар дайр аз роҳибон касе намонда ва ҳама ба шаҳр фирор карда буданд.

***Элчин***
*(адиби озарбойҷонӣ)*

# ИШҚИ АВВАЛИ БАЛАДАДАШ

Дар Обшорон, дар худи соҳили баҳр, деҳае воқеъ буд. Дар осмони ин деҳа офтоб медурахшид ва чунон гарму чунон сӯзон медурахшид, ки ҳама дар хонаҳояшон панаҳ бурда буданд.

Албатта, ба ғайр аз хонаҳои якошёнаву дуошёна, инчунин ҳавлиҳое, ки бо чӯбдевор ё сангдевор иҳота карда шудаанд, ба ҷуз хушаҳои ранговардаи ангур, меваҳои сурхи анор, дарахтони анҷиру тут, ба ҷуз офтоби сӯзон боз баҳр ҳам буд ва ҳоло резамавҷҳои он нарму ором рӯи регҳои соҳилро мешустанд.

Дар деҳа воқеан ҳам ба ҷуз Балададаш гӯё касе набуд; Балададаш зери дарахти тут, дар бари роҳи байни-колхозӣ менишаст ва гӯё аз гармии тоқатфарсои нимарӯз парвое надошт; сояи на он қадар калони дарахт кайҳо аз ҷое, ки ӯ менишаст, ба ҷои дигар лағжидааст, вале Балададаш ҷои нишасташро дигар намекард, ҳамоно зери офтоби сӯзон пинак мерафт, ба тан куртаи рах-рахи трикотаж, шалвори васеъ ва ба пойҳои луч шиппак ҳамоно менишаст. Боз ҳатман бояд гуфт, ки сарашро кулоҳи калоне зеб медод ва ҳар замон қатраҳои арақ аз таги ин кулоҳ шорида, чеҳраи хароби Балададашро шуста поён мечакиданд.

Мошини боркаше, ки болояш пур аз бочкаҳои пиво буд, тарақ-туруққунон гузашта рафт ва Балададаш чашмонашро, ки аз асари бехобии дишабаи дар мубориза бо кӯрпашаҳо гузаронида сурх шуда буданд, кушод, аз паси мошин нигоҳ кард, сипас бо чашмони нимпӯш ба офтоб, ба сояи аз ӯ дуршудаи тут нигарист, вале аз ҷой наҷунбид. Фақат хамёзае кашид.

Аз паси сангдевор сари писарбачае намоён шуд. Балададашро дида писарбача ғайб зад, вале худи ҳамон лаҳза дарбачаи дарвозаи нилгуни ҳавлӣ боз шуд ва писарбача ҷониби Балададаш равон гашт; дар як дасти ӯ нону панир, дар дасти дигараш чӯб буд; вай ба назди Балададаш омад, бозистод, луқмае аз нону панир газид ва чӯбро дароз кард:

— Ҳамин чӯба тарошида те, хай!..

Балададаш хомӯш монд. Писарбача боз нонро газид ва ғурунгос зад:

— Хай, тарошида те!..

Боз садое дарнаёмад. Писарбача кавшакунон боз хоҳиш кард:

— Хай, акнун…

Балададаш чашмонашро нимпӯш карда, ба писарбача чунон назар кард, ки гӯё ӯро бори аввал медида бошад ва гуфт:

— Рав, ғам нате!

Писарбача ниҳоят луқмаро фурӯ бурду саросема ба гап даромад:

— Вақте ки Аҳмадоқоро ба армия мегирифтанд, магар нагуфта будӣ, ки ба ҷои вай барои чавгонбозӣ чӯб тарошида медиҳӣ?

Балададаш ҷавобе надод.

— Дирӯз аз Аҳмадоқо хат омад, – суханашро давом дод писарбача, – пурсидааст: «Балададаш ба ту чӯб тарошида медиҳад?» Ва боз навиштааст: «Аз номи ман

ба Балададаш саломи оташин расон». Ба худо! Саломи оташин!

Боз Балададаш чизе нагуфт. Вай даст ба киса бурду қуттии «Аврора»-ро берун овард, сигаретае гирифту пушти гӯшаш гузошт, қуттиро аз нав ба киса монд ва танҳо акнун дасти дигарашро ба кисаи дигараш бурд, аз он кордчаи сафариеро берун овард, кушод, теғи кордчаро ба нохунаш бурда, тезии онро санҷид ва гуфт:

— Биёр ин ҷо.

Писарбача саросема ба ӯ ҷӯбро дод. Балададаш онро гирифт, аз ҳар тарафаш синчакунон нигарист ва ба тарошидан сар кард. Боз дарбачаи дарвозаи рӯбарӯ кушода шуд, зане берун омад ва писарбачаи дар назди Балададаш истодаро ҷеғ зад:

— Оқонаҷаф, ҳо Оқонаҷаф!

Оқонаҷаф ҷониби модараш нигарист:

— Ҳа?

— Биё, бачаҳо қатӣ шин, ман бозор меравам.

Оқонаҷаф аввал ба модар, баъд ба Балададаш нигаристу охирин луқмаи нону панирро ба даҳан андохта гуфт:

— Тамом ки кардӣ, ҷеғ зан, омада мегирам, хай?

Балададаш машғули кор буд ва гуё чизеро нашунид.

Оқонаҷаф давон ба ҳавлӣ рафт. Занак аз паҳлуи Балададаш гузарон қадаммониашро сусттар кард.

— Корҳо чӣ хел, Балададаш, модарат чӣ хел?

— Нағз, – ҷавоб дод Балададаш, сарашро набардошта.

— Кай аскарӣ меравӣ?

— Тирамоҳ.

— Иншоолоҳ! Аҳмадоқо он ҷо барои хондан ба курс даромадааст.

Балададаш сарашро бардошту ба занак нигарист.

— Ман ҳам медароям.

— Иншооллоҳ!

Занак ба роҳаш рафт, Балададаш бо чӯб машғул шуд ва ногаҳон аз паси ӯ фарёд кард:

— Ба Аҳмадоқо аз ман салом расонед, саломи оташин. Ин хел нависед: «Балададаш ба ту саломатӣ мехоҳад!»

Занак табассумкунон сар ҷунбонд.

— Ташаккур, менависем, ҳазор ташаккур, – гуфт вай ва дар хамгашти кӯча ғайб зад.

Ва боз дар деҳаи бекас ҳамон офтоби сӯзон буду Балададаш, ки зери дарахти тут нишаста, бо диққат чӯб метарошид.

Ва боз баҳр буд, ки дар масофаи на он қадар дур ба осмон мечаспид.

Осмон софу беғубор, баҳр орому беғаш, бинобар ҳамин ҳам чунин менамуд, ки ҳеҷ гоҳ дар олам на борон будаасту на бӯрону тӯфон ва умуман на ҳеҷ чизе ба онҳо монанд.

Аввал садои мотор ба гӯш расид, сонӣ мошини боркаш намоён шуда, аз паҳлуи Балададаш гузашта рафту тақрибан бист қадам дуртар таваққуф кард.

Болои мошин аз бистару кӯрпаҳо, курсичаҳои чӯбин, ҷевони калони либосмонӣ, миз пур буд ва умуман ба назар мерасид, ки касе кӯч бастааст.

Ронанда моторро хомӯш кард, хез зада ба замин фуромад, ба атроф чашм давонду гуфт:

— Ҳа, ҳамин ҷо.

Зани фарбеҳе базӯр аз кабина баромада, дуру дароз ба баҳр нигарист.

— Худо умри Муродро дароз кунад, – ниҳоят гуфт вай. – Дар ҷои аҷиб дача гирифтааст.

Ронанда аз кисааш калид баровард, қулфи калони ба дарвоза овезонро кушод ва ба ҳавлӣ нигарист. Дарахтони анҷир, биҳӣ ва анор ҳавлии хурдакаки дилкашро зери сояи худ гирифта буданд. Дар паси хонаи якошёна токи

ангур, дар бари он шипанг воқеъ буд ва ҳоло дар сояи ин шипанг панҷ-шаш сор чаҳ-чаҳ мекарданд.

Зани фарбеҳ муддате дар дами дар истод.

— Севил, азизам, бин, ин ҷо чӣ қадар зебост! – Занак ба қафо нигарист ва андаке бо ҳайрат ба ронанда чашм дӯхт.

Ронанда атрофро аз назар гузаронду гуфт:

— Ҳеҷ чизро намефаҳмам...

Дар ин муддат занак гирди мошинро як давр зада баромад.

— Севил! Ту куҷоӣ, Севил?

— Сева-хонум! – дод зад ронанда, ба нӯги пой хест ва ба болои мошин назар кард.

Балададаш, ки дер боз дар зери дарахти тут менишасту тамоми ёду ҳушаш ба чӯбтарошӣ банд буд, сарашро бардошт, ҷониби мошини боркаш нигарист ва аз нав машғули кори худ шуд.

Зани фарбеҳ, нафасгир шуда, давон худро ба ронанда расонд:

— Рафту бача дар роҳ аз мошин афтида монда бошад-чӣ, а?

Ронанда нороҳат шуд, ба болои мошин нигарист, занак бошад, акнун бо тамоми овоз фарёд мезад:

— Севил! Севил!

Ниҳоят овози маҳини духтарак садо дод:

— Ҳа, очаҷон?

— Зани фарбеҳ, чашмонаш аз косахона баромада, ба ронанда нигарист. Ӯ бошад, китф дарҳам кашид ва ин даъфа хам шуда ба зери мошин нигоҳ кард.

Занак боз дод зад:

— Севил!

Ва ҳамин дам якбора дари ҷевони либосмонӣ, ки дар болои мошин буд, шароққӣ кушода шуду духтари нозукандоме дар лабонаш табассум, бар тан куртаи сафед, тамоман офтобнахӯрда, мӯйҳояш хурмоӣ намоён шуд.

Зани фарбеҳ дастонашро ба қафаси сина пахш кард.

— Ба ту шӯхӣ… Ман қариб гурдакаф шуда будам, – гуфт вай ва табассум намуд.

Ронанда гӯё навакак фаҳмида бошад, ки зери офтоби сӯзон истодааст, аз ҷайбаш дастрӯймоли калоне бароварду араќи рӯяшро пок кард.

Севил чун сақои пинг-понг аз болои лабаи мошин ҷаҳида фуромад ва Балададаш, ки аз ӯ чашм намеканд, фавран ҳис кард, ки тамоми вуҷудашро аланга фаро гирифт. Вай аз ҷояш хест ва ин дафъа ба соя гузашта нишаст.

Севил ба ҳавлӣ сар халонду якбора қарсак зад:

— Ваҳ! Чӣ хел зебо! Чӣ хел назаррабо!..

Зани фарбеҳ ҳавличаи дилкашро, ки дар он мебоист тобистонро мегузарониданд, бори дигар аз назар гузаронд ва бори дигар табассум намуд – вай ҳам худаш ва ҳам барои духтараш хурсанд буд.

— Хайр, биё, чизу чорaро дарорем, ҷобаҷо кардан даркор.

Ронанда лабаи мошинро фуровард ва ба даровардани борҳо ба ҳавлӣ шурӯъ намуд. Севил ва модараш сумкаҳо ва дигар майда-чайдаҳоро мекашонданд. Баъзан зани фарбеҳ ба Балададаш, ки бепарвоёна зери дарахти тут менишаст, нигоҳи хашмолуд мепартофт. Гӯё мегуфт, ки магар намебинӣ, мардум кӯчида омадаанд, ба ҷои ёрӣ расонидан дар соя дами беғам мезанӣ.

Балададаш нигоҳҳои норозиёнаи зани фарбеҳ ва ронандаро, ки куртаи сафед ба баданаш часпида кор мекард, ҳис менамуд, вале Балададаш Балададаш буд, вай ҳеҷ кас, ҳатто падарашро намегузошт, ки дар нисбати ӯ ҳукмфармоӣ кунад, балки кардани он кореро афзал медонист, ки табъи дилаш бошад.

Зани фарбеҳ нафасгир мешуд, ҳарчанд шояд барои вай ин кори ҷисмонӣ он қадар ҳам зарарнок набошад.

Севил бошад, чун гунҷишкаке чаҳ-чаҳкунон давида омада, китобе ё буғчаеро мегирифту ба хона мебурд ва боз бармегашт.

Ниҳоят ронанда дар болои мошин ба ғеҷонидани ҷевони кӯҳнаи либосмон шурӯъ кард. Зани фарбеҳ дигар тоқат карда натавонисту ба Балададаш гуфт:

— Ҳе, бача, камтар ёрдам кун, намебинӣ, ки мо аз ҳол рафтаем?

Балададаш сарашро бардошт, ба зани фарбеҳ нигоҳ кард ва пурсид:

— Шумо ба ман гап задед?

— Ҳа … Набошад ба кӣ?

Балададаш сар то пои ӯро аз назар гузаронду гуфт:

— Бо худатон ҳаммол ҳам меовардед, мешуд.

Даҳони зани фарбеҳ боз монд, ронанда бо ғазаб ҷониби Балададаш нигарист, хост чизе бигӯяд, вале ҳамин дам Севил, ки дар назди дар меистод, ба Балададаш нигоҳ карда, қиқирос зад ва ронанда хомӯш монд.

Балададаш аз зери лапари калони кулоҳи худ бо диққат ба Севил нигарист, сипас чӯбро ба замин гузошта, аз ҷой хест, кордчаро баст ва паси шалвори васеъашро афшонда, оҳиста ба назди мошин равон шуд.

Севил бо ҳайрати хурсандиомез ба кулоҳе, ки дар ин гармо сари Балададашро зеб медод, ба сигаретаи пушти гӯши ӯ нигоҳ карду боз қиқирос зад.

Балададаш ба духтар як песонида нигаристу дигар ба вай аҳамият надода, пуштакӣ ба мошин ҷафс шуд ва дастонашро бардошт.

Ронанда аввал дудила шуд, чунки ҷевон ниҳоят калон буду бача, аз афташ, на он қадар бақувват, вале ҳисси боварии Балададаш ба ӯ низ асар намуд ва вай зӯр зада, ҷевонро ба пушти Балададаш тела дод.

Балададаш ҷевонро бо дастонаш дошта, ба по истода тавонист, вале пеши чашмонашро торикӣ пахш

намуд ва аз дилаш гумоне гузашт, ки агар ҳозир аз зери ин бор худро халос накунад, на армияро хоҳад дид ва на курсҳоеро, ки Аҳмадоқо ба хондан даромадааст.

Ҷевон аз пушти Балададаш ғеҷида фуромад ва тарақкоскунон ба роҳрави мумфарш бархӯрд.

Севил дид, ки Балададаш сиҳату безарар аст, қоҳ-қоҳзанон баланд хандид ва садои хандаи вай зани фарбеҳро гуё аз хоб бедор намуд:

— Ваҳсей-е!...*

Балададаш аввал ба ҷевони чаппашуда, ба дари шикастаи он, баъд ба Севил нигаристу ғурунгос зад:

— Ҳеҷ гап не, таъмир мекунем.

— Чиро таъмир мекунем, – оромона гуфт модари Севил, – чиро таъмир мекунем? Бин, ки чӣ кор кардӣ!

Севил боз қоҳ-қоҳзанон хандид.

Ронанда бо ҳайрат аз боло ба Балададаш менигарист, лабонаш бесадо меҷунбиданд.

Балададаш бошад, нигоҳашро аз ҷевон канд, аз нав ба Севил нигарист ва ногаҳон фаҳмид: ин духтар, ки вай ҳамагӣ ним соат пеш дидааст, каси барояш ниҳоят азиз ва наздик аст; ин ҳиссиёт тамоми вуҷудашро фаро гирифт ва нохост ба ӯ чунин намуд, ки вай дар баҳр шино мекунад, ӯро мавҷҳои баҳр навозишкорона ба оғӯш мегиранд ва каси дигареро, ки мисли Балададаш баҳрро эҳсос кунад, фаҳмад ва дӯст дорад, ёфтан кори ниҳоят душвор буд.

Ишқи аввали Балададаш ана ҳамин тавр оғоз шуд ва рӯзи аввали ин ишқ бо воқеаи ҷевон анҷом ёфт. Балададаш аввал паси шалвори васеъашро афшонд, сипас, гӯё воқеае рӯй надода бошад, баргашт ва чунон оҳиставу бепарво дур шуд, ки танҳо Балададаш метавонист ин тавр роҳ гардад.

---

*. Ваҳсей – мухаффафи «Ваҳ Ҳусейн». Ҳусейн номи яке аз писарони шаҳиди Алӣ буд (мутарҷим).

Дар чунин вақти рӯз дар баҳр, ба ғайр аз моҳиҳо, танҳо Балададаш шино мекард: моҳиҳо наменамуданд, аммо сари Балададаш дар рӯи об сиёҳӣ мекард, нест мешуд, падид меомад; Балададаш чунон ором шино мекард, ки хамӯшиву оромии баҳр заррае халал намепазируфт.

Балададаш ба пушт гашт ва осмони обӣ, аниқтараш, чашмони обии духтари чеҳрасафеду хурмоимӯйиро дид. Вай Севил ном дошт.

Ин духтари хандон ҳоло дар ҳавлии нави худ зери дарахти калони анҷир менишаст, вале дигар намехандид. Вай панҷаҳои ҳарду дасташро аз байни мӯйҳои хурмоии пушти сараш гузаронида, чашмони калон-калонашро ба осмон дӯхта буд; ба осмон менигаристу шеър мехонд:

*Аҳд карда будем ҳангоми видоъ*
*Бар ишқи ҷовидон…*
*Нуҳуфта буданд асрори дилҳо*
*Дар нагмаи мургон…*
*Ҳангоми хайрбод гитор гирифтам,*
*Нохун задам ба тор,*
*Як-як бигуфтам асрори худро*
*Бо қалби беқарор…*
*Чун лашкари гам голиб биёмад,*
*Он тор канда шуд…*
*Ҷонон, ту бингар, ба ёдат чӣ сон*
*Дил умре банда шуд!*
*Ёде бикун зи ман, дорам илтиҷо,*
*Ёде зи ман бикун,*
*Ба хотири ишқ дар фасли баҳор*
*Сайри чаман бикун…*

Сипас вай дастҳояшро ба ду тараф дароз карда, хамёза кашид ва танҳо ҳамин дам Балададашро дид, ки болои девор менишаст. Духтар аввал андаке шармид, сипас пурсид:

— Ту ҳам шеърро дӯст медорӣ?

— Набошад чӣ?

— Бисёр шеър аз ёд медонӣ?

Балададаш ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

— Наход? – Севил аз ҷой як қад парида хест. Вай гӯё ба суханони Балададаш бовар накард. – Канӣ, ягон чиз хон-чӣ.

— Чӣ, ин ҷо мактаб аст магар?..

Албатта, Балададаш чанд шеър аз ёд медонист, вале Балададаш онро низ медонист, ки ягонтои ин шеърҳо сазовори Севил нест, яъне онҳо шеърҳое набуданд, ки дар ҳоли ҳозир барои Севил хонда шаванд; Балададаш инчунин медонист: бо духтаре, ки ҳамин тавр худ ба худ, ба осмони соф назаркунон шеър мехонад, зарифона, навозишкорона ва ниҳоят оқилона бояд гап зад, вале ҳамаи гап ҳам дар сари он буд, ки вай, Балададаш, зарифонаву навозишкорона ва ба замми ин ниҳоят оқилона гап зада наметавонист.

Умуман, Балададаш инро танҳо ҳамин ҳозир фаҳмид, ҳамин ҳозир фаҳмид, ки вай ҷавони мактабро дар ҳаждаҳсолагӣ хатмкарда, устои машҳури чӯбтарошӣ барои ҷавгонбозӣ, қобилияти бо духтар зарифонаву навозишкорона гуфтугӯ кардан, дар сӯҳбат гапҳои оқилона гуфтан надорад

Оре, албатта, Балададаш ҳис мекард: духтаре, ки аз девори ӯ болояш нишаста ҳамагӣ дар масофаи даҳ метр истодааст, дар асл аз олами вай ниҳоят дур аст, вале дар умқи дили худ Балададаш онро низ ҳис мекард, ки рӯзе мерасаду дар соҳили баҳр, дар шаби пурситораи тобистон, ки ҳатман шаби салқин бояд бошад, ин масофа метавонад ниҳоят маҳдуд шавад, ҳатто тамоман аз байн равад ва ин духтари зебо метавонад ӯро навозиш бикунад, чунонки мавҷҳои баҳр навозишаш мекунанд, метавонад аз лабонаш бибӯсад.

Ва Балададаш гӯё ҳақиқатан ҳам ин бӯсаро дар лабонаш ҳис намуд, як қад парид ва гунаҳгорона ба духтар нигарист.

Дуруст аст, ки Севил дар бораи андешаҳои Балададаш чизе намедонист, вай аз он тамоман бехабар буд, ки лаҳзае қабл аз ин чеҳраи харобу офтобхӯрдаи ӯро бӯсид. Севил кулоҳи калони Балададашро ба завқ тамошо мекард ва Балададаш фаҳмид, ки ҳамин ҳозир барои ӯ шеър нахонданаш кори ниҳоят бад шуд.

Дар айвон модари Севил лӯбиё мешуст. Вай ҷониби плита гашта, газро даргиронданӣ шуду дар болои девор Балададашро дид.

— Ҳей, ту он ҷо чӣ кор мекунӣ? – дод зад ӯ. – Ту барои чӣ болои девор баромадӣ?!

Балададаш парида поён фуромад, шалвори васеъашро афшонд ва бо нӯги шиппакаш регро телакунон ба кӯча рафт.

Модари Севил ба болои лӯбиё тухми хом рехт, оташро ниҳоят паст карду ба реза кардани панир даромад. Ногаҳ дарвозаи чӯбин ғичиросзанон кушода шуд, Балададаш ду сатили пур аз обро базӯр дароварду дар мобайни ҳавлӣ гузошт.

Модари Севил ба Балададаш бо ҳайрат менигарист. Балададаш низ муддате ба ӯ нигаристу сипас гуфт:

— Оби Шоллар. Мана, барои шумоён овардам. Истифода кунед.

— Рав, бача, рав, – гуфт зани фарбеҳ. – Аз ту касе чизе илтимос надорад, рав, хоҳиш мекунам, аз пайи кори худат шав…

Балададаш, ки аз зери кулоҳи лапаркалони гарм ба рӯяш ҷӯяҳои арақ мешориданд, баргашт ва мехост сатилҳоро гирифта аз ҳавлӣ бадар равад.

Ӯро овози модари Севил боздошт:

— Ин воқеан ҳам оби Шоллар аст?

Balададаш қадаммониашро суст кард ва ба ақиб рӯй оварду гуфт:

— Ба кулоҳам қасам, оби Шоллар, бовар намекунед?

Модари Севил гӯё чизе нашунид.

— Чӣ?

Балададаш сатилҳоро ба замин монд, бо кафи даст ба лапари кулоҳаш як силӣ зад:

— Э-э, ба кулоҳам қасам, оби Шоллар, чиба бовар намекунӣ?

Ногоҳ Севил аз хона сар бароварда ба ҳавлӣ нигарист.

— Чӣ, чӣ? – пурсид вай. – Ба кулоҳам қасам?.. – ва бо завқи тамом қоҳ-қоҳзанон хандид.

Балададаш нафаҳмид, ки Севил ҳоло барои чӣ механдад; умуман хандаи вай маъқулаш буд, вале кулоҳ ба ин чӣ муносибат дорад? Не, ӯ наметавонист аз ин духтар биранҷад.

— Хайр, бисёр хуб, модом ки овардаӣ, ин ҷо биёр, вале дигар худатро азоб надеҳ, илтимос, – гуфт зани фарбеҳ.

Балададаш сатилҳоро ба айвон бурда, обро ба зарфи калони тунукагӣ рехт. Дар ҳамин вақт «Москвич»-и сурхе назди дарвоза омада истоду садо дод. Модари Севил аз шодӣ дасту по гум карда монд.

— Мурод омад! Сева, Мурод омад!

Севил аз хона давида баромад. Модар, ҳузури Балададашро фаромӯш карда, дастони тарашро бо сачоқ хушккунон низ ба ҳавлӣ фуромад.

Мурод марди қадбаланди тақрибан сисола, хушрӯву чеҳракушод буд. Вақте ки вай аз мошин баромада ба ҳавлӣ медаромад, аз тамкину оромӣ ва эътимоде, ки аз ваҷоҳаташ бармеомад, ҳама чиз дар атроф гӯё тағйир ёфт. Сабаби ин тағйиротро Балададаш намефаҳмид.

— Хайр, чӣ хел? – пурсид Мурод. – Чӣ хел ҷойгир шудед?

— Оличаноб, – гуфт Севил ва аз зери бағали Мурод гирифт; агар ҳузури модараш намебуд, вай гардани ӯро оғӯш мекард.

Ва модари Севил инро ҳис карду дасту по хӯрда гуфт:

— Ин ҷо бисёр нағз… Бисёр ҳам оличаноб…

Мурод ба атроф чашм давонд ва маълум буд, ки аз муҳит розист.

— Дар шаҳр чунон гарм, – хабар дод ӯ, – ба нафасгирӣ ҳаво намерасад.

Севил ба чашмони ӯ нигарист.

— Ту хаста нашудӣ? – гуфт вай ва чунон гуфт, ки модараш боз гӯё дасту по хӯрда монд; духтар ошкоро ба Мурод мечаспид.

Дар ин лаҳза касе фикр ҳам намекард, ки дар олам Балададаш ном одам ҳаст ё нест, лекин вақте, ки ин Балададаши аз ёди ҳама фаромӯшшуда, сатилҳои холӣ дар даст, аз бари онҳо гузаштанӣ шуд, Мурод пурсид:

— Ин кӣ?

Севил ба Балададаш як назар партофт – аз зери кулоҳи ӯ ҷӯяҳои арақ ба рӯяш мешориданд – ва қоҳ-қоҳзанон хандид.

— Вай ба мо ду сатил оби Шоллар овард, – эзоҳ дод модари Севил.

Севил бошад, ҳамоно механдид.Балададаш бозистод ва ба Севил нигарист. Балададаш парво надошт, ки дар бари ин духтар марде истодааст, ки чеҳрааш аз мӯйлаби сиёҳ ҳеҷ накостааст ва ин мард «Москвич»-и наппа-нави сурх дорад ва шояд ба ӯ маъқул нашавад, ки Балададаш ба дилбари вай чашм дӯхтааст; Балададаш фақат мехост, ки ба ин чашмони обии ногоҳ барояш азизгашта, ба ин мӯйҳои хурмоӣ, ба ин рӯи сафед нигараду нигарад. Ва ӯ менигарист.

Мурод аз кисааш тангаи яксӯмае бароварду ба Балададаш дароз кард:

— Гир.

Балададаш аз мӯйҳои хурмоӣ, чашмони обӣ, рӯи сафед нигоҳашро канд ва ба он яксӯма назар кард.

Вақти дигар мешуд, Балададаш, албатта, ҳақорат медод, ё ин тангаро гирифта ба осмон ҳаво медод, умуман ягон кори ба ҳамин монанд мекард… Вале гап дар сари он буд, ки дар ин лаҳза Балададаш тамоман худашро гум карда монд, чунки ин дам дар бари вай духтари зебое меистод, ки метавонист ба осмони соф нигариста, шеърҳои оличаноб бихонад ва ҳоло ин духтар ба тангаи яксӯма чашм дӯхта буд.

Модари Севил гуфт:

— Вай ҳамту овард, Мурод, медонӣ, бепул.

Мурод табассум кард.

— Ҳеҷ гап не, бигзор рафта пиво нӯшаду ташнагиша шиканад.

Балададаш сатилҳои холиро бардошта, хомӯшона аз ҳавлӣ баромад.

Аз қафо овози Мурод шунида шуд:

— Кам нест?

Сипас ҳамон духтаре, ки чашмони обӣ, рӯи сафед ва мӯи хурмоӣ дошт, боз қаҳ-қаҳзанон хандид.

Ду моҳ буд: яке дар осмону дигаре дар баҳр ва он моҳе, ки дар баҳр буд, рӯи резамавҷҳо мерақсид. Балададаш дар соҳил менишаст.

Дар тамоми соҳил ба ҷуз Балададаш, ки кайҳо боз аз моҳи баҳр чашм намеканд, каси дигаре набуд.

Ниҳоят Балададаш аз ҷой хест, шалвори васеъи худро афшонд ва аз бари харсангҳо гузашта, аз соҳил оҳиста ҷониби деҳа рафт.

Аз хонаи Оқоначаф садои баланди мусиқӣ меомад: Қодир Рустамов «Сона булбул»-ро* мехонд ва Балададаш ба оҳанги ҳамин мусиқӣ ба болои девори сангине, ки ҳавлии Севилро иҳота мекард, баромад ва аз торикӣ ба айвони равшан нигарист.

Севил, модари ӯ ва Мурод дар айвон гирди хонтахта нишаста чой менӯшиданд.

— Ба ҳаққи худо, мошина оҳиста ҳай кун, – мегуфт модари Севил.– Дили ман бо ту мешавад. Ин ҷо телефон ҳам нест, ки баъди ба шаҳр расиданат занг бизанӣ.

Мурод табассум кард:

— Ман бе ин ҳам оҳиста ҳай мекунам. Хавотир нашавед.

— Хайр, ҳамин ҷо мон, – гуфт Севил.

— Не, нағз намешавад, – баъди лаҳзае гуфт Мурод.

— Тезтар тӯйи шумоя мекардем, – оҳ кашид модар.

Балададаш аз болои девор парида фуромад ва шалвори васеъашро афшонда, хомӯшона аз ҳавлии Севил дур шуд.

Боз нимарӯз ва боз ҳам ҳаво ниҳоят гарм буд. Танҳо дар соҳил ва дар баҳр одам бисёр буд – рӯзи шанбе!

Балададаш навакак аз об баромад: нимэзори сиёҳу дароз, ки то зонуҳояш мефуромад, ба ронҳои харобаш часпида буд.

Оқоначаф бо чӯби тарошида регро кофта-кофта ба ӯ наздик шуд.

— Мо имрӯз аз Аҳмадоқо хат гирифтем. Вай ба ту салом мерасонад. Мегӯяд, ки ба назди ман ба вилояти Амур биёяд. Мегӯяд, ки ин ҷо ба курсҳои нағз ба хондан медарояд. Аз он ҷо бошад, мегӯяд, ба академияи ҳарбӣ

*. Сона булбул – навои булбул.

даромадан ҳам душвор нест. Ман худи ҳамин рӯз ба вай ҷавоб навишта гуфтам, ки Балададаш ба ту саломи гарму ҷӯшон мерасонад.

— Хайр, ба ту чӣ? – ногоҳ ба гап даромад Балададаш. – Барои ту чӣ фарқ дорад?!.. – Сипас болои рег хамёза кашид, ба офтоб назар кард.

Писарак аз Балададаш ин хел суханонро интизор набуд, бинобар ин оҳиста аз ӯ нигоҳашро гурезонд. Баъд «Москвич»-и сурхеро, ки ба соҳил меомад, нишон дода гуфт:

— Сардор меояд.

— Кӣ? – пурсид Балададаш.

— Сардор-дия, – ҷавоб дод Оқонаҷаф.

— Кӣ ин сардор?

— Ҳу, ана, дар «Москвич»-и сурх.

Балададаш ба оринҷҳояш такя кард, нимхез шуд.

— Мо ҳамсоядухтари нав дорем, – давом дод бача. – Ин шавҳаршавандаи ҳамон. Онҳо барои тобистонгузаронӣ ин ҷо омадаанд, тирамоҳ мераванд. Модари вай мегӯяд, ки ин сардор аст. Медонӣ, модари вай чӣ қадар вазн дорад? Худи вай чи хел зебо, модараш бошад, қариб сад кило.

Балададаш нимхез шуда ба Севилу Мурод назар кард.

Мӯйҳои хурмоии Севил рӯи китфони сафедаш хамида буданд. Пойҳои лучи Севил, кафҳои пои лучаш регро гӯё навозишкорона сила мекарданд. Муроди бӯзбалаву мушакҳояш дамида Севилро кашолакунон худро ба об зад ва ҳарду аз соҳил ба баҳри кушод шино карда рафтанд.

Балададаш дар бахр буд ва дар баҳр ба ҷуз Балададаш ва Севил каси дигаре набуд. Севил дар болои об рӯи дасти Балададаш мехобид. Балададаш ба рӯи сафеди Севил, ба торҳои дар рӯи об парешони мӯйҳои хурмоӣ, ба

лабони пуртабассуме, ки пичиросзанон шеър мехонданд, менигарист.

Ин ҳолат хеле идома ёфт, баъд Севил дасташро дароз карда, рӯи ӯро сила намуд ва кафашро ба лабони вай пахш кард. Балададаш ин кафи аз асари оби баҳр шӯртаъмро мебӯсид, мебӯсиду ба дуродур менигарист.

Хати хираю обии уфуқ ба ин бахти баҳрӣ гӯё ҳад мегузошт.

Балададаш ҷониби Севил, ки рӯи дасташ мехобид, хам шуду мӯйҳои хурмоии ӯ ва баҳрро бӯсидан гирифт.

— Пору ҳаст барои боғ, даркор нест?

Балададаш нигоҳашро аз баҳр канд, ба мӯйсафеди дар ароба нишаста, ба хари пашмрехтае, ки аробаро мекашид, нигарист.

— Мегӯм, ки барои боғ пору даркор нест?

Балададаш ҳайрон монд, ки ин мӯйсафед якбора аз куҷо пайдо шуд, боз ба баҳр нигарист, вале он ҷо дигар на Севил буд, на мӯйҳои хурмоии ӯ. Вай аз ҷой хест, шалвори васеъи худро афшонд ва ба мӯйсафеде, ки мунтазири ҷавоб буд, чизе нагуфта, аз соҳили аллакай бекас ҷониби деҳа равон шуд.

Ароба бошад, чархҳояш ғиҷиросзанон, қад-қади соҳили нимторики Обшорон роҳашро давом медод.

Вақте ки Балададаш болои сангдевор баромада, ба айвони чароғони хонаи Севил назар кард, аллакай тамоман торик шуда буд. Духтар дар курсии аз қамиш бофта танҳо менишаст, дар дасташ китобе буд.

Ногаҳ Севил чашмонашро аз китоб канд, ба торикӣ, ба ҷонибе, ки Балададаш болои девор менишаст, бо диққат назар карда гуфт:

— Ту боз болои девор баромадӣ?

Дили Балададаш канда шуд ва ба замин афтод – то ин дам ҳеҷ гоҳ бо Балададаш чунин ҳолат рух надода буд.

— Ман медонам, ки ту дар болои девор нишастаӣ, – гуфт Севил. – Дина ҳам он ҷо нишаста будӣ. Гумон мекунӣ, ки намедонам? Ҳоло Мурод биёяд, гӯям, медонӣ, аҳволи ту чӣ мешавад?

Балададаш хомӯш буд. Танҳо қурбоқаҳо вақ-вақ мекарданд – аз афташ, борон меборад. Ва боз малаххо чиррос мезаданд – чунон баланд, ки садояшон тамоми деҳаро пур карда буд. Аз хона садои кадом як мусиқӣ ба гӯш мерасид – аз афташ, аз телевизор кино нишон медоданд ва модар тамошо мекард.

Севил боз ба гап даромад:

— Намефаҳмам, ба ту чи даркор? Магар ман муносиби туям? Ту як дар оина ба кулоҳат назар кун... Ой, булаҷаб... Аз рӯи он ба моҳ парвоз кардан мумкин. – Ва Севил қаҳқосзанон хандид.

Аз хона модараш сар баровард:

— Ту бо кӣ гап мезанӣ?

— Бо ҳеҷ кас. Худам бо худам. – Севил боз хандид. – Чӣ, магар мумкин нест?..

Балададаш фаҳмид, ки вақти ба замин фуромадан ва аз ин ҷо рафтан расидааст, инчунин аҳд кард, ки дигар ҳеҷ гоҳ болои ин девор нахоҳад баромад. Балададаш ҳамаи инро нағз фаҳмид, вале дасту пои ӯ гӯё фалаҷ шуда буданд, ҳамаи гап ҳам дар сари ҳамин буд, ки дасту пояш ба вай тамоман итоат намекарданд...

Севил дигар намехандид. Ниҳоят вай бо қаҳр дод зад:

— Чӣ, қантар карда мондагӣ барин шиштан мегирӣчӣ? Мехоҳӣ, ки ман ба касофати ту дар ин гармӣ дар хона шинам?

Севил аз ҷой бархост, ба хона даромад ва аз паси худ дарро тараққос занонда пӯшид.

Балададаш боз муддате вақ-вақи қурбоқаҳо ва чирчири малаххоро гӯш карда нишаст, сипас ниҳоят аз болои девор фуромад.

Ин дафъа вай фаромӯш кард, ки паси шалвори васеъи худро афшонад.

То деҳа роҳ дур буд ва Балададаш ҳар ду дасташро ба киса андохта, зери офтоби сӯзон рост аз байни роҳи мошингард қадам мезад.

Аз паси ӯ «Москвич»-и сурх расида омад, истод ва Мурод аз тирезаи мошин сар бароварду гуфт:

— Шин, бурда мемонам.

Балададаш аввал ба «Москвич»-и сурх, баъд ба деҳаи дур нигарист, дар кисааш чизеро тагурӯ кард, сипас назди мошин омаду дар паҳлӯи Мурод нишаст.

«Москвич»-и сурх роҳашро давом дод.

Мурод нигоҳашро аз роҳ наканда, пурсид:

— Мехонӣ?

— Акнун намехонам. Мактабро тамом кардам.

— Кор ҳам намекунӣ?

— Тирамоҳ ба армия меравам. Вақте ки бармегардам, баъд кора сар мекунам.

— Ба армия? – изтеҳзо кард Мурод. – Чӣ, худат рафтан мехоҳӣ?

— Ҳа, худам. – Балададаш ба Мурод чунон назар афканд, ки агар ӯ дар ин лаҳза ба роҳ нигоҳ намекард, шояд дасту по гум карда мемонд.

Мурод гуфт:

— Кори ту ванг, йигити безан, ба ҳар ҷое, ки дилат хоҳад, рафтан мегирӣ. Метавонӣ ҳар рӯз бо як духтари нав гардӣ. – Сипас дасташро дароз кард, чизмонаки мошинро кушод ва қуттичаи хурдакакеро баровард.

Дар қуттича гӯшворҳои тилло мехобиданд.

Мурод суханашро давом дод:

— Кошки ғаму ташвиши ту ба ман мебуд. Мана, ба тӯй тайёрӣ дидан даркор. Як худи тӯҳфаҳо чӣ қадар. Ғайр аз ин боз… – Вай суханашро тамом накард, гӯшворҳоро аз қуттӣ баровард, онҳоро ба кисачаи пеши синаи куртааш

гузошт ва қуттии холиро ба Балададаш дароз кард. – Гир, ба ҳар ҳол қуттичаи зебо. Вагарна вақте ки тӯҳфаро дар қуттича пешкаш мекунӣ, гумон мекунанд, ки гӯё чанд пул харҷ карданатро нишон доданӣ бошӣ. Дар рӯи қуттича ҳама вақт нархашро менависанд.

Балададаш хомӯшона қуттичаро гирифт, сипас оромона гуфт:

— Ҳамин ҷо нигоҳ дор, ман мефуроям!

«Москвич»-и сурх дар даромади деҳа, дар ҷое, ки пайраҳаи регпӯш ба ҷониби баҳр оғоз мешуд, истод. Балададаш аз мошин баромад, даст ба киса бурд, се тангаи бисттина баровард ва онҳоро як-як ба курсии мошин партофту гуфт:

— Ин ҳаққи оварда монданат. Ҳазор раҳмат,– дарро пӯшид ва паси шалвори васеъи худро афшонда, ҷониби баҳр равон шуд.

Мурод аз паси ӯ ким-чиҳо гуфта дод мезад, вале Балададаш баргашта нигоҳ накард.

Вай бо пайраҳаи регпӯш мерафту мерафт, баъд қуттичаро рӯи рег партофт ва чунон бо нӯги пояш онро лагад зад, ки қуттича ба осмони ҳафтум парида рафт. Ба куҷо афтида бошад – номаълум.

Балададаш роҳравон кулоҳи аэродромашро аз сар, куртаи рах-рахи трикотаж ва шалвори васеъашро аз тан, шиппакҳояшро аз пой кашида, ҷониби баҳр тохт ва, ана, ӯ алакай рӯи об хобид, баданашро ба оғӯши резамавҷҳо андохту ба осмон нигарист: осмон ранги обӣ дошту бузург буд ва дар ин лаҳза ин осмони бузург ва ин баҳри беканор танҳо ба вай тааллуқ доштанд.

Таърихи ишқи аввали Балададаш ана ҳамин тавр ба охир расид ва ин таърихи ишқро вай танҳо як бор ба хотир оварда буд – вақте ки поезд ӯро ба вилояти Амур мебурд, ба хотир оварду дар лабонаш таъми мӯи хурмоии тарро эҳсос намуд.

# ОХИРСУХАН

Дар ду соҳили болооби дарёи Чирчиқ, дар байни кӯҳсорон, бештар аз 20 деҳаи хурду калони тоҷикнишин воқеанд. Яке аз калонтарини онҳо деҳаи Боғистон аст, ки сокинонаш худро аз қавми Шайх Умари Валӣ – падари Шайхантаҳури Чочӣ ва бобокалони Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрори Валӣ – медонанд. Мақбараи Шайх Умари Валӣ, ки дар овони кӯдакиву наврасии ман зиёратгоҳи тоҷикону ӯзбекҳо, туркманҳову қирғизҳову қазоқҳо буд, ҳоло мақоми Мамнӯъгоҳи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дорад ва дар даромадгоҳи деҳаи Боғистон воқеъ аст.

Модарам мегуфт, ки ман вақти гули зардолу дар ганҷина (анбори хӯрокворирo дар гӯиши мо ганҷина мегӯянд) ба дунё омадаам ва таъкид мекард, ки ризқам аз азал бо худам аст. Яъне, ман 6-уми апрели соли 1947 дар деҳаи Боғистони ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Қазоқистони Ҷанубӣ таваллуд ёфтаам. Соли 1956 ноҳияи моро ба вилояти Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон гузарониданд.

Бобои падариам Муҳаммадризо ва бибиам Қурбонҷон аз аҳли Тӯси Эрон буда, дар солҳои 80-и қарни 19 ҳангоми яке аз таъқиботи мазҳабӣ ҳамроҳи се оилаи ҷавони дигар аз Бухоро фирор карда, оқибат дар деҳаи Боғистон маскун шудаанд. Модарам нақл мекард, ки вақте бобову бибиат байни худ сӯҳбат мероостанд, мо суханони онҳоро ками андар кам мефаҳмидем.

Бобои модариам мулло Рафиқ таҳҷоӣ ва аз аҳли китоб буд. Дар байни мардуми деҳа эътибори калон дошт. Ман саводи ибтидоӣ ва аввалин оятҳои Қуръонро то 5-солагиам аз ӯ омӯхтаам.

Падарам марди ҷисман хеле қавӣ, малламӯй ва чашм-кабуди зоҳиран бадқаҳр, вале аслан нармдил буд. Мо, фарзандон, ки 10 нафар будем, аз бархӯрд ба нигоҳи падар метарсидем. Азбаски ҳақгӯву адолатпеша ва носеҳтабиат буд, аҳли деҳа ӯро «падар» лақаб гузошта, дар ғайбаш ин лақабро ба номаш илҳоқ мекарданд. Модарам зани хеле ҳалим, беозор, камгап ва меҳрубон буд. Ман, ки фарзанди кенҷа будам, аз тарбия ва меҳрубониҳои модар бештар бархурдор гардидаам.

Аз кӯдакӣ сӯҳбатҳои тӯлонии падарам бо дӯстони тӯсиаслаш дар бораи Маҳдии охирзамон, Даҷҷол ва хари ӯ бештар дар ёдам мондааст. Онҳо шомҳои дарози зимистон аз расидани қиёмат ва хари Даҷҷол чунон ривоят мекарданд ва ман ба андозае метарсидам, ки гӯё қиёмат худи ҳамин шаб қоим мешаваду ман фирефтаи Даҷҷол шуда, аз паси хари ӯ ба ҷаҳаннам равон мешавам. Биноан, шабҳо дарбачаи таҳхонаро боз мемондам, то ҳангоми омад-омади Даҷҷол зуд худро ба таҳхона занаму пинҳон шавам.

Дар 6-солагӣ ба мактаби миёнаи деҳа рафтам. Бародарам Абдуқодир факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи Хуҷандро хатм карда буд ва ба мо аз ин фанҳо дарс мегуфт. Ман аз синфи 8-ум ба ӯ дар тафтиши иншои ҳамсинфонам ва талабагони синфҳои 9 ва 10 ёрӣ мерасонидам. Тақрибан 10-12 сол доштам, ки дар клуби деҳаамон филми ҳиндии «Ҷаноби 420»-ро нишон доданд. Дар он филм саҳнае ҳаст, ки хонум Ритаи муаллима ба кӯдакон бо суруд дарси чистон мегӯяд, ки тақрибан чунин садо медиҳад:

*И чи, ки дана, и чи, ки дана?*
*Дана ҳу пур дана,*
*И чи, ки дана?...*

Баъди тамошои он филм кӯдакони ҳамсол ва аз худам хурдтари маҳалларо шомгоҳон ҷамъ мекардаму дар бехи девор шинонда, ин сурудро мехондем, вале давомашро намедонистем. Ман, ки саркардаи ин ҳангома будам, ҳамеша дилу хотирам ба ҳавои пайдо кардани давоми ин суруд ё чизи тоҷикии ба ин монанд банд буд. Ва рӯзе тасодуфан дарёфтам, ки худи чистони Рита аслан тоҷикист. Баъдан ин чистонро дар шакли тоҷикӣ ва бо истифода аз чистонҳои китоби хониш ба ин тарз мехондам:

*Ин чӣ, кӣ донад? Ин чӣ, кӣ донад?*
*Донад, ӯ пур донад.*
*Ин чӣ, кӣ донад?*

*Об дар об чӣ бошад,*
*Ҳавзи гулоб чӣ бошад?*
*Оташ расад, ях кунад,*
*Онро ҷавоб чӣ бошад?*
*Ин чӣ, кӣ донад?..*

Ва кӯдакон бо як овоз ҷавоб медоданд: «тухм!» Ҳамин тавр, «Уштуркуланги бедум» ва дигар чистонҳоро ба шакли суруд даровrouterда мехондем.

Гумон мекунам, ки кӯшиши шеърро фаҳмидану донистан дар ниҳодам аз ҳамон овони кӯдакӣ пайдо шуда буд. Шояд ба ҳамин сабаб баъдҳо фаъолияти илмиву адабиамро асосан ба тадқиқу нақди шеър пайвастам.

Бародарам мехост, ки ман инженер ё табиб шавам, вале ғайри ихтиёри худаш дар замини дилам тухми муҳаббатро нисбат ба сухан мекишту мепарварид.

Ман мехостам журналист шавам. Он вақт факултаи журналистика фақат дар Донишгоҳи давлатии Тошканд буд, ки шӯъбаи тоҷикӣ надошт. Ман бошам, адабиёти ӯзбекиро нахонда будам, забони ӯзбекиро ба дараҷаи навиштани иншо ё диктант намедонистам. Бинобар ин ба Душанбе омада, ҳуҷҷатҳоямро ба шӯъбаи филологияи тоҷики факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супоридам. Аз имтиҳоноти 4 фан 19 хол гирифтам ва комиссияи ректорат ба ман пешниҳод кард, ки агар хоҳиш дошта бошам, ба шӯъбаи шарқшиносӣ мегузаронанд. Хурсандии маро ҳадду канор набуд, зеро он вақтҳо шӯъбаи шарқшиносӣ шӯҳрату эътибори беандоза дошт.

Ба ҳамин тариқ, соли 1963 донишҷӯи шӯъбаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва сокини шаҳри Душанбе шудам. Дар ин шаҳр мани 16-сола на хеш, на шинос, на ҳамдеҳае доштам, ки қабл аз ман омада бошад.

Донишгоҳро соли 1968 бо дипломи аъло хатм намудам ва бо маслиҳати устодони донишгоҳиам Акбар Зореъ ва Худоӣ Шарифов ба аспирантураи Шӯъбаи (баъдтар Институти) шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон дохил шудам. Азбаски дар даврони салтанати Н. С. Хрушчёв дар мактабҳои олӣ кафедраҳои ҳарбӣ баста шуда буданд, моҳи ноябри соли 1968 маро ба хизмати ҳарбӣ даъват карданд. Баъди як соли хизмат дар шаҳри Советски вилояти Калининград ба Душанбе баргаштам ва барои барқарор шудан дар аспирантура ба мушкилоте бархӯрдам, ки агар дасти ёрии мудири аспирантураи Академияи илмҳо Гулрӯз Наврӯзов намебуд, мани бекас ба истилоҳ дар кӯча мемондам. Ниҳоят ба таҳсил дар аспирантура барқарорам карданд, вале тақрибан як соли мӯҳлати таҳсил бидуни роҳбари илмӣ ва мавзӯи таҳқиқ гузашт. Директори Институти шарқшиносӣ академик Абдулғанӣ Мирзоев дар айни замон мудири шӯъбаи мо

буд ва ҳар ҳафта аз ман конспекти асарҳои Бартолд, Бертелс, Саид Нафисӣ, Ризозодаи Шафақ, Рашид Ёсимӣ, Забеҳуллои Сафо, Абдулҳусейни Зарринкӯб ва дигар олимонро оид ба таърих ва адабиёти Эрон талаб мекард. Дар ибтидо сахтгирии ӯро нисбат ба худ хӯрдагирӣ мепиндоштам ва меранҷидам, вале баъдҳо фаҳмидам, ки ин ҳама маҳз ба фоидаи ман будааст.

Моҳи сентябри соли 1970, ҳангоми дар рухсатӣ будани А. Мирзоев, мудири бахши Афғонистон Сайфулло Саидов ва муовини директор Шарафбону Пӯлодова бо эроншиноси маъруф аз Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶСШ Вера Борисовна Кляшторина маслиҳат карда, барои роҳбарии илмӣ ва идомаи таҳсили ман дар Москва розигии ӯро гирифтанд. Соли 1973 рисолаи номзадиамро дар мавзӯи «Қасида ва анъанаҳои он дар эҷодиёти Маликушшуаро Баҳор» дифоъ карда, барои кор ба Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон баргаштам.

Фаъолияти тақрибан сесолаам дар ин Институт маро водор кард ба хулосае оям, ки дар он муҳиту шароит ҷиддан машғул шудан ба таҳқиқи шеъри муосири форсӣ имконнопазир аст. Аввалан, матбуоти адабии Эрон, ба истиснои баъзе шумораҳои маҷаллаи «Сухан», инчунин осори адибону олимони адабиётшиноси он кишвар ба китобхонаҳои Душанбе намерасиданд. Яъне коре, ки дар ин самт мо мекардем, аз доираи такрори таҳқиқоти эроншиносони Москва фаротар намерафт. Бо вуҷуди ин чанд мақолаи шогирдона дар мавзӯи шеъри нави форсӣ таълиф намудам. Сониян, шояд бо айби ҷавонӣ ва ғурури нозарури ман бошад, ситораамон бо академик Абдулғанӣ Мирзоев аз аввал он қадар мувофиқ наомад ва ман барои фаъолияти илмиам дастгирие аз ҷониби эшон ҳис намекардам.

Биноан, бо маслиҳати устоди зиндаёдам Носирҷон Маъсумӣ, ҳамзамон бо кори илмии эроншиносӣ, ба

таҳқиқу нақди адабиёти тоҷик шуғл варзидам. Ба ин самти фаъолият дар оғози кор аз ҷониби устоди шодравон Шарифҷон Ҳусейнзода, корманди онвақтаи маҷаллаи «Садои Шарқ» Фотеҳ Абдулло ва махсусан адабиётшиноси маъруф Атахон Сайфуллоев низ ҷалб ва ташвиқ шудам.

Баъди интишори ду-се мақолаву тақризам оид ба масоили адабиёти имрӯз ва назарияи адабиёт моҳи ноябри соли 1975 А. Сайфуллоев, ки сармуҳаррири Энсиклопедияи советии тоҷик (ЭСТ) буд, маро ба кор даъват намуд. Аз ҳамон вақт то охири соли 1978 дар Сарредаксияи илмии ЭСТ дар вазифаи мудири редаксияи таърихи Тоҷикистон, археология ва этнография кор кардам. Солҳои фаъолият дар ЭСТ илова ба тавсеаи доираи дониш кӯшидам, ки кори таҳрир ва тарҷумаи бадеиро ҳатталимкон биомӯзам ва дар ин ҷода тарҷумони соҳибзавқ Ҷумъабой Азизқулов ҳидоятгарам буд.

Дар оғози соли 1979 аз тариқи озмун ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳо ба кор гузашта, дар он ҷо то моҳи апрели соли 1991 дар вазифаҳои ходими калон, ходими пешбари илмӣ ва муовини директор оид ба илм фаъолият кардам. Дар ин боргоҳи илм бо олимони варзида Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҷаб Амонов, Расул Ҳодизода, Абдуқодир Маниёзов, Раззоқ Ғаффоров, Владимир Капранов, Лариса Демидчик, Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ, Хуршеда Отахонова, Ҳамроқул Шодиқулов, Юсуф Акбаров ҳамкор будам ва ҳар қадоми онҳо дар такмили донишу тавсеаи биниши ман нақше гузоштаанд.

Охири моҳи марти соли 1991 дар анҷумани нависандагони Тоҷикистон муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагон интихоб шуда, дар ин вазифа то моҳи марти соли 1998 фаъолият намудам. Ин давра барои тамоми ҷумҳурӣ, аз ҷумла барои Иттифоқи нависандагон, замони хеле ноором ва имтиҳоноти ҷиддӣ буд. Дар ҳамдастиву

ҳамкорӣ бо аксари кулли адибони ҷумҳурӣ мо кӯшидем ягонагиву иттиҳодро дар ин созмони эҷодӣ ҳифз намоем. Дар ин марҳила устодон Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ, адибони маъруф Аскар Ҳаким, Абдулҳамид Самад, Убайд Раҷаб, Гулназар, Саттор Турсун, Меҳмон Бахтӣ, Раҳмат Назрӣ, Ӯрун Кӯҳзод ва даҳҳо ҳамқаламони дигарро бештару беҳтар шинохтам ва аз ёриву маслиҳатҳои онҳо ҳам дар кори роҳбарӣ ва ҳам дар фаъолияти илмиву адабӣ бархурдор шудам.

Аз 16 марти соли 1998 то 22 ноябри соли 2005 бо амри Президент Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов мудирияти шӯъбаҳои иттилооти омма, иттилоотию таҳлилӣ ва фарҳанги Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯҳда доштам. Кор дар Дастгоҳ бароям мактаби бузурги сиёсӣ ва роҳбарӣ буд. 22 ноябри соли 2005 ба вазифаи муовини аввали раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шудам. Фаъолиятам дар муассисаҳои илмиву адабӣ ва вазифаҳои масъули давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), орденҳои Шараф-дараҷаи I (2003) ва Дӯстӣ (2005) тақдир карда шуд, ки хеле сипосгузор ва сарафрозам.

❁ ❁ ❁

Дар куҷое ва дар кадом вазифае кор карда бошам, худро аз доираи илму адабиёт берун надонистаам ва пайваста кӯшидаам, ки фаъолиятамро дар риштаҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ идома диҳам.

Аксари навиштаҳоям ба шеъри даврони шӯравӣ ва имрӯз алоқаманд аст. Агарчи аз ҷавонӣ андак завқи шеър гуфтан доштам, ҳеҷ гоҳ ҳавасу даъвои шоирӣ накардаам. Чанд шеъре, ки дар ин китоб ҷой додам, бо ташвиқи дӯстони шоирам Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ ва Низом Қосим сурат гирифт.

## Осори илмиву адабиётшиносӣ:

1. Таърихи адабиёти советии тоҷик (инкишофи жанрҳо), ҷ. 1. Душанбе, 1984 (дар ҳаммуалифӣ бо Х. Мирзозода ва А. Сайфуллоев).

2. Абулқосим Лоҳутӣ. Душанбе, 1987 (дар ҳаммуаллифӣ бо Х. Отахонова ва Ҳ. Шодиқулов).

3. Нуқтаи назар. Душанбе, 1990 (маҷмӯаи мақолаҳо).

## Тарҷумаҳо:

1. С. Баруздин. Такрори дарсҳои гузашта (роман), Душанбе, 1984.

2. О. Ёқубов. Виҷдон (роман), Душанбе, 1984.

3. Элчин. Ишқи аввали Балададаш (қиссаву ҳикояҳо), Душанбе, 1986.

4. Б. Василев. Субҳи ин ҷо сокит аст (қисса), Душанбе,1988.

5. Ю. Збанатский. Хорпушти олиҳиммат (ҳикояҳо), Душанбе, 1988.

6. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ. Падаркуш (намоишнома, тарҷума аз туркӣ), Душанбе, 1996.

***Апрели соли 2006***

# МУНДАРИҶА

## I. Пиндорҳо

Шеър ҷаҳони шоир аст ........................................................... 5
Шеъре, ки завқ парварад ........................................................15
Паёми дӯст ..............................................................................22
Сиёсат ба адабиёт бештар ниёз дорад ..................................33
Назмро дар тапиш оварда .....................................................48
Мо гуфтаҳои мардуми бечора гуфтаем ..................................55
Ҷамъият, кӯдак, адабиёт .........................................................62
Аз қиссаи «Шамъу парвона» то ғазалиёти истанбулӣ .........73
«Қаламам умри ҷовидони ман аст» .......................................87
Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ..............................................................94
Сирру сеҳри сухан ..................................................................107
Танҳоӣ .....................................................................................111

## II. Ингорҳо

Фиреби оина ..........................................................................163
Машқи ғазал ..........................................................................164
Таманно ..................................................................................165
Лаҳзаи ҷудоӣ ..........................................................................166
Боғи хаёл ...............................................................................167

Ниёиш ....................................................................................168
Гирифторӣ ..............................................................................169
Гурез аз сиёсатбозон ...........................................................170
Ғазали дарё ..........................................................................171
Падруд ....................................................................................172
Аҷз ...........................................................................................173
Яъс ............................................................................................174
Фарёди лол .............................................................................175
Пазмонӣ ..................................................................................176
Хумори ёр ..............................................................................177
Ба дӯст ....................................................................................178
А. П. Чехов. Беунвон ...........................................................179
Элчин. Ишқи аввали Балададаш ........................................185
Охирсухан .............................................................................205

*Абдураҳмони Абдуманнон*

# ПИНДОРҲО
# ВА
# ИНГОРҲО

Ороиши ***Азизи Раҷабиён***
Муҳаррири
саҳифабандӣ ***М. Саидова***
Тарроҳ ***Ф. Раҳимов***
Ҳуруфчинии ***Р. Шералӣ***

Ба матбаа 05.05.06 таҳвил гардид. Чопаш 12.05.06 ба имзо расид. Андозаи 84x108 1/32. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 6,75. Адади нашр 700 нусха. Супориши №22/06.

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе,
кӯчаи Н.Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи нашриёти «ЭҶОД» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: ejodfir@mail.ru.